**ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА**

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ 891.550**
**ТКБ 83.3 Тоҷ**
**М - 87**

**МУРОДЗОДА БАХТИЁР САЙАЛӢ**

# БЕДИЛШИНОСӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

**Диссертатсия**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ**
**аз рӯйи ихтисоси 10. 01.00 - Адабиётшиносӣ, (10.01.01-Адабиёти тоҷик)**

**Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ,**
**профессор Қурбонзода Рухшона Қурбон**

**Душанбе – 2025**

**МУНДАРИҶА**

**МУҚАДДИМА..........................................................................................3-13**

**БОБИ I. БАРРАСИҲО ДАР МАВРИДИ ЗАМИНАИ ШИНОХТИ БЕДИЛ ВА МУҲИТИ АДАБИИ ЗАМОНИ Ӯ ДАР ТОҶИКИСТИОН.................................................................14-59**

I.1Омӯзиши вазъи замон ва зиндагиномаи Бедил..............................14-39

I.2 Муҳити адабӣ ва таъсири он ба эҷодиёти шоир............................40-59

**БОБИ II. ТАҲЛИЛИ МУНДАРИҶАВИЮ ҒОЯВӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕИИ ОСОРИ ШОИР АЗ ҶОНИБИ МУҲАҚҚИҚОНИ ТОҶИК.................................................................................60-112**

II.1 Хусусиятҳои мундариҷавию ғоявии осори ғиноии шоир.............60-98

II.2 Вижагиҳои забон ва тарзи баён..................................................99-112

**БОБИ III. ТАЪСИРИ БЕДИЛ БА ШОИРОНИ МОВАРОУННАҲР ВА НАҚДУ БАРРАСИИ ОН ДАР БЕДИЛШИНОСИИ ТОҶИК......113 -158**

III.I Заминаҳои маърифатӣ ва ҳунарии нуфузи Бедил дар ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр..........................................................................113-136

III.2 Равишҳои таъсирпазирии шоирони Мовароуннахр аз тарзи сухани Бедил.........................................................................................137-158

**ХУЛОСА .................................................................................159-167**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ ...........................................................................168 - 169**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ................................................................170-184**

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия ..........................................185 - 186**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Абулмаонӣ Мирзо Абдулқодири Бедил дар ҳавзаи адабиёти форсии тоҷикӣ дар шумори бузургтарин суханварон шинохта шуда, ба василаи ҳунари хос ва беназири шоирӣ, шеваи тозаи нигориш, равиши бесобиқаи мазмунбандиву маънисозӣ ва тасвирпардозӣ соҳиби чунин ҷойгоҳи баланд гаштааст.

Мақоми ҳунарии вай ба ҷое расид, ки дар адабиёт тарзи хоси сухангустарии бедилона ё ба қавли машҳур "сабки бедилӣ", "мактаби бедилӣ", "забони бедилӣ" зуҳур кард ва чеҳраи соҳибаш ба қавли Бедил "хориҷи абнои ҷинс гардид".

Ҳамин ҳодисаи муҳимми адабӣ сабаб гардид, ки дар таърихи адабиёт мактаби бедилшиносӣ ба вуҷуд ояд ва мустақиман ба таҳқиқ ва арзёбии рӯзгор ва осори шоири бузург пардозад. Ҷуғрофиёи ин соҳаи адабиётшиносӣ васеъ буда, Ҳиндустону Покистон, Эрону Афғонистон ва Тоҷикистонро фаро мегирад.

Бидуни муболиға, бедилшиносӣ дар Тоҷикистон аз замоне шуруъ мешавад, ки мардуми тоҷик ба андешаву оро ва ҳунари ин шоири бузург пайванди ҳамешагӣ ёфт. Ин ҳодиса фақат ба тақлиди сабки Бедил аз ҷониби шоирони ҳавзаи Мовароуннаҳру Хуросон маҳдуд намешавад, балки шеъри ӯ, ба пайбурди Шафеъии Кадканӣ, дар доираҳои адабӣ ва зиндагии оммаи мардуми тоҷик нуфузи амиқ пайдо карда, шарҳу тафсирҳое низ ба вуҷуд омад. Ба шаҳодати устод Айнӣ Бедил дар байни оммаи халқи Осиёи Миёна, хусусан дар байни тоҷикон ва ӯзбекон шуҳрати калон дорад. Аз вақте ки нусхаи дастнависи асарҳои ӯ ба ин сарзамин омадааст, мунтахаби ғазалиёт ва рубоиёташ ба барномаи мактабҳои кӯҳна даромадааст.

Яке аз омилҳое, ки боиси ташаккул ва таҳаввули тадриҷии бедилшиносӣ дар Тоҷикистон аз ибтидои асри XX ба ин тараф гардид, тамоюли зеҳнии мардум ва аҳли илм ба шеъри пурасрори шоири бузург мебошад. Дар ин равиш дастовардҳои бедилшиносони тоҷик бедилшиносии ҷаҳониро ғанӣ сохта,  ба сатҳи баландтаре бардошт. Ҳамчунин дар роҳи табъу нашр ва арзёбии паҳлӯҳои гуногуни рӯзгор ва осори Бедил корҳои қобили мулоҳиза анҷом гирифт. Аз ин рӯ муайяну мушаххас сохтани ин дастовардҳо барои адабиётшиносӣ масъалаи мубрам буда, метавонад барои рушди минбаъдаи таҳқиқи воқеъбинонаи осори Бедил ва сабки ҳиндӣ заминаи мусоид фароҳам оварад.

Солҳои ҳафтод, ҳаштод ва навадуми садаи бист ва даҳсолаи аввали садаи бисту якро метавон давраи нави бедилшиносӣ, яъне давраи дуюми он дар Тоҷикистон унвон кард. Дар ин марҳилаи инкишофи бедилшиносӣ дар радифи муҳаққиқони шинохта Абдурауфи Фитрат, С. Айнӣ, Н. Бектош, А. Мирзоев, Х. Мирзозода ва дигарон саҳми донишмандон С. Амирқулов, С. Сиддиқов, М. Афсаҳов, Б. Раҳимӣ, Н. Нурзод ва дигарон бузург буда, ҷустуҷӯҳои онҳо вижагиҳо ва афзалиятҳои бедилшиносии тоҷикро мушаххас месозад. Тамоюлҳои дақиқ ва мукаммали шинохт ва бозсозии зистномаи Бедил, кашфи чеҳраи инсонӣ ва ҳунарии ӯ аз дастовардҳои бедилшиносӣ дар Тоҷикистон мебошанд.

Ба ин тартиб, бедилшиносӣ дар Тоҷикистон равишҳо ва хусусиятҳои хос дошта, таърихи он ба таври марҳилавӣ, чунон ки лозим аст, омӯхта нашудааст. Зиёда аз ин, бедилшиносии тоҷик хусусиятҳо ва равишҳои хоси ташаккул ва таҳаввул дошта, маводи дар ин замина мавҷудбуда, ба таҳқиқ ва арзёбии холисона ниёз дорад. Он чи ки зикр шуд, мубрамият ва зарурати омӯзиш, таҳқиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи ин мавзуъро таъкид менамояд.

**Дарачаи таҳқиқи мавзуъ.** Мавзуе, ки мавриди таҳқиқ қарор дорад, ҳанӯз ба таври алоҳида ва ҷомеъ таҳқиқ ва арзёбӣ нашудааст. Вале пайванди маънавии мардуми тоҷик ва аҳли адаби Мовароуннаҳр ба шеъри Бедил, ба таҳлилу тафсири он реша дар замонҳои пешин дорад. Ба ин далел, сароғози таҳқиқу арзёбии ашъор ва андешаҳои Бедил ба замони шарҳу тафсирнависиҳо ба шеъри шоир пайванд мехӯрад. Дар ин росто аввалин андешаҳоро доир ба шеъри Бедил ва маънию муҳтавои он Аҳмади Дониш дар "Наводир-ул-вақоеъ" баён кардааст[1]. Зуфархон Ҷавҳарӣ ва баъзеи дигар низ бар ашъори Бедил шарҳҳо навиштаанд, ки ҳанӯз дар нимаи дуюми садаи нуздаҳум ва ибтидои асри бист заминаро барои шинохти шеъри шоир фароҳам овардааст.

Дар замони нав Абдурауфи Фитрат ва Садриддин Айнӣ[2] мактаби нав ва илми бедилшиносии тоҷикро асос гузоштанд. Агар рисолаи Фитрат шарҳу тавзеҳи мухтасари шарҳи ҳол ва осори Бедилро фаро гирифта бошад, устод Айнӣ бо тарғибу талқини Бобоҷон Ғафуров[3] ба таҳқиқи ҳаматарафаи замони зиндагӣ, шарҳи ҳол ва осори шоир оғоз ниҳод, ки минбаъд ба равиши асосии бедилшиносӣ дар Тоҷикистон таъсири судманд расонд. Баъдан, дар осори худи Б. Ғафуров низ ин мавзуъ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст ва хидматҳои ӯ дар ин замина аз ҷониби аҳли таҳқиқ арзёбӣ шудааст.

Дар таҳқиқоте, ки баъдтар доир ба рӯзгор ва осори Бедил анҷом гирифтаанд, низ ба баъзе паҳлӯҳо ва равишҳои бедилшиносӣ ва саҳми ин ё он муҳаққиқ дар он ба таври мухтасар ишора шудааст. Дар ин замина аз сарсухане, ки Э. Бертелс ба китоби устод Айнӣ "Мирзо Абудрқодири

---

[1] Дониш, Аҳмад. Наводир-ул-вақоеъ. Китоби 2 [Матн]. / Аҳмади Дониш. – Душанбе: Дониш, 1989. – 344 с

[2] Бақозода, Ҷӯрахон, Шукуров, Муҳаммадҷон. Аввалин фикру мулоҳизаҳои устод Айнӣ дар бораи Бедил [Матн]. / Ҷӯрахон Бақозода. Нависанда ва идеали замон. – Душанбе: Адиб, 1987. – С. 224-232.

[3] Нурзод, Нуралӣ. Бобоҷон Ғафуров ва таҳаввули мактаби бедилшиносӣ дар Тоҷикистон [Матн]. / Нуралӣ Нурзод // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии "Академик Бобоҷон Ғафуров-мутафаккири бузурги Шарқ", бахшида ба 110 солагии зодрӯзи Қаҳрамони Тоҷикистон, аллома Бобоҷон Ғафуров. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. – С. 147-150.

Бедил” навиштааст, ба алоҳидагӣ метавон ёд кард. Ин мақола аввалин намунаи нақди холисонаи асари устод Айнӣ доир ба рӯзгор ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил буда, равиши асосии ҷустуҷӯҳои бедилшиносии марҳалаи аввалро дар мисоли таҳқиқоти ёдшудаи устод Айнӣ муайян ва мушаххас менамояд.

Дар таҳқиқоте, ки минбаъд аз ҷониби Холида Айнӣ, Юсуф Салимов, Расул Ҳодизода, Ансор Афсаҳов, Ислом Исмоил, Субҳон Амирқулов, Кароматулло Олимов, Абдунабӣ Сатторзода, Абдуманнони Насриддин, Бобобек Раҳимӣ, Нуралӣ Нуров, Насиба Содиқова, Боймурод Шарифзода, Бахтиёр Ҳамдамов, Мирзо Одина, Рустам Тағоймуродов, Мусо Олимҷонов, Комилҷони Саидолим, Рустами Ваҳҳоб[4] ва дигарон низ анҷом гирифтааст, арзёбиҳои мухтасар доир ба таълифоти бахшида ба рӯзгору осор ва шарҳу тавзеҳи ашъори Бедил ба назар мерасад.

Таҳлили таърихи омӯзиши мавзуъ нишон медиҳад, ки фаъолияти бедилшиносон ва осори дар ин замина таълифшуда ба дараҷае, ки лозим

[4] Айнӣ, Холида. Бедил и его поэма “Ирфон” [Матн]. / Холида Айнӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1956. – 127 с.; Салимов, Юсуф. Хусусиятҳои ғоявии осори Мирзо Бедил [Матн]. / Юсуф Салимов. Ёдгори умр. Ҷилди 2. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – С. 251-258; Ҳодизода, Расул. Аҳмади Дониш [Матн]. / Расул Ҳодизода. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 294 с.; Ҳодизода, Расул, Афсаҳ, Ансор. Муддаӣ, даргузар аз даъвии тарзи Бедил... [Матн]. / Расул Ҳодизода, Ансор Афсаҳ [Матн]. / [Матн]. / Ҷумҳурият. - !992. – 24-уми октябр; Исмоил, Ислом. Шарҳи Бедил. Дастор ҷӯшонад [Матн]. / Ислом Исмоил // Ҷумҳурият. – 1992. – 16-уми май; Амирқулов, Субҳон. Айнӣ ва Бедил [Матн]. / Субҳон Амирқулов // Садои Шарқ. – 1968. – 7. – С. 142 -148; Олимов, Кароматулло. Баррасиҳо дар тасаввуф [Матн]. / Кароматулло Олимов. Душанбе: Шарқи озод, 1999 – 140 с.; Сатторзода, Абдунабӣ. Бедилшиносӣ дар Тоҷикистон [Матн]. / Абдунабӣ Сатторзода // Адабиёт ва санъат. – 2017. – 1-уми июн; Насриддинов, Абдуманнон. Ашъори Бедил ва завқи бадеии аҳли Хуҷанд [Матн]. / Абдуманнон Насриддинов // Ҳақиқати Ленинобод. – 1989. – 9-уми сентябр; Раҳимӣ, Бобобек. Шарҳи шаст Ғазали Бедил [Матн]. / Бобобек Раҳимӣ. – Душанбе: Деваштич, 2001. – 290 с.; Садикова, Н. Философия Мирзо Абдулкадира Бедиля [Матн]. / Н. Садикова. – Душанбе: Дониш, 2007. – 248 с.; Шарифов, Б. Муаммои “Парӣ”-и Мирзо Бедил [Ғалате, ки бояд ислоҳ шавад] [Матн]. / Боймурод Шарифов // Омӯзгор. -2012. – 9-уми март; Ҳамдам, Бахтиёр. Савмааи маърифат [Андешаҳо перомуни ашъори Мирзо Бедил ва пайравони ӯ [Матн]. / Бахтиёри Ҳамдам. – Ғончӣ, 1999. – 170 с.; Одина, М. Кафи хоке, ки барбодаш тавон дод: андешаҳо перомуни як байти Бедил [Матн]. / М. Одина // Омӯзгор. – 2012. – 19-уми октябр; Тағоймурод, Р. Равзанаи фаҳм ба баъзе хусусиятҳои ашъори Бедил [Матн]. / Р. Тағоймурод // Адаб. – 1996. – 1-6. – С. 26-35; Олимҷонов, М. Корбурди вежаи бархе аз пасвандҳои исмсоз дар шеъри Бедил [Матн]. / М. Олимҷонов // Номаи садоқат ( маҷмӯаи маҷолаҳо ба ифтихори 60-солагии доктори илмҳои таърих, профессор В. Набиев). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2012. – С. 353-360; Саидолим, К. Нақши устод Айнӣ дар таҳқиқи рӯзгор ва осори Мирзо Бедил [Матн]. / К. Саидолим // Адаб. – 2020. – 2. – С. 5-9; Ваҳҳобниё, Рустам. Мирзо Бедил ва Аҳмади Дониш [Матн]. / Рустами Ваҳҳобниё // Фарҳанг. – 1992. – 1. – С. 28-35.

аст, таҳқиқ ва баррасӣ нашудааст. Он чи ки то ҳол анҷом гирифтааст хеле маҳдуд буда, баъзеи он ҳамчун таҷрибаи таҳқиқ метавонад мавриди назар бошад. Ба ин тартиб, метавон ба ин натиҷа расид, ки таълифоти то ин замон дар ин замина анҷомгирифта тарзу тариқ ва равишҳои усулии бедилшиносии тоҷикро фаро намегиранд. Ин ҳолат зарурати таҳқиқи ҷомеи бедилшиносии тоҷик ва равишу усулҳои онро аз ибтидои садаи бист то имрӯз ба миён мегузорад.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти илмии анҷомёфта дар чаҳорчӯбаи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тайи солҳои 2020- 2024, ки ба пажуҳиш ва нашри осори адибони классикӣ равона шудааст, сурат гирифтааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқ.** Мақсади асосии диссертатсия ҳалли ҳаматарафаи масъалаи таҳқиқ, нашр ва арзёбии рӯзгор ва шинохти марҳилаҳои нашр ва таҳқиқи осори Мирзо Абдулқодири Бедил дар Тоҷикистон мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқ**. Баҳри ба ин мақсад ноил гардидан зарур дониста шуд, ки вазифаҳои зеринро ҳамаҷониба ҳаллу фасл намоем:

- муайян намудани вазъи омӯзиш ва таҳқиқи рӯзгор ва осори Бедил дар Тоҷикистон;
- арзёбии муҳити адабӣ ва алоқамандии шоир бо он дар таҳқиқоти муҳаққиқони тоҷик;
-баррасии дараҷаи сифати нашри осори Бедил;
- мушаххас намудани таҳқиқи хусусиятҳои мундариҷавӣ ва ғоявӣ дар бедилшиносии Тоҷикистон;
- муайян намудани шеваҳои шинохти сабки Бедил ва шарҳу тавҷеҳи ашъори шоир аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик;
- баҳсҳои бедилшиносони тоҷик дар атрофи вежагиҳои забон, тарзи баён ва сабки бедилӣ;
- муайян намудани омилҳои нуфуз ва таъсири Бедил дар Осиёи Марказӣ;
- арзёбии масъалаи тарз ва равишҳои пайравӣ ба сабки Бедил;
- мушаххас намудани дастовардҳо ва камбудиҳои бедилшиносони Тоҷикистон аз ибтидо то имрӯз;
- нақши бедилшиносии тоҷик дар муйяан намудани ҷойгоҳи Мирзо Абдулқодири Бедил дар ҳавзаи адабиёти форсии тоҷикӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Осори таҳқиқии бедилшиносии тоҷик оид ба рӯзгор, аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил, таҳқиқоти дар заминаи ҳаёт ва осори пайравони шоир анҷомгирифта объекти асосии таҳқиқи рисолавӣ мебошад.

**Предмети таҳқиқот.** Масъалаҳои усулии нақду арзёбии таҳқиқоти бедилшиносони тоҷик предмети таҳқиқоти анҷомгирифта аст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқ.** Дарки асосҳои илмӣ ва хусусиятҳои хоси ҷараёни инкишофи бедилшиносӣ дар Тоҷикистон асосҳои назарии рисолаи таҳқиқотиро муайян мекунад. Дастовардҳои назарии муҳаққиқони таърихи адабиёт ва назарияи он М. М. Бахтин, Ю. Л. Лотман, Д. С. Лихачёв, В. Жирмунский, И. С Брагинсикий, Е. Э. Бертелс, Н. И. Конрад, И. Г. Неупокоева, М. Шакурӣ, Х. Шарипов, А. Сатторзода ва дигарон аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Ба ин сабаб, осори илмии аз ибтидои асри бист то рӯзҳои мо доир ба рӯзгор ва осори Бедил таълифшуда таҳлил ва арзёбӣ шуда, қонуниятҳои назарии масъалаи дар миён буда муайян ва мушаххас карда шуд. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқоти дар ин замина анҷомгирифта донишҳои назариро оид ба масъалаи мавриди назар такмил мебахшад.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Дар раванди таҳқиқ ва ҳалли мушкилоти назариявию амалӣ аз усул ва равишҳои таҳқиқи таърихиву қиёсӣ, таърихиву адабӣ истифода карда шуд. Ба ин далел, ки бедилшиносии тоҷик яке аз шохаҳои илми адабиётшиносии минтақа дар бораи Бедил аст, дар ҷараёни таҳқиқ аз усули муқоисавию таърихӣ низ истифода гардид.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Ҳангоми таълифи рисола нашрҳои гуногуни осори Бедил, ки дар Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон чоп шудаанд, истифода гардид. Ҳамчунин осори муҳаққиқони бедилшинос, мавод дар бораи рӯзгори шоир ва муҳити адабии ӯ, осори илмии доир ба замони зиндагии Бедил таълифшуда, намунаҳои осори адабӣ ва илмии муосирон ва пайравони сабки Бедил, сарчашмаҳои таърихӣ, тазкираҳо, номаҳо, қомусҳои соҳавӣ ба ҳайси сарчашмаи асосӣ ва маводи таҳқиқот истифода шуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқ**. Навгони асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ин аст, ки бори аввал нақши бедилшиносии тоҷик дар таҳқиқ ва арзёбии рӯзгор ва осори Бедил мавриди омӯзиш ва баррасии ҳаматарафа қарор гирифтааст. Дар баробари ин, таҷрибаи адабиётшиносони тоҷик дар ин замина имкон дод, ки моҳият ва равишҳои судманди бедилшиносӣ дар Тоҷикистон муайян ва заминаҳову равишҳои ташаккул ва таҳаввули он муайян ва мушаххас карда шавад. Дараҷа ва савияи имрӯзаи дарки масъалаи мавриди назар водор намуд, ки механизми ҳалли масъалаҳои рӯзгор ва осори Бедилро бо дарназардошти дастовардҳои навини афкори таърихию адабӣ дар алоқамандӣ бо ҷараёни инкишофи адабиётшиносии навин таҳлилу арзёбӣ кунем ва мушаххасоти онро муйян намоем. Ба далели он ки таҳқиқи рӯзгор ва осори Бедил мураккаб ва бисёрҷанба аст, масъалаҳои баҳснок ва камомӯхташуда ба ҳалли комили он монеъ мешавад. Бинобар ин, дар диссертатсия дар мабнои масоили баҳснок дастовардҳои илмии бедилшиносони тоҷик ба таври мушаххас арзёбӣ карда шуданд.

**Нуктаҳои асосие, ки ба дифоъ пешниҳод мешаванд:**

1. Бедилшиносӣ дар Тоҷикистон ҳамчун яке аз қисматҳои муҳимми адабиётшиносӣ ҷараён ва равишҳои усулии афкори адабӣ ва илмиро муайян карда, барои шинохти воқеии рӯзгор ва осори Бедил заминаи илмиро ба вуҷуд меоварад. Дар ин замина масъалаҳои бозсозии зистнома, шинохт ва таҳқиқи осори воқеӣ, мушкилоти таҳия ва нашри осори Бедил аз масъалаҳое будааст, ки равиши илмии таҳқиқро дар бедилшиносии тоҷик мушаххас месозад.

2. Муҳаққиқони тоҷик дар шинохт ва арзёбии рӯзгор ва осори Бедил равиши таърихию қиёсиро асос қарор дода, саҳифаҳои торик ва баҳсноки зистномаи шоир ва арзиши бадеиву зебоишиносии осори ӯро муайян намудаанд.

3. Ҷустуҷӯҳои бунёдии бедилшиносони тоҷик ба усулҳои пешрафтаи илмию назариявӣ ва илмию таҷрибавии таҳқиқ ва шинохти замони зиндагӣ, муҳити сиёсӣ, иҷтимоӣ, адабию фарҳангӣ ва тамоюлҳои хоси фикрию эътиқодӣ асос ёфта, заминаҳои воқеиро барои дақиқ шинохтани чеҳраи воқеӣ ва ҷомеъи шоир ба вуҷуд овард.

4. Ҷараёни таҳқиқи рӯзгор ва осори Бедил дар ҳамаи марҳилаҳо мутаносибан ба таҳия ва нашри осори шоир идома ёфтааст. Аввалин иқдом дар ин замина нашри мақолаи Муҳаммадҷон Раҳимӣ ва Абдусалом Деҳотӣ дар китоби тазкирамонанди “Намунаи адабиёти тоҷик” ва интихоби намунаҳои осори шоир дар он мебошад. Таҳқиқоти ҷиддии дар ин давра анҷомгирифта, ки солҳои тулонӣ бедилшиносон зери таъсири он буданд, таълифоти устод С. Айнӣ “Мирзо Абдулқодири Бедил” ва нашри намунаҳои осори ӯ дар ин асар аст, ки баъдан ба ҷараёни бедилшиносӣ таъсири судманд гузоштааст.

5. Ташаккул ва таҳаввули марҳилаҳои баъдии бедилшиносӣ дар Тоҷикистон ба номи муҳаққиқоне мисли Холида Айнӣ, Абдулғанӣ Мирзоев, Саъдуддин Тоҷуддинов, Субҳон Амирқулов, Бобобек Раҳимӣ, Нуралӣ Нурзод ва дигарон рабт дошта, таҳқиқоти онҳо бо хусусиятҳои хос ва равишҳои усулии таҳқиқи рӯзгор ва осори Бедил фарқ мекунанд.

6. Вижагӣ ва афзалиятҳои бедилшиносиро дар Тоҷикистон ҷустуҷӯҳои равишманди илмӣ ва тозакориҳо дар нашри осори Бедил муайян мекунад, ки дар фаъолияти бедилшиноси номии тоҷик Бобобек Раҳимӣ таҷассум ёфтааст.

**Аҳаммияти назарӣ ва илмию амалии таҳқиқ.** Дар диссертатсия маводи фаровони адабиётшиносӣ гирд омадааст, ки онро метавон барои таълифи таърихи адабиёти тоҷик истифода кард. Ҳамчунин натиҷаҳои ба дастомадаро барои корҳои минбаъда оид ба бедилшиносӣ, таҳия ва нашри осори шоир, навиштан ва мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ, ба хусус бедилшиносӣ, суханрониҳо аз боби

масъалаҳои назарӣ ва амалии таҳқиқоти типологӣ оид ба рӯзгор ва осори шоир дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олии касбӣ ба кор бурд.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсия дар мавзуи "Бедилшиносӣ дар Тоҷикистон" ба доираи мавзуъ ва масоили пажуҳишии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 - Адабиёти тоҷик) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, комилан мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ**. Таҳқиқу баррасии мавзуи диссертатсионӣ маҳсули фаъолияти чандинсолаи муаллиф ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқ бори нахуст мавзуи мазкурро мавриди омӯзишу таҳқиқ ва арзёбӣ қарор дода, дар ин замина равишҳои усулии таҷрибаи бедилшиносони тоҷикро дар баррасии рӯзгор, аҳвол ва осори Бедил ба таври ҷомеъ мукстақилона муайян ва мушаххас намудааст.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Бардоштҳо, хулосаҳо ва натиҷагириҳои илмии диссертатсия дар шакли гузоришҳо ва маърузаҳои илмӣ дар конференсияҳои илмӣ-назариявии гуногуни сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 26.04.2024, суратҷаласаи №9 муҳокима ва барои ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Ҷанбаҳои асосии таҳқиқот ва муҳтавои он дар 9 мақолаи илмӣ ба чоп расидаанд, ки аз ин 4 мақола дар нашрияҳои илмии таҳти қайди Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и Федератсияи Россия мебошанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти илмию назарӣ ва сарчашмаҳо иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 186 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

# БОБИ I. БАРРАСИҲО ДАР МАВРИДИ ЗАМИНАИ ШИНОХТИ БЕДИЛ ВА МУҲИТИ АДАБИИ ЗАМОНИ Ӯ ДАР ТОҶИКИСТИОН

## I.1.Омӯзиши вазъи замон ва зиндагиномаи Бедил

Душвории шинохти замони Бедил, пеш аз ҳама, дар он аст, ки адабиётшиносон дар омӯзиши ин масъала бо афкори адабӣ, фарҳангӣ ва фалсафии таърихи пурвоқеа ва мураккаби Ҳинд сари кор гирифтаанд. Ин марҳила бо пештрафтҳо ва тазодҳои сиёсию иҷтимоӣ ва адабию фарҳангӣ қобили мулоҳиза буда, суннатҳои фарҳангӣ ва адабии халқҳои гуногуни ин минтақа, аз ҷумла ҳиндуҳову мусулмононро бо ҳам омехтааст.

Дар замони зиндагии Бедил пешрафтҳои нисбии иҷтимоӣ яке аз омилҳои таъсиргузори инкишофи илм, фалсафа, соҳаҳои гуногуни фарҳанг, аз ҷумла шеър гардид. Ғановати мундариҷаи воқеиятҳои замон аз оғоз дар таҳқиқ ва арзёбии масъалаҳои замони зиндагии шоир мушкилотеро ба вуҷуд оварда буд, ки ба зиддиятҳои ақидатию мазҳабӣ рабт мегирифт. Аз тарафи дигар, барои муҳаққиқони тоҷик доир ба замони Бедил маводи лозимии таҳқиқ ва сарчашмаҳои боэътибор кам дастрас буд. Бо вуҷуди ин мушкилиҳо аз ибтидои асри бист сар карда масъалаи замони зиндагии шоир мавриди таваҷҷуҳи бедилшиносони тоҷик қарор гирифтааст.

Дар омӯзиш ва баррасии ин мавзуъ дар бедилшиносии тоҷик хидмати устод Айнӣ, Ю. Салимов, Б. Раҳимӣ ва баъзе муҳаққиқони дигар калон аст. Ин донишмандон аз оғоз таваҷҷуҳашон ба ин будааст, ки бе донистани рӯзгор ва аҳволи Бедил ва шинохти моҳияти ҷараёнҳои сиёсию иҷтимоии замони зиндагии шоир хусусият ва тамоюлҳои адабию фарҳангӣ ва иҷтимоии муҳити адабиеро, ки шоир дар он зиндагӣ ва эҷод мекард, муайян кардан душвор ё ғайриимкон аст. Дар бораи замони

зиндагии шоир маълумот дода, онҳо саъй кардаанд собит созанд, ки рӯзгор ва аҳволи Бедил дар муҳите ҷараён гирифтааст, ки барои сабзиши нерӯҳои ҳунарӣ мусоид ва ёригар аст. Бо ҳамин ҳадаф нахустин қадамро дар ин роҳ устод Айнӣ гузошт.

Устод Айнӣ дар посухи мактуби "шарики бухороияш" нависандаи тотор Олимҷон Идрисӣ дар бораи ҳаёт ва осори Бедил маълумот оварда "дар хидмати Муҳаммад Аъзамӣ Шаҳзода" гузаштани айёми ҷавонии Бедилро таъкид мекунад, ки ҷузъе аз замони зиндагӣ ва аҳволи шоир аст. Ҷойи дигар Айнӣ ба "қавли устодони худ" такя карда, дар замони Амир Темур ба Ҳиндустон рафтани Бедилро ишора кардааст" [38, с. 229-230].

Нахустин тадқиқоти нисбатан ҷомеъе, ки дар бораи замон ва зиндагиномаи Бедил маълумоти саҳеҳро ироа кардааст, рисолаи устод Айнӣ "Мирзо Абдулқодири бедил" мебошад. Ин рисоларо Айнӣ "дар охири соли 1951 пурра ба итмом расонида", он мебоист дар соли 1952 ба чоп мерасид. Вале мухолифатҳои идеологӣ ба ин асар ва муаллифи он, ки гӯё замони Бедилро идеализатсия карда бошад, сабаб мегардад, ки "он рисола... соли 1954 – соли фавти бузургтарин фарзанди халқи тоҷики қарни бист устод Айнӣ" [131, с. 74] бо дастгирии бевосита ва сарсухани донишманди фақиди рус Е. Э. Бертелс чоп мешавад.

Мушкилоти аслие, ки дар он рӯзгор монеи нашри ин асар гардида буд, мушкилоти адабиётшиносӣ, аз ҷумла бедилшиносӣ дар Тоҷикистон ва тамоми шӯравӣ буд. Онҳое, ки асари Айниро маҳкум намуда, ба чопаш иҷозат надоданд, пеш аз ҳама, зери таъсири "талаботи "назарияи" сотсиологизми вулгарӣ " [131, с. 74], дидгоҳҳои Айниро оид ба замон ва рӯзгори Бедил таҳриф карда, даъво доштанд, ки муаллиф "гӯё одатҳои динӣ ва феодалии халқҳои Ҳиндустонро таъриф ва тавсиф" [32, с. 85] карда бошад. Устод Айнӣ дар соли 1952 ба чунин иттиҳомҳо посух гуфта, таъкид ҳам карда буд, ки воқеиятро "ҳеҷ гун идеализатсия" [32, с. 85] накардааст.

Дар вақташ Е. Бертелс нашри ин рисолаи Айниро дастгирӣ карда, оид ба мавқеи муаллиф дар шинохти замони Бедил навишта буд: “С. Айнӣ маъхазҳоро истифода бурда, ба хонанда манзараи замони Бедилро ҳам нишон медиҳад ва равшан исбот мекунад, ки ҳаёт ва фаъолияти шоир ба воқеаҳои замони худаш чи андоза зич вобаста будааст” [39, с. 5].

Воқеан ҳам дар замоне, ки омилҳои сиёсиву идеологӣ ва ба таври пурра дастрас набудани сарчашмаҳои адабию таърихӣ монеи таҳқиқоти дақиқ ва ҷомеъ оид ба замон ва ҳаёту фаъолияти Бедил будаанд, Айнӣ бо дақиқназарӣ ва собитқадамӣ тавонистааст, ки оид ба замони зиндагии шоир ва тамоюлҳои сиёсию иҷтимоии он маълумоти муҳиммеро ба ихтиёри хонанда ва мутахассисон гузорад ва ба ин васила  усули тозаи таҳқиқи рӯзгор ва зиндагиномаи Бедилро ба вуҷуд оварад. Е. Бертелс аз ин рисолаи устод Айнӣ иқтибос карда навишта буд, ки “ин китоб дар таърихи филологияи тоҷик роли калоне бозӣ мекунад... якумин очерки муфассали ҳаёти Бедил аст, ки дар асоси маъхазҳои гуногуни таърихӣ, аз як тараф ва бештар, дар асоси гуфтаҳои худи шоир, аз тарафи дигар, тартиб дода шудааст” [39, с.  4-5].

Ба ин тартиб, устод Айнӣ бори аввал дар асоси маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ва осори Бедил, аз ҷумла “Чор унсур” ва “Руқаъот” доир ба замони зиндагӣ ва зистномаи шоир маълумоти боэътимод меоварад. Дар фасли нахустини қисмати аввали рисола Айнӣ таҳти унвони “Маълумоти мухтасар дар бораи замони Бедил” ва дар фасли дуюм, ки “Тарҷумаи ҳоли Бедил” номида шудааст, воқеиятҳои сиёсӣ ва иҷтимоии замони зиндагӣ ва ҷузъиёти зистномаи Бедилро таҳлил карда, доир ба вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва аҳволи шоир маълумоти дақиқ меоварад.

Дар таҳқиқи замон ва шарҳи ҳоли Бедил устод Айнӣ, пеш аз ҳама, ба усули таҳқиқи таърихиву муқоисавӣ такя карда, вазъи замони зиндагии Бедилро дар алоқамандӣ бо воқеиятҳои рӯзгор ва ҳаёту

фаъолияти шоир баррасӣ намудааст. Аз ин ҷиҳат равиши таърихиву муқоисавӣ дар таҳқиқоти Айнӣ бо зинаҳои инқироз ва таҳаввулоти сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии замони зиндагии шоир алоқаманд буда, натиҷагириҳои пурвусъати назариву амалии сиёсиву иҷтимоӣ ва таърихиву адабиро дар бар мегирад.

Ҳадафи аслии Айнӣ дар таълифи ин рисола муайян ва мушаххас намудани моҳияти замон ва таъсири он ба сарнавишти инсонӣ ва ҳунарии Бедил мебошад. Ба ин далел, устод Айнӣ бори аввал дар бедилшиносӣ ҳангоми таҳқиқ ба методология, худмуайянкунии хоси илмӣ, моҳияти ҷузъиёт ва куллиёти мавзуъ ва таърихияти он аҳаммият дода, аз баҳри ҳама гуна даъвои беасос гузаштааст.

Дар солҳое, ки устод Айнӣ ин рисоларо таълиф карда буд, адабиётшиносӣ дар тобеияти идеологияи расмӣ қарор дошт ва муносибат ба воқеиятҳои таърихӣ ва мероси адабию фарҳангӣ воқеӣ набуд. Яке аз сабабҳои аз тарафи сардори Саруправленияи сирҳои давлатӣ (Главлит) С. Ш. Муллоҷонов маҳкум кардан ва иҷозаи нашр надодан ба ин рисола нуфузи ҳамин сиёсат ва идеологияи сотсиализми вулгар буд, ки зарарҳои он ба адабиёт, илм ва фарҳанги мо ҷуброннопазир аст.

Сабаби аслии ба нашри рисола монеъ шудани С. Ш. Муллоҷонов дар он аст, ки гӯё Айнӣ “ҳаёти халқҳои ҳиндуро аз нуқтаи назари материализми таърихӣ таҳлил” накарда, “ба ҷои он, ки таърихи гузаштаи ҳиндустонро, яъне сохти ҷамъиятии асри XVII-XVIII муносибати истеҳсолӣ ва қувваҳои истеҳсолӣ, маданият ва санъати он давраро нишон дода шавад, баракс дар саҳифаи 9 чунин навишта шудааст” [75, с. 81]. Сипас С. Ш. Муллоҷонов барои исботи даъвои худ порчаеро аз рисолаи устод Айнӣ иқтибос оварда, ӯро ба идеализатсияи сохти ҷамъиятии замони Бедил муттаҳам менамояд, ки дар он рӯзгор гуноҳи вазнин буд [75, с. 81].

Устод Айнӣ чунин айбмониҳои С. Ш. Муллоҷоновро рад карда, андешаҳои ӯро “тамоман бемантиқ” меҳисобад ва таъкид мекунад, ки “ба мудофиаи як мамлакат дахли асосӣ доштани вазъияти ҷуғрофии он мамлакат ба сабаби аз берун хавфи ҳуҷум ҳис накардан варзишҳои ҳарбӣ надида танпарвар шуда мондани аҳолии як мамлакат чизҳоеанд, ки касе инкор карда наметавонад. Ҳатто ин фикри хонандагони советиро дар вақтҳои аз берун хавф набудан ҳам ба тайёр истодан дар мудофиаи ватан даъват мекунад, ки ин характери тарбиявии ин фиқра аст [32, с. 85].

Ҳамин тариқ, бори аввал дар бедилшиносӣ Айнӣ вазъи замони зиндагии Бедил ва робитаи маънавии ӯро бо ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҳиндустони замони зиндагиаш дар асоси дастури “тобеияти қонунии адабиёт ба шароити ҳаёти ҷамъиятӣ”[87, с. 125] дар пайванд бо воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоии замони зиндагии Бедил таҳлил ва арзёбӣ кардааст, ки ҷанбаи амиқи идеологӣ низ дорад.

Устод Айнӣ дар бораи замони Бедил маълумоти мухтасар оварда, дар солҳои 1644-1721 “ва дар 77-сола ҳаёти худ замони 11 подшоҳро аз сар” гузаронидани ӯро ёдрас менамояд ва меафзояд, ки “аз инҳо замони ду подшоҳ ба 63 соли айёми зиндагонии ӯ рост омада бошад, замони нӯҳ подшоҳи дигарро дар 14 соли охири умри худ дидааст” [34, с. 9]. Вале баъдтар Иброҳим Муъминов дар рисолаи “Ақидаҳои фалсафии Бедил” таъкид кардаст, ки аз замони фавти Аврангзеб то замони марги Бедил, яъне аз соли 1707 то соли 1720, дар Ҳиндустон беш аз 15 подшоҳ иваз шудааст [76, с. 30].

Устод Айнӣ барои равшантар нишон додани замони Бедил нахуст “баъзе воқеаҳои таърихии Ҳиндустонро” ёдовар шудааст, ки дар шинохти аҳвол ва рӯзгори Бедил ёрии бевосита мерасонад. Дар ин замина ӯ ба омилҳои нуфузи ислом дар ин минтақа ишораи саҳеҳ карда, менависад, ки “Арабҳо дар аввалҳои асри исломӣ, забт кардани Ҳиндустон ва ҷорӣ кардани исломиятро дар он қасд карда бошанд ҳам,

кори намоёне карда натавонистаанд. Исломиятро дар он ҷо дар аввалҳои асри XI Маҳмуди Ғазнавӣ ҷорӣ кард, гуфтан мумкин аст. Маҳмуд аз муқобилиятҳои дохилии синфӣ ва феодалӣ истифода бурда, дар сафарҳои гуногуни худ дар Ҳиндустон бисёр бутхонаҳоро вайрон ва ба ҷои онҳо масҷидҳо бино кард, муҳоҷирони мусулмонро бурд ва аз аҳолии маҳаллӣ хеле касро ба исломият даровард. Баъд аз ин ба муқобилиятҳои синфии зикршуда зиддиятҳои динӣ-душмании байни ҳиндуён ва мусулмонон илова шуд" [34, с. 9].

Ҳамин тавр, устод Айнӣ замони зиндагии Бедилро дар матни гирудорҳои сиёсӣ, ки Маҳмуд "ҷорӣ кард"-у баъд аз вафоти ӯ "авлоди ӯ" [34, с. 9] идома бахшид, баррасӣ кард,а сарнавишти инсонӣ ва ҳунарии Бедилро дар алоқамандӣ бо воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоии замони Темуру Бобур, Акбару писараш Ҷаҳонгир, Шоҳи Ҷаҳону Шоҳшуҷоъ, Аврангзебу Муизуддин ва ғайра ба муҳокима мекашад ва "роҳ ёфтани аврупоиҳо дар Ҳиндустон"-ро [34, с. 9] ҳамчун муҳимтарин воқеаии замони зиндагии Бедил арзёбӣ менамояд.

Аз таҳқиқи замони зиндагии Бедил устод Айнӣ ба ин натиҷа мерасад, ки "то вақте ки дар Ҳиндустон дӯстии халқҳо, хусусан иттиҳоди ҳиндуҳо ва мусулмонҳо барқарор буд, давлат нисбатан мустаҳкам ва мамлакат аз ҳуҷуми хориҷиён эмин буд. Вақте ки он асос вайрон шуд, мамлакат сар то сар сӯхта ва аҳолӣ дар дарёҳои хун ғарқ шуда, аз озодӣ ва истиқлолияти худ маҳрум гардиданд" [34, с. 25].

Устод Айнӣ дар матни ҳамин воқеият мавқеи маънавии Бедил, дидгоҳҳои ояндабинонаи ӯро дар пайванд бо каҷдору марези замони шоир муфассал таҳлил карда, барои нишон додани мавқеияти ғоявию инсонӣ ва ҳунарии Бедил пораи зерро аз як мухаммаси шоир иқтибос менамояд:

Ислому куфр нест, яқин ё гумон туй!
Эй ғарраи тамиз, вуболи ҷаҳон туӣ!

Оина бишкану ҳамаро бегуноҳ гир! ” [34, с. 25].

Бедилшинос Бобобек Раҳимӣ бар ин назар аст, ки Бедил “даврони ҳашт подшоҳро дидааст. Падшоҳони замони шоир иборатанд аз инҳо: якум, Шоҳиҷаҳон, ки дар соли 1628, яъне 16 сол қабл аз таваллуди Бедил бар тахт нишаста, баъди сӣ соли ҳукмронӣ яъне дар соли 1658 ба воситаи писараш Аврангзеб аз тахт маҳрум карда шуд”. Ин муҳаққиқ баъд исмҳои Аврангзеб, Шоҳиолам Баҳодуршоҳ, Муиззуддин Ҷаҳондоршоҳ, Муҳаммад Фаррухсияр, Рафеъуддароҷот, Рафеъуддавла ва Муҳаммадшоҳро ном мебарад, ки Бедил дар замони ҳукмронии онҳо зиндагӣ кардааст [108, с. 428].

Бобобек Раҳимӣ дар ислоҳи назари устод Айнӣ мегӯяд, ки “устод, зоҳиран баъзе шоҳзодаҳои даъвои подшоҳӣ кардаро низ ба шумори подшоҳони расмӣ ва эътирофгардида дохил намудааст”. Аз ин гурӯҳ, ин донишманд аз писари саввуми Аврангзеб Муҳаммад Аъзамшоҳ, Баҳодуршоҳ, писари хурдии Аврангзеб Муҳаммад Комбахш, набераи Аврангзеб Некӯсияр ном бурда таъкид мекунад, ки “Бедил нисбат ба ҳамаи подшоҳони давраш назари нек дошт ва аксари онҳоро ба ин ё он муносибат мадҳу ситоиш намудааст” [108, с. 428 - 429].

Устод Айнӣ барои равшан нишон додани замони Бедил нахуст баъзе воқеаҳои муҳимми таърихии Ҳиндустонро ба тариқи мухтасар ёд ва таҳлил мекунад. Ҳадаф аз зикр ва таҳлили ин воқеаҳо ва мушаххас сохтани замони ҳукмронии шоҳон, аввалан, агар муайян намудани алоқамандии Бедил ба ин ё он подшоҳ ва замони ҳукмронии ӯ бошад, сониян, дар ин оинаи замонӣ намудани чеҳраи инсонӣ ва фарҳангии шоир ва роҳи зиндагиву эҷоди ӯст.

Ба ин тартиб, устод Айнӣ мувофиқи талаботи илми адабиётшиносии солҳои панҷоҳуми садаи бист “аз нуқтаи назари зиддиятҳои дохилӣ ваъияти Ҳиндустон”-и [34, с. 9] замони Бедилро шарҳ

дода, омилҳои асосии ноустувории вазъи замонро ба сиёсати нодуруст ва таассуботи мазҳабии ҳокимони вақт вобаста медонад. Садриддин Айнӣ вазъи замони Бедилро ба тариқи мухтасар чунин таъбир кардааст: "Муборизаи дохилии феодалӣ  ниҳоятдараҷа қувватнок гардида, дар байни ҳукмронони он мамлакат пай дар пай ҷангу хунрезӣ давом мекард, хоҷагии халқ хароб мегардид, зулми феодалӣ қувват мегирифт. Дар натиҷаи ҳамаи ин мо дар қисми шимол ва шимолу шарқии Ҳиндустон як давлати марказиятёфтаро пайдо карда наметавонем, ки он дар вақти ҳуҷуми хориҷиён мамлакатро ба атрофи як марказ муттаҳид карда тавониста бошад. Агар ба ин аҳвол низоъҳои динӣ, махсусан зиддияти байни мусулмонон ва ҳиндуёнро илова кунем, аз ҷиҳати иқтисодӣ ва иқтидори сиёсӣ ба чи дараҷа бад будани вазъияти Ҳиндустони онвақтаро тасаввур кардан осон аст" [34, с. 9 -10].

Устод Айнӣ дар идомаи тадқиқоташ фоҷиаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиеро, ки ҳукумати Темуриён ба сари қавмҳои Ҳиндустон овард, як як арзёбӣ карда, омилҳои авҷ гирифтани қабилапарастӣ, низоъи шиаву суннӣ ва таассубу ифротгароиро нишон медиҳад ва бахусус дар замони набераи Темур Бобур ва фарзандони ӯ ба дараҷаи ниҳоӣ расидани фоҷиаҳои ин кишварро таъйид мекунад.

Аз таҳқиқоти Айнӣ бармеояд, ки оромиҳои нисбӣ дар замони зиндагии Бедил баъди аз ҷониби Акбар эълон шудани "сулҳи кулл" ба вуҷуд омада, то ҷое пеши роҳи ҳаракатҳои таассубкорона гирифта мешавад. Маҳз дар ҳамин давра "як миқдор китобҳои қадимаи ҳиндуҳо, аз ҷумла, "Моз борут", ки оид ба таърих ва ақидаҳои динии ҳиндуҳо буда ва сӣ мақоларо дар бар мегирифт, ба забони тоҷикӣ тарҷума ва дар байни мусулмонон паҳн" [34, с. 13] карда мешавад, ки заминаро барои ҳусни тафоҳум ва эҳтиром нисбат ба фарҳанги қавмӣ ба вуҷуд меоварад.

Чашмандозии дақиқи илмии устод Айнӣ дар шинохти замони зиндгӣ ва шарҳи ҳоли Бедил ба нуқтаҳое ишора мекунад, ки зери таъсири идеологияи расмӣ шакл гирифта ва ба сурати зайл аст:

- тавсифи пурра ва ақидатии [идеологии] замон;
- авзои моддиву маънавии замон;
- ихтилофоти сиёсиву мазҳабӣ;
- мавқеъ ва муносибати табақоти иҷтимоӣ;
- шинохти муносибатҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ;
- муносибати синфи ҳукмрон ба рушди адабиёту фарҳанг.

Аз ин мавқеъ, устод Айнӣ аз аввалин муҳаққоне буд, ки мувофиқи талаботи ақидатии ҳоким бар муҳити ҷомеа, адабиёти гузашта, аз ҷумла замон ва зиндагиномаи Бедилро шарҳу тавзеҳ карда, роҳро барои омӯзиши рӯзгор ва осори адибони гузашта боз намуд. Бо вуҷуди тобеият ба идеологияи ҳоким устод Айнӣ дар шинохти рӯзгор ва осори Бедил мавқеияти воқеъбинона ва ҳунаршиносона дошт ва ҳамин таҷрибаи ӯ минбаъд дар омӯзиши мероси гузаштагон маҳаки эътибори адабиётшиносон қарор гирифт ва натиҷаҳои мусбат ҳам дод.

Ҳамин тариқ, устод Айнӣ дар фасли аввали қисми якуми рисола дар такя ба сарчашмаҳои боэътимод, аз ҷумла “Чор унсур” ва “Руқаъот” замони Бедил ва муҳимтарин ҳодисаҳои дар он айём рухдодаро мувофиқи талаботи илми адабиётшиносии давр шарҳу тавзеҳ дода, моҳияти ҷараёнҳои сиёсӣ ва ҳодисаҳои иҷтимоиву фарҳангиро ошкор месозад. Яке аз омилҳои аслие, ки Айнӣ ҳамчун заминагузори нооромиҳо ва таассуботи мазҳабӣ дар замони зиндагии Бедил зикр кардааст, “авҷ гирифтани низоъи шиаву суннӣ” буда, барои Ҳиндустон аз берун таҳмил шудааст. Ба мушоҳидаи Айнӣ айёми ҳукмронии Темуриён дар Ҳиндустон ба замоне рост омада буд, ки дар Эрон ва Осиёи Миёна “низоъи шиаву суннӣ” ва “тариқатҳои машоих” шохчаҳои зиёд

пайдо карда, “дар қатори муҳоҷирон ин низоъҳои мазҳабӣ ва маслакӣ ҳам ба Ҳиндустон даромад ва монанди аҷириқ ва ғумойи аз ҷое ба ҷои дигар кӯчонидашуда, зуд ривоҷ гирифтаанд” [34, с. 11].

Айнӣ дар оғози ҳукмронии Акбар, ки бачаи хурдсол буд ва ҳанӯз шахсан ҳукуматро идора карда наметавонист, “дар асоси санадҳои таърихӣ авҷ гирифтани фоҷиаи умумиро ёдрас ва нақши манфии Шайх Абдулло ва Шайх Абдулнабиро, ки “мутаассиби сахт, ҷоҳпарасти гузаро ва аз ҳад зиёд сарватдӯст буда, тамоми корҳои мамлакатро, хоҳ динӣ бошад ва хоҳ молӣ ва маъмурӣ, ба дасти худ” [34, с. 11] гирифта буданд, таъйид мекунад. Айнӣ нақши манфии “авоми муҳоҷирони Осиёи Миёна”-ро дар куштор ва тороҷи амволи намоядагони мазҳаби дигар, бахусус таъкид варзида, “пас аз ба балоғати ақлӣ расида ба корҳои давлатӣ, мамлакатдорӣ шахсан иштирок намудани Акбар ва ба дарбори подшоҳӣ кашида шудани одамони донишманд, ҳамчун шайх Абулфазл ибни Шайх Муборак, Ҳаким Фатҳуллоҳи Шерозӣ ва дигарҳо” [34, с. 12] дигар шудани вазъиятро бо далелҳо нишон медиҳад.

Устод Айнӣ “ба ҳамаи аҳли динҳо аз тарафи давлат ба як чашм нигоҳ” карданро бунмояи асосии “сулҳи кул”-и Акбар маънидод карда, дар ин замина ислоҳоти воқеъшударо як як мешуморад, ки ба тариқи зайл аст:

- ҳамаи аҳли динҳо баробар буда, касе ба дини касе тааруз нанамояд, мусулмон, ҳинду, маҷусӣ, яҳудӣ ва насоро бо ҳам баробар ва дӯстона зиндагӣ кунанд;
- ба аристократия ва роҷаҳои ҳиндӣ низ додани мансабҳои давлатӣ;
- манъи ҷизягирӣ аз ҳиндуҳо;
- аз ҳиндуҳо зан гирифтани Акбар ва писаронаш бо ҳадафи алоқаи хеширо мустаҳкам кардан;
- бо фармони хос баробарии динҳоро эътироф ва ташвиқ кардан;

-гузаронидани маҷлиси мунозира бо иштироки подшоҳ ва намояндагони ҳамаи динҳо;

- озодӣ бахшидан ба ғуломон [хоҳ асири ҳарбӣ бошанд, хоҳ зархарид];

- чораҳои амалӣ ва сахти давлат барои пешгирии ҳама гуна “ҳаракатҳои таассубкорона”;

- тарҷума ва нашри осори фарҳангии қавмҳои Ҳиндустон ба забонҳои якдигар ва “дар миёни мусалмонон ва ҳиндуҳо як алоқаи адабӣ- маданӣ [34, с. 14] ба вуҷуд овардан.

- тарҷума ва нашри китоби “Моз борут”, ки оид ба таърих ва ақидаҳои динии ҳиндуҳо буд, ба забони тоҷикӣ.

Ба ин тартиб, Айнӣ вазъ ва моҳияти замони Бедилро баъд аз сари Акбар, дар замони ҳукмронии фарзанди ӯ Ҷаҳонгир, писараш Шоҳи Ҷаҳон ва шоҳони дигар муфассал баррасӣ карда, омилҳои пешрафти иҷтимоиву фарҳангӣ ва таназзули ҳукумати темуриёни Ҳиндро ба таври мушаххас нишон медиҳад. Ин таҳлилҳо дар асоси осор ва ёддоштҳои Бедил, ки дар замони подшоҳии Аврангзеб 14-сола будааст, анҷом гирифта, барои ба таври дақиқ ошкор кардани моҳияти ҳукмронии давр ҷо-ҷо аз Бедил низ иқтибос мекунад, ки дар шинохти замон ҳуҷҷати қотеъ аст. Аз ҷумла, Айнӣ барои сирати инсонии Аврангзебро ошкор намудан аз ёддошти Бедил, ки марбут ба бемории падарро шунида, барои ба даст овардани салтанат ба пойтахт ҳуҷум овардани Аврангзеб аст, зикр карда, аз ҷумла суханони истеҳзокоронаи зер - “...Аврангзеби Оламгир бар азми фармонравоии Деҳлӣ сабқат карда ва “ҳуқуқи хидмати падарро” пеш аз дигарон ба ҷо овард” - ро аз “Чор унсур” айнан нақл мекунад [34, с. 16], ки дар ифшои сират ва сурати инсонии Аврангзеб нақши муҳим дорад.

Устод Айнӣ дар такя ба далелҳои қотеъ амалу кирдори Аврангзеб ва аз ҷониби ӯ шикаста шудани “сулҳи кулл”-ро ҳамчун иқдоми

вайронкорӣ, бозгашт ба замони таассуботи мазҳабӣ тавзеҳ дода, баъд замони ҳукмронии фарзандони ин шоҳ – Баҳодуршоҳу Аъзамшоҳ ва зиддиятҳои дохилии ин хонадонро, ки омили аслии нифоқу кина, зиддиятҳои мазҳабӣ ва дар ниҳояти кор ноороммиву ноободии мамлакат мегардад, таҳлил карда, ба ин натиҷа мерасад, ки "бо таъсири ҷангҳои дуру дарози бародарон, ихтилоли атроф ва ҷангҳое, ки худи Оламгир бо якраҳагӣ, инодкорӣ ва истибдод эҷод карда буд, мамлакат хароб, хазина холӣ, ғоратгарон ва ҳокимони атроф худсар шуда, аҳолӣ ба қаҳтиҳо ва гуруснагиҳои дуру дароз гирифтор гардида, асбоби инқирози давлати феодалии Темуриён дар Ҳиндустон муҳайё гардид" [34, с. 19].

Устод Айнӣ барои равшантар нишон додани замони Бедил лозим донистааст, ки даставвал "баъзе воқеаҳои таърихии Ҳиндусторо" [123, с. 9] зикр кунад. Дар ин замина баъди истилои Ҳиндустон дар ин кишвар исломиятро ҷорӣ карда натавонистани арабҳоро ёдрас карда, Маҳмудро ҷорикунандаи исломият дар Ҳиндустон ва мазҳабситезӣ дониста, аз бутшиканиҳову низоъбарангезиҳои ӯ миёни ҳиндуҳо ва муслимин бо далелҳо сухан мекунад. Айнӣ вафоти Маҳмудро ҳамчун омили зуҳури ҳукумати авлодии ӯ дар Ҳиндустон шинохта, сипас, аз ҳукмронии Ғуриён ва "ҳукмронони исломӣ монанди Қутбшоҳиҳо, Халиҷиҳо ва Туғлуқшоҳиҳо" ёдовар мешавад [123, с. 9].

Устод дар ин рисола зери таъсири адабиётшиносии иҷтимоъгарои шӯравӣ масъалаи замони зиндагии Бедилро бо назари иҷтимоӣ таҳқиқ ва таҳлил карда, ҳамчунон, ки С. Ш. Муллоҷонов дар тақризи манфӣ ва ғаразноки худ навиштааст, Айнӣ "одатҳои ҳаётии халқҳои ҳиндуро"... на аз "нуқтаи назари идеализм" [75, с. 80], баръакс, чунон ки худи устод таъкид кардааст, "одатҳои динӣ ва феодалии халқҳои Ҳиндустонро" "ҳеҷ гуна идеализатсия" накардааст. Усули таҳқиқи расмӣ дар ин давра

сирф иҷтимоӣ буд ва дастурҳои методологию назариро ҳизби ҳоким ироа мекард, ки Айнӣ аз ин чорчӯбаи ақидатӣ наметавонист берун ояд.

Бо вуҷуди ин, Айнӣ дар ин рисола тавонистааст, ки воқеиятҳои рӯзгори Бедилро дар асоси маъхазҳои таърихӣ ва ёддоштҳои Бедил [34, с. 86] сабт ва арзёбӣ кунад. Таҳқиқоти Айнӣ, пеш аз ҳама, нақши манфии сиёсӣ ва иҷтимоии замон ва замондоронро (ҳашт шоҳеро, ки Бедил дар замони ҳукмронии онҳо зиндагӣ кардааст) дар сарнавишти шоир ва шахсиятҳои дигар нишон дода, моҳияти иҷтимоӣ ва ахлоқии ҷомеаи он рӯзгорро ошкор мекунад. Айнӣ, ба пайбурди барғалати С. Ш. Муллоҷонов, "одати динии ҳиндӯёнро аз нуқтаи назари динӣ ва идеалистӣ таҳлил" [75, с. 80] накардааст, балки бо мисолҳо, дар бораи "дарборҳои подшоҳони Ҳиндустон бисёр материалҳо дода", "исрофкории онҳо, бовар кардани онҳо ба найрангбозии ҷӯгиҳо, аз вилоятҳои шарқии Ҳиндустон ҷӯгиҳои бозигар ва найрангбозро оварда ҳазорҳо рупияи давлатро, ки аз хуни бадан ва арақи пешонии меҳнаткашон ҷамъ шудааст, сарф намудани онҳо ва монанди инҳоро" [34, с. 86] фош намудааст.

Айнӣ бо ҳамин усули таҳқиқ ва таҳлили иҷтимоӣ саҳифаҳои сафед ва сиёҳи фаъолияти шоҳони Ҳиндустонро, ки Бедил дар замони ҳукумати онҳо зиндагӣ ва эҷод кардааст, арзёбӣ карда, таъсири воқеиятҳои сиёсӣ ва иҷтимоиро ба ҷараёни зиндагӣ ва эҷодиёти Бедил ва дигар шахсиятҳои муосири ӯ ба таври боварибахш нишон медиҳад.

Аз тадқиқоти Айнӣ доир ба замони Бедил метавон чунин натиҷа гирифт, ки зиддиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, қавмӣ, мазҳабӣ, ки фақат дар давраи "сулҳи кул" – замони ҳукмронии Акбар оромиши нисбиро муҳайё кардааст, омили аслии фишор ва нооромиҳои замони зиндагии Бедил ва муосирони ӯ будааст. Айнӣ воқеиятҳои замони салтанати подшоҳонеро, ки Бедил дар давраи ҳукмронии онҳо зиндагӣ кардааст, дар асоси далелҳои қотеи таърихӣ, маълумоти маъхазҳо ва осору ёддоштҳои Бедил

таҳлил ва натиҷагирӣ карда, моҳияти давлатдории сулолаи Темуриёнро дар Ҳиндустон ошкор мекунад. Масалан, “айёми салтанати Муизуддин” – ро “масхарабозӣ” шинохта, “зулми молӣ” –и Аврангзеб ва ҷангҳову ҳамдигаркушиҳои фарзандони шоҳони темуриро дар Ҳиндустон ҳамчун омили нооромии мамлакат, ноосудагии мардум ва ранҷи уламою удабо таъбир мекунад ва дар сифати “салтанати Муиззиддин” як рубоии Бедилро иқтибос менамояд:

Афсӯс, ки сози салтанат шуда фосид,
Гардид матои дину давлат косид.
Назми Ҳиндустон кунун мунҳасир аст
Бар дайюсу лаиму ҳезу ҳосид [32, с. 20].

Устод Айнӣ ба василаи ин тадқиқоташ замони зиндагии Бедилро аз чанд ҷиҳат мушаххас месозад, ки ба тариқи зайл аст:

а) ноором, пурзиддият ва бо мухолифатҳои мазҳабию қавмӣ омехта будан;

б) “сулҳи кулл” ва “ба ҳамаи аҳли динҳо” ба як чашм нигоҳ кардани давлат;

в) нақши мусбати Акбар дар истиқрори сулҳу субот ва нақши манфии Ҷаҳонгир дар идораи давлат;

г) ҳамгироии илмӣ ва “суфизми исломро бо афкори донишмандони ҳинд” мувофиқ кунонидан;

е) ихтилофоти авлодӣ миёни шоҳзодагони Темуриён [34, с. 15].

Чунонки ишора шуд, устод Айнӣ воқеаи муҳимми дар замони зиндагии Бедил рӯйдодаро “роҳ ёфтани аврупоиҳо дар Ҳиндустон” дониста, меафзояд, ки “Аз аврупоиҳо аввал португалиҳо, баъд французҳо ва баъд аз он англисҳо ва фалмангҳо дер боз бо номи тиҷорат ва киштиронӣ ба Ҳиндустон омада, баъзе ҷазираҳои ҳиндро мустамлика карда ва баъзе бандарҳои обиро ба даст даровsoftарда, дар фикри мустамлика кардани тамоми Ҳиндустон буданд” [34, с. 23]. Вале ба

мушоҳидаи Айнӣ, “то вақте ки дӯстии ҳиндуҳо ва мусулмонҳо бақарор буд, аврупоиҳо ба даруни Ҳиндустон роҳ ёфта наметавонистанд” [34, с. 23].

Айнӣ дар рисола заминаҳои вайроншавии ин оромишу ҳамгироии миллатҳои мусулмон ва ҳиндуро нишон дода, ҳузур ва тасаллути аврупоиҳо, аз ҷумла англисҳоро дар Ҳиндустон ҳамчун ҳодисаи манфӣ ва зиёновари рӯзгори Бедил маънидод мекунад.

Ҳамин тариқ, тадқиқоти Айнӣ оид ба замони Бедил муҳимтарин равишҳои воқеиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии он рӯзгорро дақиқ арзёбӣ карда, дар он вақт ва ҳоло низ ҳамчун манбаи шинохти саҳеҳи воқеиятҳое, ки шоир аз сар гузаронидааст, пурарзиш мебошад.

Дигар муҳаққиқе, ки баъди Айнӣ ба шинохти замони Бедил таваҷҷуҳ кардааст Юсуф Салимов мебошад. Таълифоти ин донишманд “Инкишофи эҷодиёти Бедил, ё тавсифи асарҳои Бедил” ном дошта, дар фасли “Бедил ва замони ӯ”-и рисолааш доир ба замони шоир баъзе нуктаҳои муҳимро фароҳам овардааст. Андешаҳои муҳаққиқ дар ин бора бо нуктаҳои зер хулоса мешавад:

а) моҳияти мусбати сиёсати Акбар “доир ба сулҳ”;

б) омезиши таълимоти тасаввуф ва робитаи дарвешони бараҳманӣ;

в) наздик шудани таълимоти бараҳманӣ ва ислом ва ба ин ҷараёнҳо қаробат пайдо кардани дидгоҳҳои фалсафӣ;

г) инқирози иқтисод ва хуруҷи ҷанги дохиливу нооромиҳо дар даврони ҳукмронии Ҷаҳонгир ва Аврангзеб;

д) дар ин давра авҷ гирифтани зулми миллӣ ва мазҳабӣ;

е) додхоҳии ҳиндувони мазлум аз шоҳ;

ё) барбод рафтани сулҳи кулл;

ж) дар чунин замон ҷараён гирифтани ҳаёти Бедил ва фарозу фуруди он [118, с. 244].

з) таъсири муҳити ноором ба зиндагӣ ва ҳаёти хонаводагии шоир;

и) ҳамгироии шоири бузург бо намояндагони миллатҳо ва мазҳабҳои мухталиф.

Донишманди фақид Ю. Салимов равиши сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии замони Бедилро ба таври фишурда таҳлил ва таъсири онро ба аҳволу рӯзгори шоир нишон дода, ин замонро ҳамчун унсури таъсиргузор дар равишҳои фикрӣ ва ақидатии шоир арзёбӣ мекунад, ки ҳамчун таҷрибаи илмӣ ҳоло ҳам пурарзиш аст.

Ҷустуҷӯҳои Бобобек Раҳимиро дар шинохт ва арзёбии замони зиндагии Бедил метавон давра ва усули наву пурбори таҳқиқ ва арзёбии рӯзгори Бедил донист. Муҳаққиқ ин мавзуъро ба таври алоҳида таҳқиқ ва баррасӣ накарда, онро зимни омӯзиши зиндагинома ва осори шоир "бозсозӣ" кардааст, ки равиши тоза ва пурмояи шинохти замони зиндагии шоир дар бедилшиносӣ мебошад. Муҳаққиқ талош кардааст, ки дар оинаи воқеаҳои зиндагиномаи Бедил ҳолати замон ва аъмоли ҳокимони вақтро нишон диҳад. Замон ва таъсири он ба сарнавишти шоир аз зода шуданаш то ба ҳиҷрати авлодаш ба Ҳиндустон ва дар он ҷо ба камол расидану ҳамчун шоири беназир шуҳрат ёфтанаш бо дақиқназарӣ мустанад нишон дода шудааст, ки дар бедилшиносии тоҷик таҷрибаи аввал ва судманд аст.

Б. Раҳимӣ воқеоти сиёсӣ ва замони ҳукмронии он ҳашт нафар шоҳеро, ки Бедил дар он вақтҳо зиндагӣ ва эҷод кардааст, ба тариқи алоҳида таҳқиқ ва арзёбӣ накардааст, балки зимни таҳқиқ ва баррасии ҳолатҳои ҷудогонаи ҳаёти шоир ва шарҳи таъсири воқеоти сиёсӣ моҳияти замон ва таъсири мусбату манфии онро ба зиндагии шоир бо камоли диққат ва ҳавсалаи тамом нишон медиҳад. Масалан, шарҳи масъалаи гузаштагони Бедил ва ватани аслии онҳо бевосита дар матни воқеияти замони темурӣ анҷом гирифта, таъкиди таъсири омилҳои сиёсӣ ва иҷтимоии замон ба сарнавишти шоири бузург аст.

Дар рисолаҳои боарзиши “Зиндагиномаи Бедил” ва “Ошноӣ бо Бедил” Бобобек Раҳимӣ дар қисматҳои “Вафоти падар ва ғамхории Мирзо Қаландар”, “Нахустин сафари ҳарбии Бедил”, “Мусофират ба вилояти Орисса”, “Шоире, ки сипоҳӣ шуд”, “Бедил ва Аъзамшоҳ”, “Бедил ва Аврангзеби оламгир”, “Сукунати охирин дар Деҳлӣ”, “Бедил ва ҳакимони аср” гоҳо бавосита ва гоҳи дигар бевосита аз замони зиндагӣ, ранҷу кулфатҳо ва дастгирӣ диданҳои Бедил аз баъзе ҳуккоми вақт сухан карда, ба ин васила нақши мусбат ва манфии замон ва замондоронро дар сарнавишти шоир муайян ва таъйид мекунад. Барои мисол метавон гуфт, ки муҳаққиқ дар фасли “Бедил ва ҳокимони аср”-и рисолаи “Зиндагиномаи Бедил”, оид ба рафоқату дӯстии шоир “бо чанде аз амирону вазирон ва дигар мансабдорони замони худ”[108, с. 398] сухан карда, воқеаҳои бемории Шоҳиҷаҳон [1628/1658] ва мубориаи писарони ӯ – Дорошукуҳ, Шоҳшуҷоъ, Аврангзеб ва Муродбахшро, ки “барои ба даст овардани тоҷу тахт ва пирӯзии Аврангзебу мағлубияти бародарони ӯ”[108, с. 405] талош кардаанд, ҳамчун яке аз ҳодисҳои вайронгари замони Бедил арзёбӣ мекунад ва таъсири онро ба сарнавишти Бедил ёдрас менамояд. Дар ин тадқиқот аҳволу рӯзгори шоир оинаи воқеиятҳои зиндагии шоир буда, зиндагиномаи шоир низ моҳияти замонро бо ҳама каҷдору марезаш бозгӯ менамояд, ки хеле дақиқ ва мустанад аст.

Замони Бедил ва таъсири воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоии он давра ба ҷараёни зиндагии шоир дар қисмати “Бедил ва муддати сипоҳигарии ӯ”-и китоби Бобобек Раҳимӣ “Ошноӣ бо Бедил” низ ҳадафмандона таҳқиқ шудааст, ки баъзе паҳлуҳои онро аз назар мегузаронем.

Муҳаққиқ дар ин қисмати рисола мавзуи “хидмати шоир дар ҳузури шаҳзода Муҳаммад Аъзамшоҳ”-ро ” [107, с.185], ки замони зиндагӣ ва алоқамандии Бедилро бо ҳокимони вақт мушаххас месозад, ба таҳқиқ кашида, баъзе паҳлуҳои норавшани ин масъала, аз ҷумла

маҳал ва замони хидмати Бедил дар дарбори Аъзамшоҳ, муддати хидмати ӯ ва сабабҳои тарки хидмат кардани ӯро таҳқиқ ва муайян намудааст, ки ҳарфи нав дар бедилшиносӣ мебошад.

Ин донишманд нахуст бо такя ба ёддоштҳои Бедил омилҳо ва заминаҳои ба сипоҳигарии замондорон пардохтани шоирро муайян карда, барои таъйиди назараш ба "Чор унсур" такя мекунад, ки дар он худи Бедил ин масъаларо ёддошт кардааст. Аз ҷумла, Бедил навиштааст, ки "Дар он ҳолат (ҳолати баъд аз издивоҷ – Б.Р.) касбе, ки аҳли маош ба илтизоми он ногузиранд, муносиби ҳоли таҳайюрмаоли худ намедид, ночор мутатаббеъи суннати обо гардид ва ба тариқаи сипоҳ гаравид" [107, с.185]. Илова ба ин санад, Б. Раҳимӣ аз манбаъҳои дигар, аз ҷумла тазкираи Шералихони Лудӣ "Миръот-ул-хаёл" далелҳоеро меоварад, ки замони хидмат ва алоқамандии Бедилро бо писари сеюми Аврангзеби Оламгир – Муҳаммад Аъзамшоҳ равшан месозад. Бо такя ба маълумоти тазкираи зикргардида дар дарбори Аъзамшоҳ "ба мансаби умда сарфарозӣ ёфта"-ни Бедил таъкид шудааст.

Б. Раҳимӣ маълумоти сарчашмаҳоро оид ба муддати сипоҳигарии Бедил дар дарбори Аъзамшоҳ таҳлил карда, ба сабаби оид ба ин масъала вуҷуд надоштани назари ягона дар асоси қитъаҳои зиёди таърихӣ, ки шоир ба Аврангзебу Аъзамшоҳ ва дигар шоҳону шоҳзодагони темурӣ бахшидааст, ба ин натиҷа расидааст, ки муддати навкарии ӯ на камтар аз понздаҳ сол буда, "ба хидмати Аъзамшоҳ пайвастани Бедил баъд аз соли 1080, аниқтараш, дар соли 1080 рух додааст". Барои таъйиди назараш менависад, ки "Ин маънӣ аз қитъаҳои зиёди таърих, ки шоир ба Аврангзебу Аъзамшоҳ ва дигар шоҳону шоҳзодагон бахшида шуда моддаи таърихи ҳафтои онҳо санаи 1080-ро ифода намуданд" [107, с.187]. Муҳаққиқ бо такя ба маъхазҳои боэътимод ва ёддоштҳои Бедил, аз ҷумла маълумоти шоир дар "Чор унсур" ва номаҳояш минтақаҳои сипоҳигарии ӯро низ мушаххас намудааст, ки Акбаробод, Лоҳур,

Ҳасанабдол, Гузарот ва Матҳро мебошанд. Б. Раҳимӣ бо такя ба сарчашмаҳо ва ёдвораҳои худи шоир ва муқоисаи онҳо ба хулоса меояд, ки “Бедил дар соли 1081 (1670-71) ба мулозамат дар дарбори Аъзамшоҳ шуруъ намуда, то соли 1083 (1672-73) дар Акбаробод, аз соли 1084 (1673-74) то соли 1085 (1674-75) дар Деҳлӣ ба сар бурд. Соли 1085 (1674-75) ба даъвати Аъзамшоҳ ба Лоҳур рафта, ба ҳайси як сипоҳӣ ба лашкари ӯ ҳамроҳ шуд ва то соли 1086 (1675-76) дар Лоҳур ва Ҳасанабдул хидмат намуд. Сипас, ҳамроҳи лашкариёни Аъзамшоҳ, ба Гузарот рафта, зоҳиран, то соли 1090 (1679-80) дар он ҷой монд. Шоир аз соли 1090 (1679-80) то соли 1094 (1683) дар Деҳлӣ ва аз соли 1094 (1683) то соли 1096 (1685) дар Матҳро хидмати ҳарбиро давом дод. Ва ниҳоят, дар соли 1096 (1685) дар Матҳро тарки хидмат намуда, ба мақсади иқомати доимӣ ба шаҳри Деҳлӣ омад”. Муҳаққиқ аз қиёсу муқобилаи санадҳо ба ин натиҷа мерасад, ки муддати мулозамати Бедил дар дарбори Аъзамшоҳ ҷамъан 15 сол аст. Се-чор соли аввал (1081-1085, 1670-1675) дар вазифаи доруғачии кӯфтахона, яъне корхонаи аслиҳасозӣ ва 11 соли дигар (1085-1096, 1674-85) дар кори сипоҳигарӣ [107, с.199]. Муҳаққиқ дар анҷоми ин баҳс таърихи истеъфои Бедилро аз саркории Аъзамшоҳ соли 1096 (1685), яъне дар 42-солагии ӯ муайян карда, омили аслии аз хидмати дарбор канор рафтани шоирро аввалан, синну сол, дуюм, ба фаъолияти эҷодиаш мусоидат накардани муҳити фаъолият ва ниҳоят бадамнӣ ва нооромиҳои охирини мавқеи хидмати ӯ дар шаҳри Матҳро муқаррар кардааст, ки аз ҳақиқати сарнавишт ва рӯзгори Бедил бармеоянд.

Ҳамин тариқ, шинохти замони зиндагии шоири бузург аз тадқиқоти устод Айнӣ ва тавзеҳоти иҷтимою сиёсии ӯ, ки зери таъсири сиёсати адабии давр шакл гирифтааст оғоз ёфта, муҳимтарин равиши бедилшиносии тоҷик - муайян намудани таъсири омилҳои замонии сиёсиву иҷтимоиро дар ташаккул ва таҳаввули ҳаёт ва эҷодиёти Бедилро ифода мекунад. Тадқиқоти баъдии дар ҳамин замина анҷом гирифта, бо

шарҳу баррасии зиндагинома ва осори шоир моҳияти замон, мушаххасоти вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва таъсири онро ба сарнавишти шоир мушаххас сохтаанд, ки ҳамчун таҷрибаи илмӣ аҳаммиятнок аст.

Масъалаи зистномаи Бедил аз ибтидо мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқони бедилшинос қарор гирифта, дар миёни осори дар ин боб таълифшуда мактуби Айнӣ ба нависандаи тотор Олимҷон Идрисӣ “Дар ҳақи Бедил” (1910) аввалин мебошад. Айнӣ дар ин мактуб ба “шарики тотораш” оид ба “Тарҷумаи ҳоли Мирзо Абдулқодири Бедил” [38, с. 229] дар такя ба ахборе, ки дар “Хизонаи омира” ва “Маҷмаъ –ун- нафоис” омадааст, маълумоти дақиқ фиристода, ватан, таърихи таваллуд, маҳалли таваллуд ва алоқамандии Бедилро бо баъзе аз ҳокимони вақт муайян менамояд. Маълумоти муҳимми дигаре, ки Айнӣ нақл кардааст, марбут ба рӯзҳои “дар хидмати Муҳаммад Аъзами шоҳзода” будани Бедил мебошад. Айнӣ менависад, ки “яке аз хидматгорони шоҳзода шоир будани Мирзо Бедил ва шеърҳои хеле зебо иншо кардани ӯро ба шоҳзода хабар дод. Пас аз ин, шоҳзода барои худаш як қасидаи мадҳия навиштанро фармуда бошад ҳам, лекин Мирзо Абдулқодир ин хушомадгӯиро ба худ раво надид. Дӯстонаш ҳарчанд зорӣ карданд, лекин вай қабул нанамуда дар сурати қатъӣ рад кард. “Ман чунин тамаллуқ ва маддоҳиро ҳаргиз қабул карда наметавонам,” гуфта аз хидмати шоҳзода истеъфо дода, ба доруссалтанати Шоҳиҷаҳонобод рафт ва боқимондаи умри худро дар он ҷо гузаронд” [34, с. 229 - 230].

Айнӣ дар мактуби зикршуда дар асоси мисраи “Бедил аз олам рафт”, ки онро муаллифи тазкираи “Хизонаи омира” овардааст, санаи фавти шоирро 1133 зикр карда, санаи таваллудашро на 977, ки Идрисӣ навиштааст, балки “бояд 1077 бошад” мегӯяд. Ин тавзеҳашро Айнӣ дар рисолаи “Мирзо Абдулқодири Бедил ” такмил дода, аз мисраи дар боло зикршуда моддаи таърихи фавти шоирро берун мекашад, ки ҳамон 1133-и дар мактубаш зикршуда меҳисобад, ки мутобиқ ба соли 1721-и мелодӣ

аст. Ба ин гуфтааш Айнӣ меафзояд: “... агар ба ёздаҳуми қавс ва сеюми декабр рост омадани сеюми сафари соли мазкурро ба назар гирем, муайян мегардад, ки Мирзо Абдулқодири Бедил дар  сеюми декабри соли 1721 вафот ёфта будааст” [34, с. 60].

Дар замоне, ки Айнӣ номаи “Дар ҳақи Бедил” (1910) ва хеле баъд рисолаи “Мирзо Абдулқодири Бедил”-ро (1952) навишт, шояд ба ҷуз мисраи моддаи таърихи вафоти Бедил, ки муаллифи тазкираи “Хизонаи омира” гуфтааст, маъхази дигаре дар даст надошт. Ҳол он ки Бедил дар “Чор унсур”-и худ таърихи дақиқи таваллудаш-соли 1054 ҳиҷриро, ки мутобиқ ба солҳои 1644/1645-и мелодӣ мебошад, аз рӯи калимаи “интихоб” ва ибораи “файзи қудс”, ки ошнои падараш Мирзо Абулқосими тирмизӣ ироа кардааст, ёд меоварад. Б. Раҳимӣ дар такя ба “Чор унсур” ва қитъаи зер, ки Бедил гуфтаву, моддаҳои мазкури таърихро ба риштаи назм кашида, санаи дар боло зикршударо замони дақиқи таваллуди шоир донистааст:

Ба соле, ки Бедил ба мулки зуҳур,
Зи файзи азал тофт чун офтоб.
Азизе  хабар дод аз мавлудаш,
Ки ҳам “файзи” қудс асту ҳам “интихоб” [107, с. 169].

Дар асоси ҳамин моддаи таърих, ки ҳуҷҷати қотеъ аст, Б. Раҳимӣ соли фавти Бедилро панҷуми декабри соли 1720 муайян кардааст, на ончунон, ки Айнӣ дар такя ба моддаи таърихи муаллифи тазкираи “Хизонаи омира” 3-юми декабри соли 1721 медонад [34, 60; с. 107, 169]. Ю.Салимов бе ишораи манбаъ соли таваллуди шоирро 1644/1661 ва соли вафоташро 3- юми декабри соли 1721 донистааст, ки санаи фавт ба гуфтаи Айнӣ мувофиқ аст [118, с. 241-242].

Чунон ки мебинем Айнӣ танҳо бо дастрасӣ ба як манбаъ, яъне “Хизонаи омира”  ба чунин хулоса омадааст. Вале хулосаи Бобобек

Раҳимӣ санади қотеъ буда, замони таваллуди шоири бузургро аз рӯи шаҳодати худаш дар “Чор унсур” дақиқ муайян намудааст.

Яке аз масъалаҳое, ки дар тули солҳо мавриди баҳси донишмандони бедилшинос будааст, ватани аслии шоир ва аз қабилаи арлос ё барлос будани ӯст. Устод Айнӣ дар ин боб суханони муаллифи “Хизонаи омира” Ғуломалихони Озод, ки Бедилро аз қабилаи арлос донистааст тарҷеҳ медиҳад. Дар боби ватани аслии Бедил ақидаҳо мухталиф буда, устод Айнӣ бар ин назар аст, ки “дар ҳар ҳол бояд яке аз furbобоҳои Бедил аз Мовароуннаҳр ба Ҳиндустон кӯчида бошад”[34, с. 27]. Вале аз нигоҳи Айнӣ “аз кадом шаҳр ё вилояти Мовароуннаҳр будани гузаштагони шоир номаълум аст. Маълумоте, ки Ю. Салимов дар ин боб меоварад, ҳамсони гуфтаҳои Айнӣ буда, Б. Раҳимӣ дар такя ба маълумоти муаллифи “Миръот-ул-хаёл”-и Шералихони Лудӣ Бедилро “аз қавми чиғатойи барлос” медонад [108, с. 14].

Устод Айнӣ дар замина маънии унвони эҳтиромии “Мирзо”, маънии Бедил, масъалаи навкарӣ ва сипоҳигарӣ будани касби аслии падару бобоҳои Бедилро дар асоси маълумоти сарчашмаҳо ва “Чор унсур” муайян карда, аз падар ятим мондан ва дар панҷ солу панҷ моҳагиаш ба мактаб рафтанашро мушаххас кардааст. Дар фасли ёдшуда Айнӣ масъалаҳои дигар, аз ҷумла аз тарбияи амакаш баҳра гирифтани шоир, аввалин шеъри ӯ, ихлосмандиаш бо маҷзубон, сафари аскарии Бедил, сафарҳо, зиндагӣ дар Деҳлӣ, наздикӣ бо Шоҳкобулӣ, хонадорӣ, соҳиби фарзанд шудану фавти фарзанд, шоирони амалдори дӯсти Бедил, иқомати доимиаш дар Деҳлиро матраҳ ва баррасӣ карда, сипас “мазмуни мактубҳои Бедилро ва ба асоси ин мактубҳо муносибати ӯро бо ҳамзамононаш”[34, с. 51- 61] таҳлил ва арзёбӣ кардааст, ки дар шинохти зистномаи Бедил ҳанӯз ҳам арзиши хос дорад.

Айнӣ санаи фавти Бедилро чунин баён намудааст, ки “Дар замони пештара, хусусан дар Ҳиндустон, дар хонаи худ дафн карда шудани

донишмандони калон одат буд. Бинобар ин дар саҳни хонаи худ мадфун шудани ин файласуфи бузург ҷои тааҷҷуб нест", вале оид ба он ки "он хона, он турбат... -ҳанӯз барқарор аст..." менависад, ки "ҳоло мо намедонем" [34, с. 61].

Бобобек Раҳимӣ дар такя ба манобеи муътамад, аз ҷумла "Икди Сураё"-и Ғулом Мусҳафии Ҳамадонӣ ва "Саъд -ул- манозил"-и Мирзо Сангинбек "дар ҳолати вайронӣ воқеъ гардида"-ни хонаи шоир ва "аз он қабр феълан ному нишон боқӣ намонданро" таъйид кардааст. Ҳамчунин ин донишманд сарчашмаҳои зиёдеро омӯхта, ба ин натиҷа мерасад, ки маҳалли дафни турбати шоир, ки саҳни ҳавлиаш будааст, бар асари ҳодисаҳои рӯзгор хароб шуда ва имрӯз аслан маҳалли қабри шоир номуайян аст. Ин маъниро қабл аз Б. Раҳимӣ донишманди фақид Аҳрор Мухторов низ таъйид карда навишта буд: "аз рӯи нақли аҳолии маҳаллӣ, қабри шоир як вақтҳо дар даруни кадом як бино будааст ва ҳоло аз он иморат осоре боқӣ намондааст "[77, с. 204].

Дар миёни таълифоте, ки доир ба зиндагиномаи Бедил баъди солҳои ҳаштодуми садаи гузашта чоп шуда, баъд дар шакли китоби алоҳида нашр гардидаанд, рисолаҳои Бобобек Раҳимӣ "Ошноӣ бо Бедил" ва "Зиндагиномаи Бедил" ҷойгоҳи хос доранд. А. Сатторзода фарқияти кори Б. Раҳимиро аз бедилшиносони дигар дар он дидааст, ки "мавсуф аз оғози фаъолияти илмии худ то ба ҳол танҳо ба таҳқиқ ва нашри осори Бедил машғул мебошад. Агар таърихи таълифи аввалин мақолаҳои ӯро дар заминаи бедилшиносӣ ба эътибор гирем, барои мисол "Чор унсури Бедил" (1979) ва "Таҳқиқи назми Бедил" (1980) вай тақрибан дар ҳудуди чил сол аст, ки бедилшиносӣ мекунад" [123].

Зимнан бояд таъкид кард, ки корҳои анҷомдодаи ин донишманд дар шинохти зиндагиномаи Бедил хеле зиёд ва дақиқу пурмоя буда, мо дар алоқамандӣ бо таълифоти устод Айнӣ баъзе андешаҳои ӯро доир ба

рӯзгори Бедил дар боло ёд кардем. Ҳоло ба тариқи мухтасар баъзе дарёфтҳои ин донишмандро доир ба шарҳи ҳоли Бедил арзёбӣ мекунем.

Б. Раҳимӣ рӯзгор ва тадқиқотҳои дар ин замина анҷомёфтаро дақиқ ва мукаммал омӯхта, воқеан ҳам зистномаи Бедилро бозсозӣ кардааст. Ин донишманд тавонистааст, ки "паҳлӯҳои норавшан" ва "нуқтаҳои дақиқнашудаи" зиндагиномаи шоирро равшан ва мушаххас сохта, ҳамзамон ду китоби арзишманди "Ошноӣ бо Бедил" (2009) ва "Зиндагиномаи Бедил"-ро (2017) ба чоп расонад. Дар ин ду китоб вай ба ҳалли муҳимтарин масъалаҳои зиндагиномаи шоир муваффақ шудааст. Аз ҷумла, вай доир ба ватани гузаштагони Бедил, замони таваллуд ва вафот, дар вилояти Биҳори Ҳиндустон гузаштани замони кӯдакӣ ва наврасиаш, номи аслии худ ва падараш, тахаллус, забони модарӣ, муҳити парваришёфта, сабабҳои тарки таҳсил, робитааш бо шоҳон, фарзанд, устодони маънавӣ, сафарҳои ҳарбӣ, мулозиматҳо ва мусофиратҳо, мирзои давраи Аврангзеб набудан, шаҳрҳои сафаркардаи Бедил ва монанди инҳо дар заминаи сарчашмаҳои муътамад маълумоти дақиқ ироа карда тавонистааст, ки бисёр иштибоҳҳо ва норавшаниҳоеро, ки ба шарҳи ҳол ва воқеиятҳои рӯзгори Бедил алоқаманд аст, ислоҳ намояд.

Ҷустуҷӯҳо ва дарёфтҳои дақиқи илмии Б. Раҳимӣ масъалаҳои баҳсноки зиндагиномаи Бедилро ҳам ҳал карда ва ҳам дидгоҳҳои барғалатро мавриди нақди холисона қарор додааст, ки дар шинохти воқеиятҳои ҳаёти шоир пураҳаммият мебошанд. Масалан, дар шинохти санаи дақиқи таваллуд ва фавт, забони модарӣ, ватани аҷдодҳо, шоҳони ҳамзамон, қабр ва монанди онҳо дигар суоле дар миён нест. Ин донишманд дар муайян кардани сарнавишти воқеии шоир ба сарчашмаҳои боэътимод, аз ҷумла тазкираҳо, осори худи Бедил, "Чор унсур", мактубҳо ва баъзе таълифоти дигар такя карда, воқеан кореро

анҷом додааст, ки ифодагари равиши тоза ва босамар дар бедилшиносии тоҷик мебошад.

Тадқиқоти устод Айнӣ, таълифоти баъзе муҳаққиқони солҳои ҳафтоду ҳаштоди асри гузашта (С. Амирқулов, Ш. Шукуров, М. Хоҷаев, А. Мухторов ва дигарон) ва ниҳоят он коре, ки Б. Раҳимӣ анҷом додааст, бешак, далели пешрафти ин соҳа дар Тоҷикистон аст. Вале ин ишораи мо чунин маънӣ надорад, ки дар шинохти зиндагиномаи шоир ҳамаи масъалаҳо ҳал шудаанд.

Аз таҳлили қиёсии тадқиқоти оид ба шарҳи ҳоли Бедил анҷом гирифта, мо ба ин натиҷа расидем, ки дар ин замина масъалаҳои баҳснок ҳанӯз вуҷуд дорад. Масалан, номи шаҳри Патна, ки Бедил соли 1071 (1661) ба он ҷо сафар кардааст, дар рисолаи устод Айнӣ Удеса [34, с. 33], дар “Зиндагиномаи Бедил” Ориеса [108, с. 88] ва дар “Файзи қудс”-и Халилуллоҳи Халилӣ “ Удиса [138, с. 53] зикр шудааст, ки хонандаро раҳгум мезанонад. Ба ин монанд масъалаҳои ватани аслии Бедил, робитааш бо муосирон, аз ҷумла баъзе шоирон, маҳалли дафн ва дар куҷо будани қабри воқеии ӯ ҳанӯз ҳамчунон ҳалнашуда боқӣ мондаанд. Ҳолати маҷзубӣ, зинаҳои гуногуни он ва гароишаш ба ин тариқат низ ҳанӯз комилан таҳқиқ ва арзёбӣ нашудааст. Сабаби ин ҳодиса, ҳамчунон, ки аз тадқиқоти анҷомгирифта бармеояд, ба қадри кофӣ дастрас набудани манобеъ ва сарчашмаҳои алоқаманд ба рӯзгори Бедил аст, ки аксари онҳо берун аз Тоҷикистон нигоҳдорӣ мешаванд. Бо вуҷуди ин, он чи ки оид ба омӯзиши шарҳи ҳоли Бедил дар Тоҷикистон анҷом гирифтааст қобили эътибор буда, дар шинохти муҳимтарин лаҳзаҳои ҳаёти шоир пурарзиш мебошанд.

Ҳамин тариқ, аз таҳлилҳо ва арзёбиҳои дар ин фасл анҷомгирифта метавон ба  ин натиҷа расид, ки замон ва зиндагиномаи Бедил аз оғоз мавриди таваҷҷуҳи бедилшиносони тоҷик қарор гирифта, дар ин замина

доир ба воқеиятҳои сиёсию иҷтимоӣ, алоқамандии он ба сарнавишти шоир ва шарҳи ҳоли ӯ як силсила таҳқиқоти муҳим ва арзишманд ба вуҷуд омадаанд.

Дар таҳқиқ ва баррасии мавзуи мазбур дар бедилшиносии тоҷик хидмати устод Айнӣ, Ю. Салимов, Б. Раҳимӣ ва баъзе муҳаққиқони дигар калон буда, омӯзиши ин масъала дар таҷрибаи илмии донишмандони тоҷик бо усули таърихиву муқоисавӣ амалӣ ва вазъи замони зиндагии шоир дар алоқамандӣ бо ҳаёту фаъолияташ арзёбӣ гардидааст. Ба ин далел, равиши таҳқиқи бедилшиносони тоҷик бо зинаҳои инқироз ва таҳаввулоти сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ пайванди бевосита дошта, натиҷагириҳои вусъатноки сиёсию иҷтимоӣ ва таърихию адабиро фаро мегирад, ки ҳадафи аслиаш муайян ва мушаххас намудани моҳияти замон ва таъсири он ба сарнавишти инсонӣ ва ҳунарии Бедил будааст.

## 1.2. Муҳити адабӣ ва таъсири он ба эҷодиёти шоир

Бо вуҷуди ноорамиҳое, ки дар замони ҳукмронии сулолаи Темуриён қораи Ҳиндро фаро гирифта буд, бо саъй ва талоши бевоситаи баъзе шоҳони адабпарвар дар ин кишвар муҳити воқеии шеъру адаби форсии тоҷикӣ эҳё шуд ва зинаҳои ташаккул ва таҳаввулро тай кард. Ҳарчанд ба эътирофи аҳли таҳқиқ, шеъру шоирӣ бо Бобур ба Ҳиндустон омада бошад ҳам, "лекин тарбияти шеъру сухан аз Байрам Хонихонон оғоз" гардидааст. Ин шахс "худ шоири пӯхтаву озмуда буда ва дар туркиву форсӣ – ҳар ду шеър мегуфтааст ва аксари шуарову сухансароён дар дастгоҳи ӯ дорои шуғлу мақом будаанд [93, с. 12].

Ба ин тартиб, дар замони Бобур Ҳиндустон маркази адаб ва маҷмаи шуарои форсизабон гашта, ривоҷу равнақи бозори шоирӣ дар ин хитта касодӣ ва беравнақии онро дар Эрону Мовароуннаҳр талофӣ кард. Ба ин муҳит ҳам шоироне ворид мешудаанд, ки ҳам дар ватани аслиашон фишору таҳқир медиданд, ҳам ба ташвиқ ва ҳимояти салотини Бобур умед баста ба Деҳливу Агра мерафтанд. Мутаассифона заминаҳо ва омилҳои бавуҷудоии муҳити адабӣ дар Ҳиндустон ва нақши он дар равнақи адабиёти форсизабон ҳанӯз ба таври ҷомеъ омӯхта нашудааст. Фақат аз ҷониби Акбаршоҳ барқарор намудани мансаби маликуш-шуароӣ ва дар феҳристи шуарои Акбарӣ зикр шудани номи Саноӣ, Ғаззолӣ, Урфӣ, Назирии Нишопурӣ, Ҳузнии Исфаҳонӣ, Қосими Коҳӣ, Майлии Ҳиравӣ, Ҷаъфарбеки Қазвинӣ, Хоҷа Ҳусайни Марвӣ, Ҳаётии Гелонӣ, Шикебии Сифаҳонӣ, Анисии Шомлу, Солеҳии Ҳиравӣ, Маҳвии Ҳамадонӣ, Сарфии Соваҷӣ, Қарории Гелонӣ, Итобии Наҷафӣ, Ғайюрии Ҳисорӣ ва даҳҳои дигар, ки ба дарбор наздик будаанд ва шумори "бас анбӯҳ", ки ба дарбор роҳ наёфтаанд, вале "аз дурдастҳо гетихудовандро

ситоишгар” буданд, гувоҳи бо шеъру адаб алоқаи тамом доштани ҳокимони вақт будааст [93, с. 12].

Худи Бобур ба эътирофи донишмандони муосираш ва баъдиниён шоир буд ва “китобе дар савонеҳи аҳволи хеш навишт номаш “Бобурнома”, ки арзиши адабӣ ва таърихии бисёр дорад. Писараш Ҳумоюн низ шеър месуруд ва наводааш Акбар ҳарчанд зоҳиран аз хатту савод бебаҳра буд, аммо ба тавориху қиссас ва шеъру луғат алоқа дошт ва ба дастури ӯ баъзе аз кутуби ҳиндӣ ба форсӣ тарҷума шуд ва дар луғат ҳам китобҳо таълиф гардид ва шеър низ бад-ӯ нисбат кардаанд. Ва ба ҳар ҳол дарбори ӯ маҷмаъи фузало ва шуаро буд, ки аз Форсу Ироқ ва Хуросон ба дарбори ӯ рӯй меоварданд. Ҷаҳонгир ва занаш Нуриҷаҳон низ ҳар ду ба шеъру адаб алоқа доштанд. Дар китобхонаи Шоҳиҷаҳон “се лак китоби мунтахаби хушхати покиза” буд “аз ақсоми фунун ва асноди улуми арабӣ ва форсиву англезӣ”. Дорошукуҳ писари Шоҳиҷаҳон ба шеъру адаб алоқа дошт ва “бо суфияву урафо муоширaт мекард ва ба саидои сармад иродат меварзид. Умарову вузарои ин давлат низ аксар шеършинос буданд ва ҷалолу шукуҳи дарбор ва сарвати табиии ҳинд ҳам саховатҳои афсонаомезро ҷиҳати онҳо мумкин менамуд” [49, с. 256-257]. Ҳатто дар даврони салтанати Ҷаҳонгир дар Ҳинд таъсис додани “Қонуни ҳимояти шеър ва шуаро” далели мавқеъ додан ба шоирон ва аҳли адаби форсигӯ буд [50, с. 114-115].

Устод Айнӣ аз аввалин муҳаққиқони бедилшиносе буд, ки бо вуҷуди гароишҳои идеологии адабиётшиносии замон дар матни воқеиятҳои таърихӣ ва маълумоти сарчашмаҳо доир ба муҳити адабии замони Бедил ва робитаи ӯ ба шоирону аҳли адаб ҳарфи ҳақ ва бодалелро гуфтааст. Айнӣ саҳми Акбарро дар бунёди муҳити боэътимоди адабию фарҳангӣ таъкид карда “ба дарбори подшоҳӣ кашида шудани одамони донишманд, ҳамчун шайх Абулфазл бинни Шайх Муборак, Ҳаким Фатҳуллоҳи Шерозӣ ва дигарҳо”-ро заминаи

тағйирот дар муҳити адабӣ ва робитаи ҳокимону шоирон таъбир мекунад [134, с. 12]. Ҳамин омил боис мегардад, ки муносибати намояндагони динҳо ба мероси адабӣ ва фарҳангии дигар қавму қабилаҳо ва дину оини онҳо дигар шуда, ба нашри мероси маънавии динҳои дигар имкон фароҳам меояд, ки заминаро барои рушди алоқаҳои адабию фарҳангӣ дар миёни мусулмонон ва ҳиндуҳо мегузорад.

Айнӣ дар рисолаи "Мирзо Абдулқодири Бедил" бо ишораҳои мушаххас собит кардааст, ки агар дар Ҳиндустон, бахусус шаҳрҳову минтақаҳое, ки Бедил зистааст, муҳити адабӣ вуҷуд намедошт, шоири бузурге чун Бедил ва даҳҳои дигар дар ин муҳит зиндагӣ ва эҷод карда наметавонистанд. Устод Айнӣ дар ин рисола муносибати шоҳони темуриро ба шоирон ва аҳли адаб ба таври мухтасар шарҳ дода, дар қавӣ шудани муҳити адабию фарҳангии форсӣ нақши одамони донишманд ва суханшиносро муассир медонад. Аз ҷумла, дар замони подшоҳии Муҳаммадшоҳ ба "донишманди бузург ва шоири забардаст" Низомулмулк Осафҷоҳ эътимод кардани шоҳро омили муҳим дар қувват гирифтани муҳити адабии давр дониста, "аз ихлосмандони Бедил" будани ӯро таъкид мекунад. Аз ҷумла Айнӣ менависад, ки Низомулмулк Осафҷоҳ "дар вақти дар вилояти Дакан ҳоким буданаш-дар вақте ки пойтахт Деҳлӣ дар натиҷаи "подшоҳбозиҳо" хароб ва аҳли дониш сарпаст буданд, ӯ номаи махсус ба Бедил, ки дар Деҳлӣ иқомат дошт, навишта ӯро ба ҳузури худ даъват намуд. Аммо Бедил дар ҷавоб байти зеринро навишта фиристод ва даъвати ӯро рад кард.

Дунё агар диҳанд нахезам зи ҷои хеш,
Ман бастаам ҳинои қаноат ба пои хеш" [34, с. 21-22]

Ин хулосаи Айнӣ чунин маънӣ намедиҳад, ки муносибати Бедил ба Осафҷоҳ хуб набудааст. Бедил хоҳиши султонро напазируфта бошад ҳам, бо ӯ робитаи устувор ва ҳасана доштааст. Аз ҷумла дар "Руқаот" дар

номае "Чинқиличхонбаҳодур, ки яке аз хитобҳои собиқи Низомулмулки Осафҷоҳ" будааст, Бедил хоҳиш мекунад, ки ӯ Муҳаммадаҳсани Эҷодро ба мулозимат роҳ диҳад [108, с. 316]. Яъне Бедил ва ҳарфи ӯ пеши Осафҷоҳ қадр доштааст.

Чунон ки аз санадҳои таърихӣ бармеояд, он чи дар давраи зиндагии Бедил ва чанд насли пешу паси вай барои равнақи шеъру адаби форсӣ ва муҳити адабӣ шароит фароҳам овард марбут мешавад, ба таваҷҷуҳ ва инояти хоси авлоди Бобур ба шеъру адаб бармегардад. Бобур ва писараш Ҳумоюн ба рағми он ки забонашон чиғатоӣ буд, ба форсӣ шеър мегуфтанд ва шеърашон завқ ва ранги шеъри Ҳофиз ва Ҷомиро ифода мекард.

Алоқаи гарми шоҳони темурӣ ба фарҳанги форсӣ дарбори Ҳумоюн ва писараш Акбарро маҳалли гирдиҳамоии аҳли адаб гардонда буд. Зимнан бояд гуфт, ки фирори аҳли адаб аз Мовароуннаҳру Эрон ба Ҳинд фақат ба силадиҳии аҳли дарбори бобуриён вобаста набуд, балки зулми сафавия барои ақида ва мазҳаб ва бераҳмии ин хонадон Ҳинд ва дарбори шоҳони бобуриро барои аҳли адаби форсигӯ "мадинаи фозила" намуд, ки аз рӯйи тафсири Айнӣ ва муҳаққиқони дигар воқеият дошт ва омили аслии ба вуҷудоии муҳити устувори адабӣ дар рӯзгори Бедил гардид.

Устод Айнӣ дар таҳкими " алоқаи адабӣ-маданӣ"-и мусулмонон ва ҳиндуҳо нақши Акбарро бузург шинохта, маҳз дар ҳамин давра сарҷамъ шудани аҳли адабро новобаста ба мазҳаб таъкид мекунад. Дар воқеъ аз ҳуҷҷатҳои таърих бармеояд, ки "Акбар нафақат муътакид буд, ки тасаллут бар раият бидуни тасомеҳ дар мавриди ақоиди онҳо мумкин нест, балки ақида дошт ақоиди мухталиф, ки дар назди ҳар тоифа ҳаст, албатта, мубтани бар ақл ва ҳикмати хоси онҳост ва дар номаи насиҳатомезе ҳам, ки як бор барои шоҳ Аббос ҷиҳати таҳзири вай аз таъқиб ва озори мухолифон навишт, хотирнишон кард, ки мардум дар он

чи ба охирати онҳо марбут аст камтар аз он чӣ ба дунёшон марбут мешавад алоқаманд ва муҳтот нестанд, бинобар ин набояд онҳоро ба хотири ақоиде, ки онҳо онро ягона роҳи ноил гардидан ба саъодат ва фалоҳи ухравӣ медонанд, таъқиб ва озор кард”[47, с. 120].

Ба эътирофи аҳли таҳқиқ, давлати темурии Ҳинд дар он айём ва солҳои баъд танҳо давлати мусалмоне буд, ки дар қаламрави он бидуни он ки фишори хориҷӣ даркор бошад, атбои ғайри мусалмон ҳам аз лиҳози ҳуқуқ бо раъоёи мусалмон мусовӣ маҳсуб мешуданд. Худи Акбар, ба шаҳодати устод Айнӣ аз тоифаи раҷани ҳинду зан гирифт ва дар маросими қурбонӣ ва ниёзе, ки занаш барои худоёни хеш тақдим кард, ширкат намуд. Ҳамаи ин омилҳо фосилаи руҳиро миёни ислом ва ҳиндувон кам карда, яке аз омилҳои аслии ташаккул ва таҳаввули муҳити адабу ҳунар дар рӯзгори Бедил гардид [34, с. 12].

Устод Айнӣ доир ба муҳити адабӣ, бахусус шеъру шоирӣ ва робитаи Бедил бо шоирон ва донишмандон сухан карда, дар ин замина рафоқати дӯстонаи шоирро ба намояндагони фалсафаи бараҳманони қадими ҳинд таъкид мекунад ва дар такя ба “Чаҳор унсур” бо бароҳима Бобоҳасани Абдол ва расоми ҳинду Абду Чату, ки расми шоирро кашидааст, робитаи Бедилро нишон дода, дар замина равиши ҳамгироиро дар муҳити адабию фарҳангӣ таъкид месозад.

Назар ба мушоҳидаи Айнӣ дар шаклгирӣ ва равнақи муҳити адабӣ Бедил бо роҳи тарбияи шогирдон низ ҳисса гузаштааст. Дар ин замина устод Айнӣ нақли муаллифи тазкираи “Хизонаи Омира” Мирмуҳаммадаҳсани Эҷодро аз ин ҷумла дониста, меафзояд, ки “Шогирдони Бедил танҳо аз мусулмонон набуда, ҳиндуҳоро ҳам ӯ тарбия ва таълим мекард.” Айнӣ зайли намуна аз Аниндроми Мухлистахаллус, ки “шоири дуруст” ва “аз шогирдони Бедил будааст”, ёд мекунад [34, с. 54].

Устод Айнӣ бо такя ба сарчашмаҳои таърихиву адабӣ робитаи ҳасанаи Бедилро бо шоирон Муҳаммад Ошиқи Ҳиммат, Мирзо Суҳроби Равнақ, Муҳаммадаҳсани Эҷод ва дигарон таъкид карда, ин омилро василаи равнақи муҳити шеъру шоирӣ дар Ҳинд медонад. Айнӣ дар рисолаи “Мирзо Абдулқодири Бедил” муносибат ва робитаи Бедилро бо ҳамзамононаш дар асоси мактубҳои шоир низ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додааст, ки дар бедилшиносӣ иқдоми беназир буду ҳаст. Ин мактубҳо дар тавзеҳ ва арзёбии Айнӣ, пеш аз ҳама, вазъи муҳити адабӣ ва фарҳангии рузгори Бедил ва моҳияти робита ва ҳамкориҳои шоирро ба аҳли адаб муайян ва мушаххас месозанд, ки бештарини онҳо шогирдон ва дӯстони шоир буданд. Дар ин радиф Айнӣ номаи Бедилро ба Шукруллохон ва Шокирхон таҳлил карда, меафзояд, ки “Ин ду кас ҳам ки ё бародар ва ё бародарзодагони ҳамдигаранд, дар ҳақиқат шогирдони Бедил буда, ӯро аз ҳад зиёд самимона ҳурмат мекардаанд” [34, с. 55].

Айнӣ ҳадафи номаҳои Бедилро, пеш аз ҳама, барқарор кардани алоқаи адабӣ ва баёнгари муносибатҳои самимонаи устодиву шогирдӣ дониста таъқид мекунанд, ки ин гуна номаҳо мақсади тарбияву таълимро ҳеҷ гоҳ фуругузор намекунанд. Дар замина аз мактубе, ки дар асарҳои адабӣ лозим будани риояи ҳам лафз ва ҳам маъниро таъқид менамояд  иқтибос мекунад, ки масъалаи такмили ҳунари шоириро дар муҳити адабӣ дар бар мегирад.

Устод Айнӣ бештар ба мактубҳое таваҷҷуҳ кардааст, ки Бедил дар онҳо ба вазъи муҳити адабӣ ва савияи ҳунарии шоирон ё шогирдонаш дахл кардааст. Дар ин равиш Айнӣ аз мактубҳои Бедил ба Шукруллохон, Шокирхон, Ҳусайнқулихон ва Қайюмхон ёд карда, ба ин васила сайъу талоши шоирро дар тарбияи шоирон нишон додааст. Аз ҷумла Айнӣ дар бораи  як мактуби Бедил ба Ҳусайнқулихон сухан карда менависад, ки “Ҳусайнқулихон як ғазал дар як вазни мушкил гуфта барои дида баёни

фикр ва ислоҳ кардан ба Бедил фиристодааст. Бедил дар ҷавоб дар зимни таърифи он ғазал ислоҳ карданашро нозукона ифода намуда он шахсро ба бисёртар хондани асарҳои назмӣ ва насрии худаш даъват мекунад” [34, с. 56].

Ҷустуҷӯҳои Айнӣ дар ин замина масъалаҳои нақши Бедил дар “тарбияву таълими ҷавонони қобил” - ро низ фаро мегирад, ки таъкид ба мавқеи шоир дар муҳити адабӣ ва робитааш ба аҳли ҳунар мебошад. Аз тадқиқоти Айнӣ бармеояд, ки Бедил бо роҳҳои гуногун ҷавонони ҳунармандро ба муҳити адабӣ ҷалб мекард ва ин амали ӯ фақат ба тарзи шифоҳӣ анҷом нагирифта, як қисми шогирдонашро ба тарзи ғоибона ба воситаи мукотиба тарбия [34, с. 56] ва ба муҳити адабӣ ҷалб намудааст, ки гувоҳи мавқеи шоиста ва таъсири бафайзи шоир дар муҳити адабии рӯзгораш мебошад.

Устод Айнӣ доир ба муҳити адабии шоҳони темурии Ҳиндустон, мавқеъ ва робитаи Бедил бо аҳли қалам ва фарҳангиёни ин муҳит, зери таъсири идеологияи замонаш хеле бо эҳтиёт сухан карда, ба ҳар ҳол ба мушаххас намудани нақш ва ҷойгоҳи Бедил дар ин муҳит даст ёфтааст, ки барои муҳаққиқони баъдӣ хусусияти роҳнамоӣ низ доштааст.

Дар шинохти муҳити адабӣ ва робитаи Бедил бо баъзе аз амирону шоирони муосири хеш тадқиқоти Бобобек Раҳимӣ “Зиндагиномаи Бедил” “нисбатан дақиқ ва мукаммал” [123] буда, бисёре аз паҳлуҳои ин мавзуъро равшан месозад. Муҳаққиқ дар ин замина ба таҳқиқ ва арзёбии нақш ва ҷоёгоҳи Бедил дар муҳити адабии давр ва “робитаи эҷодӣ ва алоқаи дӯстӣ”-и шоир ба муосиронаш диққат дода, ин масъаларо дар такя ба сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва осори Бедил, аз ҷумла “Руқаот” ва “Чор унсур “ равшан ва мушаххас сохтааст.

Бобобек Раҳимӣ дар тадқиқоти ёдшуда ва баъзе мақолаҳои дигар вазъи муҳити адабӣ ва хусусиятҳои онро дар рӯзгори Бедил зимни баёни мавзуоти зерин муаян намудааст, ки дар бедилшиносӣ бесобиқа аст:

-Бедил ва Мирзозариф;

-Бедил ва Шоҳқосими Ҳуваллоҳӣ;

-муносибати Бедил бо дарвеши ношинос;

-Бедил ва Аъзамшоҳ;

-Бедил ва Мирзо Комгор;

-Бедил ва  Атупчатри рассом;

-Бедил ва Авранзеби Оламгир;

-Бедил ва Шукруллоҳхони  Хофӣ;

-Бедил ва писарони Шукруллохон;

-Бедил ва ҳокимони аср.

Дар ин самт муҳаққиқ нафақат муносибат ва робитаи Бедилро бо чеҳраҳои намоёни сиёсӣ ва адабиву фарҳангӣ нишон додааст, балки зимни тавзеҳу тавҷеҳи масъалаҳои мушаххас  нақши шахсиятҳоро дар равнақи муҳити адабию фарҳангӣ муайян намудааст. Масалан, вақте ки муҳаққиқ дар бораи  тағои Бедил Мирзо Зариф сухан мегӯяд, ба ваҷҳи он, ки ин шахс “донишманду таҳсилдида  буд”, масъалаи нақши Мирзо Зариф   дар шаклгирии муҳити адабӣ ва робитаи Бедил бо онро низ ба миён мегузорад ва қазоват мекунад. Маълум мешавад, ки Мирзо Зариф нафақат монанди амаки Бедил Мирзо Қаландар “мухлис ва дӯстдори аҳли фазлу камол буд”, балки “хонаи ӯ низ маҳалли ҷамъомади шоирону орифон ва дарвешону маҷзубон ба шумор мерафт. Ба иборати дигар Бедил дар шаҳри Патна низ дар ҳалқаи одамони бомаърифат қарор дошт ва аз суҳбату маҷлисҳои онҳо баҳравар мегардид” [108, с. 85- 86]. Воқеан ҳам хонаи Мирзо Зариф ба сари худ муҳити адабие буд, ки робитаи Бедилро ба шоирону орифон барқарор кард ва тадриҷан таҳким бахшид.

Бобобек Раҳимӣ зайли намуна аз суҳбатҳои шоирону орифон дар хонаи Мирзо Зариф, аз ҷумла Шоҳ Абулфазли Маъонӣ ном шахс, ки “аз ҳамсуҳбатон ва ҳамнишинони Бедил дар он солҳо” [108, с. 86] будааст,

мисол оварда, пораҳое аз ёдномаи Бедил, ки дар “Чор унсур” омадааст, нақл ва вазъи муҳити адабии рӯзгори Бедилро ба таври мушаххас нишон медиҳад.

Вазъ ва моҳияти муҳити адабию фарҳангии рузгори Бедилро Бобобек Раҳимӣ дар мисоли робитаи Бедил бо Шоҳқосими Ҳуваллоҳӣ, Мирзо Комгор, Шукруллоҳхони Хофӣ ва баъзе амирон, аз ҷумла Аъзамшоҳ низ дар такя ба сарчашмаҳо ва осори шоир бо камоли диққат арзёбӣ карда, мавқеъи аҳли адабро дар шаклгирӣ ва равнақи ин муҳит нишон медиҳад.

Дар тадқиқоти Б. Раҳимӣ масъалаи робита ва бархурди Бедил бо баъзе шоирони муосираш низ дар маҷмуъ баёнгари вазъи умумии муҳити адабию фарҳангии замони шоир мебошад. Аз тадқиқоти ин донишманд бармеояд, ки Бедил дар муҳити адабии асри хеш аз шоирони фаъол ва таъсиргузор ба шумор рафта, ба ҳодисаву воқеъаҳои адабии давр таваҷҷуҳи хос доштааст. Ин таваҷҷуҳ ва ҳамдамию ҳамқадамии ӯро Б. Раҳимӣ дар мисоли робитаҳои ҳунарӣ ва алоқаи дӯстии шоир бо муосиронаш нишон дода, таъқид мекунад, ки дар бисёр маврид бархурд ва баҳсу мунозираҳо мавқеъи ҳунарии Бедилро дар муҳити адабӣ муайян ва мушаххас менамояд.

Аз ҷустуҷӯҳои Б. Раҳимӣ маълум мешавад, ки Бедил бо шоироне мисли Абдулазизи Иззат, Мирзо Муҳсини Зулқадр, Носиралии Сарҳиндӣ, Муҳаммадафзали Сархуш, Нозимхони Фориғ, Мир Азиматуллоҳи Бохабар, Мир Муборакуллоҳи Возеҳ, Мирзо Суҳроби Равнақ, Мирзо Муҳаммадамини Ирфон, Мирзо Бетоб, Эзидбахши Расо, Ҳоҷӣ Муҳаммадаслам Салими Кашмирӣ, Мир Муҳаммадҳасани Эҷод, Аҳмадалии Ибрат ва даҳҳои дигар робитаи дӯстона ва ҳамкориҳои эҷодӣ доштааст, ки баёнгари вазъи адабии давр ва муносибати шоир бо муосирони ҳунармандаш аст.

Адабиётшинос Б. Раҳимӣ дар заминаи осори Бедил ва сарчашмаҳои адабию таърихӣ, аз ҷумла тазкираҳо доир ба робита ва бархурди бевоситаи шоир бо шоирони ёдшуда маълумоти дақиқ оварда, моҳияти робитаҳои адабии Бедилро бо муосиронаш мушаххас месозад. Ин иқдоми муҳаққиқ дар бедилшиносӣ беназир буда, пеш аз ҳама, баёнгари чеҳраи инсонӣ ва ҳунарии шоири тавоно ва мавқеъу таъсири ӯ дар муҳити адабии рӯзгораш мебошад .

Дар миёни онҳое, ки муҳаққиқ зикр кардааст, ҳам устодони Бедил будаанд ва ҳам шогирдони ӯ. Аз ҷумла, шайх Абдулазизи Иззат аз устодони Бедил буда, шоир ҳанӯз дар замони сипоҳигариаш дар хидмати ӯ машқи сухан кардааст. Б Раҳимӣ ин андешаро дар такя "бар қавли Хушгӯ" ва мактубҳое, ки Бедил дар "Руқаъот" ба унвони Абдулазизи Иззат навиштааст исбот карда, сипас "дурӣ аз остони ҳузури Иззат", нороҳатии Бедилро аз "бемории Абдулазизи Иззат" ва як "ғазали бенуқтаеро" ба Иззат равона кардани шоирро далели қаробати онҳо медонад. Ҳамчунин муҳаққиқ марсияҳоеро, ки Бедил дар вафоти Иззат гуфтааст иқтибос карда, дар ин марсияҳо таърихи вафот, хислатҳои зотӣ ва фитрии Иззатро ёдрас кардани шоирро баён медорад. Муҳаққиқ бо муқоисаи "Соқиномаи кӯчак"-и Иззат ва "Соқиномаи Бедил" аз таъсири осори Иззат бебаҳра набудани Бедилро низ ба таври мушаххас нишон додааст [108, с. 282, 288].

Ҷиҳати муҳимми ҷустуҷӯҳои илмии Б. Раҳимӣ дар ин замина иборат аз он аст, ки вай робитаи Бедилро бо муҳити адабӣ ва шоирони ҷудогона фақат дар такя ба сарчашмаҳои муътамади адабӣ ва осори шоир муайян намудааст. Дар ин равиш ӯ доир ба шоири дигаре, ки аз давраи ҷавонӣ то охири умр бо Бедил дӯст ва ҳамнишин будааст, яъне Мирзомуҳсини Зулқадр маълумоти муфассал дода, заминаҳо ва омилҳои алоқамандии шоирро бо вай дақиқ муаян менамояд. Дар тавзеҳи Б Раҳимӣ иртиботи Бедил бо Мирзомуҳсини Зулқадр, пеш аз ҳама, ҷанбаи

ҳунарӣ ва касбӣ дошта, таваҷҷуҳ ва гароиши ин дуро ба якдигар собит месозад. Ба ғазали нахустини девони Бедил ҷавоб гуфтани Зулқадр низ ҳамчун далели эътиқод ва ихлосу иродати шоир таъбир шудааст.

Муҳаққиқ дар такя бо суханони муаллифи тазкираи “Сафинаи хушгӯ “ робитаи бевоситаи ин дуро мушаххас сохта, аз ҷумла менависад:Мирзомуҳсини Зулқадр “дар авоил дар саркории подшоҳзода Шуҷоъ дар фирқаи сипоҳиён интизом дошт ва бо ҳазрати Мирзо Абдулқодири Бедил аз сиғари син машҳур (ҳамдам - Б. Р.) ва ҳамтарҳ (ҳаммашқ - Б. Р.) буд. Хеле табъи расо дошт ва шоири бисёр моҳир буд. Умри дароз ёфта. Фақир ӯро дар камоли пирӣ, ки аз навад мутаҷовиз буд, дар маҷлиси (суҳбати – Б. Р.) Мирзои Мағфур (Бедил - Б. Р.) дидаам. Вафоташ дар аҳди подшоҳи шаҳид Фарухсияр аст”. Сипас ин донишманд ғазали ҷавобии ин шоирро бар ғазали Бедил иқтибос карда, замони сипоҳигарии ҳардуро дар аҳди писари дувуми шоҳиҷаҳон Абунаср Муҳаммадшуҷоъ дақиқ сохта меафзояд, ки “тахмин намудан мумкин аст, ки ошноии Бедил бо Мирзомуҳсин дар ҳамон давра ба амал омадааст. Ҳамчунин Б. Раҳимӣ аз ишораи Хушгӯ, ки дар яке аз суҳбатҳои Бедил Мирзомуҳсинро дидааст хулоса мекунад, ки робитаи онҳо замони мушаххасро дар бар гирифта, то замони салтанати Муҳаммад Фарухсияр идома ёфтааст.

Б. Раҳимӣ дар асоси як номаи Бедил, ки Мирзомуҳсин навишта аст, ихлосмандӣ ва эҳтироми Бедилро ба ин шоири муосираш ёдрас карда порае аз ин мактубро ҳамчун далел иқтибос мекунад, ки ба тариқи зайл аст: “Ҳарчанд адами ҳузури суварӣ, ба ҳукми тақдир, ногузири дидаи ҳайратмаол аст, андешаи муштоқро аз шуҳуди мароҳими маънавӣ тасаввури ғайбат муҳол:

Гар нест ҳузури чаманат дастрасам,
Ёд аст ҳамон муниси кунҷи қафасам.
Зуннори вафо, ки дил ба гардан дорад,

Пайдост зи печу тоби тори нафасам [108, с. 290].

Ин муҳаққиқ Носиралии Сарҳиндиро аз шоироне медонад, ки “бо Бедил борҳо ҳамсуҳбат шудаасту баҳсҳое байни онҳо ба вуҷуд омадааст”. Аз тадқиқоти ӯ бармеояд, ки сабаби наздикии Бедил бо Носиралӣ маҳз ҳунари волои шоирӣ ва соҳиби истеъдоди баланд будани ӯ будааст.

Воқеан ҳам Носиралии Сарҳиндӣ аз ҷумлаи бузургтарин шоирони Ҳиндустони асри XVII буда, дар мазмунбандӣ ва маъниёбӣ камназир аст. Муосирони ӯ, аз ҷумла Хушгӯ дар бораи ҳунари шоирии вай навиштааст: ”Аз Ҳиндустон ҳамчун ӯ шоири хушхаёл, олиҳиммату озодманиш ва шуҳратнасиб барнахоста. Тарзи хаёлро поя ба фалакулафлок расонида ва маъниҳои аҷиброро дар алфози ғариб ҷилва дода. Вай ҳарчанд ба ҳама ҷиҳат зиёда аз панҷ - шаш ҳазор байт нагуфта, лекин соҳиби панҷсад байти баланд аст, ки дигарон аз он қисм саду дусад доранд ва ноз мекунанд” [108, с. 292]. Аз таҳқиқоти Б. Раҳимӣ маълум мешавад, ки маҳз маҳорати шоирии Носиралӣ омили наздикӣ ва эътиқодмандии ин ду ба ҳам гардидааст. Б. Раҳимӣ аз тазкираи “Миръот-ул-хаёл”- и Шералихони Лудӣ мисолеро меоварад, ки моҳияти наздикӣ ва ҳамкориҳои адабии ин ду шоирро ошкор месозад. Илова бар ин, муносибати эҷодии Бедил ва Носиралӣ баёнгари робитаҳои судманди аҳли адаб дар муҳити адабии рӯзгори шоир аст, ки танҳо ҳадафаш такмили ҳунар ва маҳорати шеъргӯии шоирон будааст.

Лудӣ навиштааст, ки вақте Бедил ва Носиралӣ дар хонаи Шукруллоҳхони Хофӣ ба ҳам вохӯрданд ва суҳбати шеър дар миён омад, Бедил ғазале хонд бо ин матлаъ:

Нашуд оинаи кайфияти мо зоҳиророй,
Ниҳон мондем чун маънӣ ба чандин лафзпайдой.

Носиралӣ, ба шаҳодати Лудӣ дар матлаи ғазал дахл карда, мегӯяд:

-Он чи фармудаед, ки “Ниҳон мондем чун маънӣ ба чандин лафзпайдоӣ”, хилофи дастур аст. Зеро маънӣ тобеи лафз аст. Ҳар гоҳ лафз пайдо гардад, маънӣ, албатта, зоҳир мешавад.

Мирзо Бедил табассум карду гуфт: маъние, ки шумо тобеи лафз медоред, он низ лафзе беш нест. Аммо он чӣ ман маънӣ мегӯям, мин ҳайсиҳо (зотан худ ба худ - Б. Р.) маъниест, ки ба ҳеҷ лафзе дарнамеояд. Масалан, ҳақиқати инсон, ки ба ин ҳама шуруҳу тафосил, ки дар кутуб мундариҷ аст, ҳеҷ макшуф нашуд.” Ба шаҳодати Лудӣ пас аз истимоъи сухани Бедил шайх Носиралӣ сокит мешавад, вале аз шунидани байтҳои дигари ғазал ба ваҷд меояд [108, с. 293].

Б. Раҳимӣ дар заминаи маълумоти Шералихони Лудӣ роҷеъ ба муносибати Бедилу Носиралӣ ва ҳам аз дахлу эродҳои Сархуш ба ашъори Бедил, ки ба ишораи Носиралӣ сурат гирифтаанд, ба хулоса меояд, ки “дар байни ин ду шоири бузург - Бедил ва Носиралӣ - як навъ рақобате вуҷуд доштааст. Аммо ин рақобат - рақобат ва мусобиқаи эҷодӣ буда, на кинаву адоват ва на бадбинию ҳусумат” [108, с. 300]. Дар таъйиди ин андеша Б. Раҳимӣ аз марсияе ёд мекунад, ки Бедил дар вафоти Носиралӣ гуфта ва дар ин марсия ифодаи “Ранги ноз” киноя аз Носиралӣ буда, ҳам таърихи вафот ва ҳам хӯю хислати ӯро инъикос мекунад. Ин донишманд дар асоси баёноти Хушгӯ, ки дар тазкирааш иқтибос карда аст, ба хулоса меояд, ки муносибати Бедил ба Муҳаммадафзали Сархуш низ он қадар самимӣ ва бекудурат набудааст.

Адабиётшинос Б. Раҳимӣ дар таҳқиқоташ ба робитаҳои доираи васеъи шоирон бо Бедил диққат дода, паҳлуҳои мусбат ва манфии ин муносибатҳоро ошкор мекунад. Масалан, ҳангоми робитаи Бедилро бо Нозимхони Фориғ муайян намудан нақли шогирди шоир Биндробандоси Хушгӯро аз тазкираи ӯ меоварад, ки баёнгари моҳияти ахлоқи Фориғ ва тавоноии ҳунарии Бедил аст. Аз баёноти Хушгӯ бар меояд, ки “рӯзе Нозимхони Фориғ Бедилро ба хонаи худ даъват намуда зиёфат орост.

Пас аз фароғи таом суҳбати шеър барпо гардид. Фориғ аз ашъори Бедил байти зеринро хонд:

Тавонгаре, ки дам аз даҳр мезанад,   ғалат аст,

Ба мӯи косаи чинӣ  намад  намебофанд .

Ва ӯ хитобан ба Бедил гуфт, ки Мирзосоҳиб, дар ин байти Шумо таъбири “намад бофтан” бисёр тоза аст. Бедил ҷавоб дод, ки Хонсоҳиб, ман он қадар ахмақ нестам, ки таъни шуморо дарёфт накунам. Нозимхон такроран гуфт, ки биллоҳ, ин ибора ихтироъи шумост. Бедил аз Нозимхон пурсид, ки ӯ аз шоирони қадим киро мусаллам медорад? Нозимхон ҷавоб дод, ки аз қудамо ҳар кӣ бошад. Пас Бедил дар исботи саҳеҳии таъбири “намад бофтан” аз осори шоирони маъруф Асҷадиву Фаррухӣ, Муъизию Масъуди Саъд ва Хоҷа Салмону дигарон 17 санади муътабарро зикр намуд. Нозимхон ҳайрон монд ва бо бонги баланд гуфт, ки валлоҳ ҳар кӣ дар устодии ин азиз шак дорад, бешак, кофир бошад [108, с. 302].

Дар тадқиқоти Б. Раҳимӣ шоироне, ки бевосита бо Бедил ҳамсӯҳбат шудаанд, низ зикр ва муносибати онҳо мушаххас гардидааст. Аз ҷумла яке аз чунин шоирон Мирзо Азаматуллоҳи Бехабар будааст, ки ӯ дар тазкирааш  “Сафинаи Бехабар” мулоқоти худро бо Бедил ёдрас кардааст. Аз тадқиқоте, ки ин донишманд анҷом додааст маълум мешавад, ки Бехабарро мартабаи шоирии Бедил ба ӯ наздик кардааст ва ҳар ду бо ҳам ҳусни тафоҳум доштаанд.

Чунончӣ Б. Раҳимӣ бо таҳқиқи қиёсӣ собит намудааст, ки дар байни Бедил ва шоири хушхаёли ҳамасраш Мир Муборакуллоҳи Возеҳ низ алоқаи дӯстиву рафоқат ва ҳамкории адабӣ вуҷуд доштааст. Худи Возеҳ, ки шоири тозагӯ ва рангинхаёл будааст, ба ин далел, ба қавли Хушгӯ “Мирзо Бедил бисёр муътақиди салиқаи вай” буданд. Б. Раҳимӣ дар такя ба сарчашмаҳо ва мактубҳои Бедил муаян кардааст, ки ин дуро нафқат савияи ҳунарӣ, балки эҳсоси дӯстиву бародарӣ низ ба ҳам наздик

ва қарин кардааст. Яъне Мир Муборакуллоҳ ба Бедил чунон наздик будааст, ки Бедил ӯро ба унвони бародар ёд кардааст [108, с. 305-306].

Б. Раҳимӣ шоири дигари муосири Бедил Муҳаммадошиқи Ҳимматро низ дар асоси маълумоти тазкираҳо ва мактубҳои Бедил "аз дӯстон ва иродатмандони Бедил ба шумор" меоварад. Ин донишманд доир ба иртиботи Бедил ба адибони муосираш ёд карда, дар ин радиф Қаюмхони Фидоӣ ном шоирро зикр мекунад. Доир ба робитаи Бедил ва ин шоир муҳаққиқ танҳо аз номаҳои Бедил маълумот пайдо карда, аз ҷумла навиштааст: "Аз номаҳои Бедил ин қадар маълум мегардад, ки Қаюмхони Фидоӣ писари Оқилхони Розӣ ва яке аз шоирони намоёни аср будааст". Муҳаққиқ баъдан дар бораи робитаи адабӣ, хонаводагӣ ва "ба тақриби таваллуди навзод " дар хонадони Фидоӣ чандто моддаи таърих пайдо намудани Бедил муфассал сухан рондааст, ки гувоҳи муносибатҳои самимии ин ду аст. Ҳамчунин, Бедил дар вафоти Қаюмхон низ рубоие гуфта ва таърихи фавти Қаюмхонро зикр кардааст, ки ин санад низ моҳияти робитаҳои онҳоро муаян менамояд .

Робитаи Бедил ба Қаюмхонро панҷ номае, ки дар "Руқаъот"-и Бедил омадааст, ба таври дақиқ равшан месозад. Б. Раҳимӣ дар асоси ин мактубҳо алоқаи адабии ин дуро, ки марбут ба шинохт ва арзёбии шеъри якдигар аст, ошкор ва тавсиф мекунад, ки дар шинохти моҳияти робитаҳои адабии рӯзгори Бедил арзиши хос дорад. Назар ба мушоҳидаи муҳаққиқ Бедил дар яке аз номаҳо андешаашро оиди як ғазали Қаюмхон баён карда, маҳорати ӯро дар гуфтани шеър, аз ҷумла "ҳамвории иборат ва обдории" маънӣ таъкид мекунад.

Муҳаққиқи бедилшинос дар асоси андешаҳои Бедил дар "Руқаъот" муносибати шоирро нисбат ба ду шоири дигар Мирзо Суҳроби Равнақ ва Мирзо Муҳаммадамини Ирфон арзёбӣ намудааст. Бедил дар як мактубаш ба Баҳодуршоҳ аз "шуҷоату мардонагӣ ва фазилатнокиву

баландфитратӣ”-и Мирзо Суҳроби Равнақ ёд карда, аз ӯ хоҳиш намудааст, ки ин шоирро ба хидмати дарбор қабул кунад.

Дар заминаи як мактубе, ки Бедил ба Мирзомуҳаммадамини Ирфон навиштааст, Б. Раҳимӣ робитаҳои эҷодии ин дуро таъйид карда, пораи зерро аз мактуби Бедил иқтибос намудааст, ки баёнгари ҳамкориҳои эҷодии онҳост: “Дар ирсоли “ Тури маърифат“ ба Мирзо Муҳаммадамини Ирфон: чӣ нависад, ки аз ҳақиқати иштиёқ парда тавонад кушуд? Ва чӣ оғозад, ки тамҳиди нусхаи таманно тавонад буд? Аз олами руйдод ғуборе фароҳам овардааст, ки агар дам занад, деворҳо ба рӯи шавқ бармеорад ва аз ҳусули эътиборот печутобе ҷамъ карда, ки агар арҷ диҳад, ҳайрат қадам аз таҳайюрхона барнамедорад. Боре аз сайри саводи Байрот раҳоварде, ки  қонеони туҳафи маонӣ ба қалилӣ аз ин пешкаш кифоят тасаввур намоянд, нусхаи “Тури маърифат“-ест, ки дар таъмими ибораташ муддаои хос мундариҷ тавон ёфт ва аз тахсиси маънияш ҳақиқате ахас метавон шикофт. Ба хидмат хоҳад расид ва саломи ниёзе хоҳад расонид. Захираи мазомини шавқ бисёр аст, аммо фурсати арзи ҳузуре даркор. Умед, ки маънии орзуҳо ҷилваи иборат намояд ва сурати пардаи хаёл ба маърази вуқуъ ояд” [108, с. 312].

Аз таҳқиқоти Б. Раҳимӣ маълум мешавад, ки доираи алоқамандии Бедил бо шоирони муосираш хеле васеъ буда, фақат ба шоирони шинохта ва шогирдонаш маҳдуд намешавад. Ӯ дар ашъораш низ аз баъзе шоирон ёд меоварад, вале дар бораи онҳо дар осораш ҳеҷ маълумоте намеоварад. Аз ҷумла Б. Раҳимӣ дар заминаи рубоии зерини Бедил робитаи ӯро бо шоире бо номи  Мирзо Бетоб муайян менамояд, ки барои Бедил азиз будааст:

Мирзо Бетоб аз ин биёбони хароб,
Бишкасту ба мулки ҷовидон кард шитоб.
Дил хун гардиду соли таърихаш гуфт:
Фарёд намонд Мирзои Бетоб [108, с. 313].

Доираи ҷустуҷӯҳои Б. Раҳимӣ дар бораи муҳити адабӣ ва робитаи Бедил бо шоирони муосираш  васеъ буда, ба сарнавишти шоироне низ марбут мешавад, ки "дар замони сипоҳигарии шоир дар лашкари Аъзамшоҳ бо ӯ ҳамсафу ҳамяроқ " будаанд. Дар ин миён муҳаққиқ доир ба Эзидбахши Расо, Муҳаммадаслам Салими Кашмирӣ ва Мир Муҳаммадҳасани Эҷод сухан карда, робитаи касбӣ ва дӯстонаи Бедилро бо ҳамяроқонаш мушаххас месозад.

Гурӯҳи дигари адибоне, ки муҳаққиқ зикр кардааст, бо Бедил дӯст ва ҳамсуҳбат будаанд ва шоир бо онҳо ҳаққи устодӣ доштааст. Яке аз онҳо Мирзо Бархурдори Фардӣ буда, мулоқоти ӯ бо Бедил ва иродаи шогирдиву устодии онҳо, ба тахмини Б. Раҳимӣ, дар замони дар Аҳмадобод  зистан ва дар лашкари Аъзамшоҳ хидмат кардани шоир ба вуқуъ пайвастааст.

Дигар аз беҳтарин шогирдони Бедил Аҳмадалии Ибрат буда, муҳаққиқ дар асоси суханони муаллифи "Сафинаи Хушгӯ" робитаи ӯро бо Бедил мушаххас месозад. Яъне бо шаҳодати Хушгӯ Аҳмадалии ибрат " Аз мардуми хонадони Шоҳиҷаҳонобод буд. Сози ғиҷҷак хуб менавохт ва хело хушовоз буд. Мирзо Бедил  таваҷҷуҳи хосе ба ӯ дошт. Чунончи, аз баракати анфоси мутабаррикаи эшон ба пояи хушфикрӣ расида, тахаллус низ аз он ҷаноб ёфта ва аз  нашъаи тавҳид саргарм гардида". Б. Раҳимӣ дар асоси маълумоти Шералихони Лудӣ муаллифи тазкираи "Миръот-ул-хаёл" бо ишораи Бедил тахаллуси Ибрат гирифтани ин шоирро низ таъйид мекунад, ки далели муносибати самимии шогирдиву устодӣ ва робитаи дӯстонаи онҳост.

Аз рӯйи маълумоти дарёфткардаи Б. Раҳимӣ савумин касе, ки баракати устодии Бедил насибаш гардидааст, Мирзо Атоуллоҳи Ато будааст. Муҳаққиқ дар ин замина барои таъйди ин назар суханони Хушгӯро оварда меафзояд, ки Мирзо Атоуллоҳи Ато аз шогирдони Мирзо Бедил буда, табъаш белатофату зарофат набудааст. Назар ба

таъйиди Хушгӯ, ки Б. Раҳимӣ иқтибос кардааст, ҳар гоҳ Мирзо Атоуллоҳи Ато “ба базми шарифи Мирзо бор меёфт, Мирзо барои хотири ӯ ашъори муваҳҳидонаро мавқуф гузошта, ба ашъори ҳаҷвӣ рӯй меовард” [108, 318]. Муҳаққиқ барои собит кардани моҳияти муносибати Бедил бо шогирдаш рубоии зери Аторо иқтибос мекунад, ки муносибати самимии шогирду устодро мушаххас месозад:

Бедил шаҳи иқлими камоли ҳар фан

Аз гӯшаи чашм то назар дошт ба ман.

Аз рӯйи инояти қаламдону баёз

Фармуд маро вазорати мулки сухан [108, с. 318].

Бо дарёфти Б. Раҳимӣ шахси дигаре, ки дар назди Бедил машқи шеър карда аз суҳбатҳои ӯ баҳра ёфтааст, Мир Абдусамади Сухан будааст. Ин шоир низ, ба қавли Хушгӯ, ки Б. Раҳимӣ нақл кардааст, “тахаллус аз забони Мирзо Бедил ёфт. Дар авоил машқи шеър ҳам дар ҳузури Бедил гузаронида. Хеле забондон буд”. Ин муҳаққиқ дар асоси яке аз номаҳои Бедил ба Мир Абдусамади Сухан хулоса мекунад, ки онҳо ба якдигар эҳтиром ва қадрдонии хос доштанд.

Б. Раҳимӣ дар такя бо сарчашмаҳои боэътибор ва баъзе тазкираҳо Муғулхони Қобил, Гулмуҳаммади Маъниёбхони Шоир, Муҳаммадҷамоли Талош ва Мир Маъсуми Виҷдонро, ки писари яке аз дӯстони Бедил Мир Муҳаммадҷамоли Росих будааст, ҳамчун шогирдони Бедил зикр карда, робитаи устодию шогирдии онҳоро арзёбӣ мекунад.

Аз ҷустуҷӯҳои Б. Раҳимӣ бармеояд, ки Бедил аз Ҳиндустон низ шогирдони зиёде доштааст ва дар ин қатор аз Шеромдоси Ҳаё, Сикҳроҷи Сабқат, Гурбахши Ҳузурӣ, Анандроми Мухлис, Муҳаммадаҳсани Сомеъ ва Биндрбандоси Хушгӯ ёд мекунад, ки гувоҳи робитаи пурвусъат ва аҳаммиятноки Бедил бо муосиронаш мебошад.

Б. Раҳимӣ аз аввалин бедилшиносонест, ки муносибати Бедилро бо ҳокимони замонаш дақиқ муайян карда, ба ин васила масъалаи нақши

ҳокимон дар таҳкими муҳити адабӣ ва робитаҳои аҳли қаламро ба миён мегузорад. Ин иқдоми ӯ ҳеҷ гуна “идеализатсияи подшоҳон” набуда, балки муайян ва мушаххас кардани нақши ин ё он ҳоким дар инкишофи адабиёт ва тавсиъаи доираи адабӣ мебошад. Дар ин замина муҳаққиқ робитаи бевоситаи Бедил бо амирони муосираш ва бо дахолати ӯ дастгирӣ дидани шоирони ҳунарманд аз тарафи ин ё он амирро муфассал баррасӣ кардааст, ки бармегардад ба масъалаи воқеъбинона арзёбӣ кардани нақши Бобур ва баъдиниёни ӯ дар инкишофи муҳити адабии форсии тоҷикӣ дар Ҳиндустон аст.

Баррасиҳои дар ин фасл анҷомгирифта гувоҳи он аст, ки мушкилоти муҳити адабӣ, робитаи шоир бо дарбори шоҳон, пайвандҳои инсониву ҳунариаш бо муосирон, равишҳои ташаккулу таҳаввули адабиёти давр ва нақши сулолаҳои ҳукмрон дар пешрафти адабиёту фарҳанги форсии тоҷикӣ аз оғоз мавриди таваҷҷуҳи бедилшиносони тоҷик қарор гирифта, дар ин замина тадқиқоти мушаххас ва қобили таваҷҷуҳ анҷом гирифтааст. Муҳаққиқон дар заминаи воқеиятҳои сиёсию иҷтимоии замони зиндагии Бедил нақши бевоситаи баъзе шоҳони адабпарварро дар равнақи шеъру адаби форсии тоҷикӣ муайян карда, паҳлуҳои гуногуни робитаи шоирро бо ҳокимони вақт мушаххас намудаанд.

Устод Айнӣ аз нахустин бедилшиносоне буд, ки бо вуҷуди гароишҳои идеологии адабиётшиносии давр дар матни воқеиятҳои таърихӣ ва маълумоти сарчашмаҳо моҳияти муҳити адабии замони Бедил ва робитаи ӯро бо аҳли адабу ҳокимони вақт воқеъбинона муайян ва мушаххас намуд ва заминаро барои ташаккул ва таҳаввули бедилшиносии касбӣ фароҳам овард. Айнӣ робитаи Бедилро бо муҳити адабӣ ва шоирону донишманди давр муайян карда, рафоқати дӯстонаи шоирро бо намояндагони мазоҳиби дигар, аз ҷумла бараҳманони қадими ҳинд ҳамчун омили таконбахши ҳамгироии адабию фарҳангӣ ба шумор

меоварад, ки минбаъд дар таҳкими робитаҳои аҳли адаб таъсири бафайз доштааст. Устод Айнӣ робитаи ҳасанаи шоирон, бахусус номаҳои Бедилро ҳамчун василаи таъсирбахши инкишофи ҳавзаи адабии форсии тоҷикӣ зикр карда, дар ин самт нақши таълимиву тарбиявии муҳити сиёсӣ, адабӣ ва фарҳангии он рӯзгорро муҳим медонад.

Ба ин тартиб дар шинохти хусусиятҳои муҳити адабӣ ва робитаи Бедил бо аҳли адаб ҷустуҷӯҳои илмии Б. Раҳимӣ аҳаммияти бунёдӣ дошта, муаллиф тавонистааст, ки дар асоси манобеи таърихӣ, сарчашмаҳои боэътимод ва номаҳои Бедил моҳияти муҳит ва пайвандҳои адабиро дар он рӯзгор муайян намояд, ки пеш аз ҳама ба ташаккули адабиёт ва ҳифзи мавқеи шоирони тавоно ва ҳунарманди форсигӯй асос ёфтааст. Б. Раҳимӣ аввалин бор муносибати Бедилро бо ҳокимони давр ва нақши ин ё он ҳокимро дар инкишофи адабиёт ва тавсиъаи ҳавзаи адабӣ муайян кардааст, ки ин иқдоми ӯ дар бедилшиносии тоҷик бесобиқа буд.

# БОБИ II. ТАҲЛИЛИ МУНДАРИҶАВИЮ ҒОЯВӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕИИ ОСОРИ ШОИР АЗ ҶОНИБИ МУҲАҚҚИҚОНИ ТОҶИК

## **II .1** Хусусиятҳои мундариҷавию ғоявии осори - ғиноии шоир

Нахустин бор дар бедилшиносии тоҷик хусусиятҳои мундариҷавию ғоявии осори Мирзо Абдулқодири Бедил дар китоби “Намунаҳои адабиёти тоҷик” дар мақолаи Абдусалом Деҳотӣ ва Муҳаммадҷон Раҳимӣ “Мирзо Абдулқодири Бедил” мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Ин мақола хусусияти оммавӣ дошта, ба тақозои равиши ақидатии (идеологии) адабиётшиносии он солҳо навишта шудааст. Муаллифон мундариҷа ва ғояи баъзе ғазалҳо ва манзумаи “Ирфон”-и шоирро таҳлил карда, асосан мазмунҳои иҷтимоӣ, ғояҳои зиддидинӣ ва зулму золимии подшоҳонро баррасӣ кардаанд.

Муаллифони мақолаи ёдшуда дар заминаи низоъҳои байни “кофиру мусулмон”, ки дар рӯзгори Бедил Ҳиндустонро фаро гирифта буд, мундариҷа ва ғояҳои зиддиниро аз осори шоир берун кашида таъкид кардаанд, ки Бедил “ақидаҳои оид ба охират, биҳишту дузах ва абадӣ будани руҳро афсона ва ҳаваси пуч мешуморад” [47, с. 25]. Зимни таҳлил ин донишмандон аз рӯйи фаҳмиши идеологии замон, яъне дарки аттеистии воқеиятҳои динӣ Мавзуъ ва мундариҷаи баъзе намунаҳои осори шоирро ба тириқи зайл дастабандӣ кардаанд:

-сафсатаҳои беандоза дар таърифи биҳишт;

-“санги роҳ” шинохти Каъбаву бутхона;

-ривоҷи ҷаҳолат ва хору зор будани илму ҳунар;

-пайдоиши олам;

-аъмол ва кирдори бадахлоқона;

-зулму золимӣ;

-пайдоиши деҳқонӣ;

-ба вуҷуд омадани истисмори одам;

-талаву тороҷи деҳқонон аз тарафи подшоҳону муфтхӯрон;

-золимиву ваҳшигарӣ аз номи дин ва монанди инҳо.

Дар мақола баъд аз зикри мавзуъҳои ёдшуда, муҳаққиқон ғоя ва моҳияти осори Бедилро аз нуқтаи назари аттеистӣ ва материалистӣ шарҳ додаанд, ки таҷрибаи аввал дар бедилшиносии он давра мебошад. Ин мақола дар такя ба усули (методи) таърихиву фалсафӣ, ки дар адабиётшиносии солҳои чилу панҷоҳи шуравӣ шоеъ буд навишта шуда, муаллифон мундариҷа ва ғояи осори Бедилро танҳо аз назари материалистӣ ва идеологӣ арзёбӣ кардаанд ва бештар ба ошкор сохтани моҳияти идеологӣ ва зиддидинии он талош варзидаанд. Аз ҳамин мавқеъ дар такя ба баъзе намунаҳои осори шоир ӯро аттеист ва мухолифи ислом шинохтаанд, ки фосилагирӣ аз ҳақиқат аст.

Дар такя ба равиши ёдшудаи таҳқиқ А. Деҳотӣ ва М. Раҳимӣ ба ин хулоса омадаанд, ки "Бедил бар зидди дин ва аҳли дин, инчунин бар зидди зулм ва золимон оташинона хуруҷ мекунад. Аз нобакории сохти ҳамон давр менолад. Аммо вай роҳи наҷоти амалӣ, роҳи барҳам додани зулм ва эксплуаптатсияро нишон намедиҳад ва табиӣ аст, ки барои ин кор дар замони Бедил шароити зарурӣ ҳам мавҷуд набуд. Ғайр аз ин дар эҷодиёти худи Бедил мафкураи динӣ-сӯфигӣ камтар ҷой надорад, маълум мешавад, ки вай бо тақозои замони худаш ҳам созиш кардааст" [47, с. 26]. Ин хулосаи муаллифон гувоҳи он аст, ки онҳо танҳо мувофиқи талаби сиёсати давр ба шарҳ ва тавзеҳи мундариҷа ва ғояи осори шоир пардохта, ин масъаларо яктарафа арзёбӣ кардаанд. Ин мақола чеҳраи аслӣ ва ҷомеи Бедилро ба хонанда наменамояд, балки муаллифон мазмуну мундариҷа ва ғояи осори шоирро маҳдуд ва мутобиқи хости идеологии замон таъбир кардаанд.

Таълифоти дигаре, ки мазмуну мундариҷа ва ғояи осори Бедил дар он муфассалтар ва дақиқтар таҳлил ва арзёбӣ шудааст, рисолаи устод

Айнӣ “Мирзо Абудулқодири Бедил” мебошад. Устод Айнӣ дар фасли сеюми ин рисола Мавзуот ва мундариҷаи ғоявии осори Бедилро мушаххас сохта, онро дар алоқамандӣ бо замони эҷодашон ва руҳияи шоир шарҳ додааст. Устод Айнӣ низ дар таҳқиқи ин масъала аз чаҳорчуби талаботи идеологии давр берун рафта наметавонист. Бинобар ин ҳам дар таҳқиқоти ӯ дар мисоли эҷодиёти Бедил “фикр ва идея” ва мазмунҳои зидди якдигар таҳлил шуда, моҳияти ахлоқӣ ва маънавии онҳо мушаххас гардидааст.

Устод омили аслии дар эҷодиёти шоир зуҳур кардани “мазмунҳои зидди якдигарро” “дар замонҳои гуногун, дар шароит ва аҳволи гуногун ва дар ҳолатҳои рӯҳии гуногун гуфта ва навишта” шудани ин осор медонад ва меафзояд: “дар як байт ё рубоӣ шоир як диндори тамоми аҳкоми шариатро риоякунанда шуда намояд, дар як байт ё рубоии дигар ӯ аҳли тасаввуфи тарафдори ваҳдати вуҷуд, ё ин ки файласуфи ғайр аз чизҳои ба назарнамоянда ҳама чизро инкоркунанда шуда ҷилва менамояд” [34, с. 63].

Устод Айнӣ мазмуну мундариҷа ва ғояҳои эҷодиёти Бедилро бо назардошти тарҷумаи ҳол, муҳити зиндагонӣ ва давраҳои ҳаёти шоир таҳлил карда, дар ин замина “зиддиятҳои фикрии” ӯро на танҳо аҷиб “намедонад, балки табиӣ ва як қонуни мантиқӣ”–и ба инкишофи эҷодиёти шоир вобаста меҳисобад. Сипас, дар такя ба рубоии зерини Бедил, мундариҷа ва ғояи осори ӯро шарҳ медиҳад:

Шеърам, ки ба сад забон фуруд омадааст,<br>
Дар чандин вақту он фуруд омадааст.<br>
Таврот набуд, то бигӯям, ки ҳама,<br>
Якбора зи осмон фуруд омадааст [34, с. 63].

Устод Айнӣ дар ҳамин равиш ва бо истифода аз усули (методи) таърихию фалсафӣ мундариҷа ва ғояи асосии осори Бедилро муайян ва арзёбӣ карда, тамоюлҳои фикрӣ ва ақидатии шоирро ошкор месозад. Ба

мушоҳидаи ӯ, агар Бедил дар ҷое вуҷуди ҷину париро эътироф карда бошад, баъдан “вуҷуди ҷину париро тамоман инкор мекунад ва асарҳои онҳоро ғайр аз ваҳм чизи дигаре намешуморад”.

Айнӣ барои таъйиди андешааш байтҳои зери Бедилро мисол меоварад:

Ҷинну инси ҷаҳони найрангҷиҳот,
Дидем ба имтиҳони ҳису ҳаракот.
Осори парӣ набуд чизе ҷуз ваҳм,
Таркиби башар надошт ғайр аз ҳатарот” [34, с. 63].

Ба ин тартиб, устод Айнӣ дар қасидаҳои Бедил ӯро чунон диндор мебинад, ки “қоидаҳои динро то меъроҷ, азоби қабр, зиндагии дубора, ҷаннату дузах тамоман риоя мекунад, аммо дар қасидае, ки ба инсон бахшидааст, ҳама чизро аз вай ва ҳар чизро худи вай мешуморад”. Устод барои исботи назараш пораи зерро аз як қасидаи шоир иқтибос мекунад:

Дар чор рукни даҳр туӣ ҳайрати зуҳур,
Дар ҳафт баҳри чарх ту ноёб гавҳарӣ!
Аз ҳар шайъе, ки ақли ту фаҳмид, афзалӣ!
Аз ҳар макон, ки фаҳми ту пай бурд, бартарӣ!
Ҳар ҷо нигоҳ меравад, он ҷо ту рафтаӣ!
Ҳар сӯ хаёл мепарад, он сӯ ту мепарӣ!...
Кавну макон гулест ба домони ҳимматат,
Худро агар иҳота кунӣ-чархи дигарӣ!...
Олам ҳама мусаххари амри замири туст,
Эй бехабар, ту аз чӣ ҳаворо мусаххарӣ?! [34, с. 64].

Дар ҳамин замина Айнӣ андешаҳои Бедилро дар бораи инсон таҳлил карда, масъалаҳои ахлоқие монанди ҷоҳпарастӣ, ҳавопарастӣ ва “бандаи чизи офаридаи худ будани” ӯро баррасӣ мекунад, ки дар он рӯзгор назари тоза ва пурмуҳтаво дар шинохти мундариҷаи ғоявии осори шоир буд. Айнӣ аз таҳлили ин гуна ашъори шоир ба ин натиҷа

мерасад, ки “... чизе ки инсон дар зеҳни худ офаридааст (халқ кардааст) худо ва муқаддасоти динӣ аст ва ҳар чизе ки ӯ дар хориҷ – дар дунёи ба назар намоён офаридааст, илоҳҳои бутпарастон ва бутҳоест, ки одамон худ сохта, худ мепарастиданд ва бандагӣ мекарданд ва инчунин подшоҳонанд, ки онҳоро низ худи инсонҳо сохта баровардаанд” [34, с. 65].

Устод Айнӣ мундариҷаи осори шоирро аз назар гузаронида, таъкид бар он дорад, ки Бедил “ҷаннату дузахро таваҳҳум ва фиребандаи мардум, интизорбарандаи неъмати ҷаннат ва тарсандаи азоби ҷаҳаннамро “меҳмони хаёл” мешуморад ва барои исботи андешаи худ рубоии зерро иқтибос меоварад:

Бедил, ба бисоти фурсати барқниқоб
Моро ду –се рӯзе ба таваҳҳум дарёб!
Ҳайрони фиребро чӣ хулду чӣ ҷаҳим?
Меҳмони хаёлро чӣ неъмат, чӣ азоб? [34, с. 65].

Барои собит кардани мавқеъи Бедил дар шинохти ин маънӣ ҳамчун намуна рубоии зерро низ мисол меоварад:

Ҷамъе ба ғурури хулқу ризвон задаанд,
Ҷамъе ба ҷунуни дину имон задаанд.
Аз ваҳм пур аст чорсӯи имкон,
Ин “некматоъ” ба чӣ дукон задаанд? [34, с.65].

Устод Айнӣ дар шинохти мундариҷа ва ғояи осори Бедил бештар барои ошкор кардани намунаҳои зиддидинӣ диққат додааст, ки ин тарзи таҳқиқ ифодакунандаи равиши аттеистӣ ва идеологии адабиётшиносии он замон буд. Дар баробари ин Айнӣ дар тадқиқоташ дар асоси тарҷумаи ҳоли шоир замони эҷоди ин гуна осорро муайян карда, аз ҷумла менависад: “Агар мо тарҷумаи ҳоли ин шоири дарозумрро ба назар орем, ҳукм кардан метавонем, ки порчаҳои диндоронаи худро дар аввалҳои ҷавонӣ, порчаҳои дарвешона ва қаландаронаи худро дар ҷӯши

ҷавонӣ ва овони маҷзубӣ ва шеърҳои фалсафӣ ва зиддидиниашро баъд аз камол ёфтан гуфтааст” [34, с. 66].

Ба мушоҳидаи Айнӣ Бедил дар айёми бачагӣ ва ҷавониаш зери таъсири Шайх Камол “Қоидаҳои дини Исломро дар ақида ва амал сахт нигоҳ медошт, баъд аз он шоир дар зери таъсири маҷзубон афтода, дарвешӣ ва тарки дунёро пеш гирифт, баъд аз он, ғарқи суфизми исломӣ шуда, ба тарафи ваҳдати вуҷуд майлон кард ва сонитар дар натиҷаи тафтиши фалсафаи Ҳинди қадим ва бо татбиқи суфизми исломӣ бо фалсафаи ҳинд, як файласуфе шуд, ки дар байни куфру ислом ҳеҷ фарқе намегузорад, дар охир як файласуфи ҳаётӣ шуда, эҷодиёти худро ба дунёи зинда – ба зиндагонии халқ, ба ҷамъият бахшид”[34, с. 66].

Бо баёни ин андеша Айнӣ мундариҷа ва ғояи осори Бедилро вобаста ба замони таълифашон ба тариқи зайл дастабандӣ кардааст:

- Нафрат аз тамаъ;
- Ишқи озодӣ;
- Фазилати карам ва исор;
- Нафрат аз хушомадгӯӣ ва тамаъҷӯӣ;
- Нафрат аз маддоҳии подшоҳон ва сарватмандон;
- Нафтрат аз зулм;
- Дилсӯзӣ дар ҳаққи мазлумон;
- Нафрат аз ғурур ва ҷоҳпарастӣ.

Ба мушоҳидаи Айнӣ мубориза ба муқобили золимон яке аз мавзуоти муҳимми осори Бедил буда, ӯ дар ин роҳ муқобили онҳо собитқадамона мубориза карданро лозим донистааст. Барои таъйиди ин назар рубоии зерро мисол меоварад:

Золим пӯшад либоси хунбофтаро,
То зер кунад хасми забунёфтаро.
Бо сангдилон шиори худ сахтӣ кун,
Бардор ба оҳан, оҳани тафтаро! [34, с. 67].

Устод Айнӣ аз осори Бедил, аз ҷумла рубоиёти ӯ ғояи адлу дод, раҳму шафқат ба мазлумонро берун оварда, дар замина мавқеи иҷтимоӣ ва инсонии шоҳони бераҳм ва золимро ба боди масхара кашидани шоирро нишон медиҳад. Дар таҳлилу тавҷеҳи Айнӣ ғояи муқобилат ба синфи ҳоким дар мисоли осори Бедил ҷойгоҳи хос дошта, паҳлуҳои гуногуни он равшан карда мешавад. Айнӣ аз ин гуна осор маъниҳо ва ғояҳои зидди ҷабборони таърих гуфтаи шоирро ҷудо карда, муфассал шарҳ медиҳад, ки намунааш - золим "боби гардан задан" аст:

Ин қавм, ки узви зоиди марду зананд,
Биттабъ харош бар ҷигарҳо фикананд,
Ҳарчанд ки корҳо кушояд з-эшон,
Чун нохун ҷумла боби гардан зананд.

Ё худ:

Шоҳон, ки зи худсарӣ ҷаҳонтасхиранд,
Дар дахли умури ҳақ халалтадбиранд,
Ин бекорони ғарраи ҷоҳу ҳашам,
Ангушти зиёди панҷаи тақдиранд [34, с. 68].

Айнӣ аз ҷониби Бедил тасвир шудани масъалаҳои ғурур, ҷоҳпарастӣ, худситоӣ, ҳасад ва бӯҳтонро шарҳ дода, ин сифатҳои синфи ҳакимро мазаммат кардани шоирро нишон медиҳад ва Бедилро таблиғгари ғояи адлу дод муаррифӣ мекунад ва рубоии зерини шоирро ҳачун намунаи меъёри назари ӯ оид ба ин мавзуъ зикр мекунад:

Як сӯ шӯри карруфару иззату шон,
Як сӯ ҳасаду даъвиву ҳирсу бӯҳтон,
Бар ҳеҷ чӣ ҳангома наёростаанд,
Ин масхараҳои чорсӯи имкон [34, с. 68].

Устод Айнӣ масъалаи ахлоқии ғурури подшоҳон ва масхараи онҳоро дар шеъри Бедил баррасӣ карда, дар ғазале, ки бо байти зерин сар мешавад, ин мавзуъро ба тасвир мегирад:

Чи миқдор ороиши ханда дорад,

Кафе хоку он гаҳ димоғи худой [34, с. 68].

Тақвияти ин мавзуъро дар ин ғазал таъкид карда, устод Айнӣ байтҳои дигари онро низ иқтибос мекунад:

... Матан бар ғуруре, ки монанди оташ,

Равӣ шуълае чанду хокистр ой!

Дар ин анҷуман ғақри ибрат чӣ дорад,

Ғурури най - хиҷлати бурёӣ [34, с. 69].

Нафрат аз мадраса ва дарсҳои расмиро Айнӣ паҳлуи дигари мундариҷаи баъзе шеърҳои Бедил methods дониста, аз ҷумла навиштааст: "Мо аз тарҷумаи аҳволи Бедил медонем, ки дар даҳсолагии ӯ, нафрат аз мадраса ва дарсҳои расмиро ба вай амакаш Мирзо Қаландар талқин кард. Дар Бедил ин нафрат рӯз то рӯз инкишоф ёфта, то охири умраш давом намуд". Барои таъйиди ин назар Айнӣ се рубоии Бедилро иқтибос кардааст, ки яке ин аст:

Дар мадраса ҷамъе, ки фароҳам гаштанд,

Медонӣ аз куҷо мукаррам гаштанд?

Полону ҷулу фисор мехост ҳарӣ,

Аз бесомонӣ охир одам гаштанд [34, с. 69].

Дар шарҳи мазмун ва ғояи ин рубоии Бедил устод Айнӣ меафзояд, ки аз нафрат баён кардани шоир ба мадраса ва ба илмҳои расмӣ, хусусан ба баҳси ҳудусу қидами олам, ки яке аз муҳимтарин дарсҳои мадрасаҳои кӯҳнаи исломӣ буд, гумон карда нашавад, ки ӯ монанди сӯфиёни ҷоҳил зидди илму дониш будааст. Сипас, Айнӣ мазмуну муҳтавои он рубоиҳои Бедилро арзёбӣ мекунад, ки шоир "одамонро ба омӯхтани илмҳои ҳақиқӣ ва ҳикмат ташвиқ мекунад". Дар ин замина Айнӣ ҳамчун намуна рубоии зерро мисол меорад:

То фазлу ҳунар оинапардоз нашуд,

З-иқбол даре ба сӯи кас боз нашуд,

Фӯлод ба оҳан шараф аз ҷавҳар ёфт,

Беилм зи ҷинси хеш мумтоз нашуд [34, с. 70].

Дар ин замина Айнӣ андешаҳои зерини Бедилро бо зикри намунаҳо аз осори шоир дастабандӣ кардааст:

-оид ба моҳияти илму ҳикмат:

Лек ҳикмат ба ҳар куҷо гул кард,

Ҳукми аҷзои илмро кул кард [34, с. 71].

-омилҳо ва зиёнҳои низоъҳои динӣ, ки аслан на барои дин, балки ғарази дунёист:

Умрест, ки дар арсаи найранги ғараз,

Дорад баду нек сулҳ, ё ҷанги ғараз.

Гар рафти каломи куфру дин дарёбӣ,

Сози ҳама кӯк аст ба оҳанги ғараз [34, с. 71].

- масъалаи “барои манфиати ҳам куфру ҳам ислом созиш кардани ин ду фирқа” ва иттиҳоди ҳинду мусалмонони Ҳиндустон:

То сози нафас воситаи шӯри ҷаҳон аст,

То вазъи ҷасад оинаи улфати ҷон аст,

Ҷамъияти дилҳо алами болфишон аст,

Бе реша парокандандагии дона аён аст,

Аз сабҳа маҷӯ рабт, чу зуннор набошад [34, с. 72].

- нораво будани ба гардани дигарон партофтани бори худ:

Ба як дурӯза сару барги зиндагӣ мариисанд,

Ки баҳри халқ пайи суди худ зиён бошӣ!

Агар ғубор шавӣ маҳви домани худ бош!

Чунон мабош, ки ташвиши дигарон бошӣ! [34, 73)

-шеърфурӯшӣ накардан, маддоҳи арбоби давлат ва сарват набудан:

Бедил аз табъи назм бӯе дорам,

Яъне маънисиришт хӯе дорам,

Не васфи “Туе”, на мадҳи “Ӯйе” дорам,

Бо фурсати шавқ гуфтугӯе дорам [34, с. 73].

Ва ё:

Бедил, моро ҳарзадарой шон нест,
Мадҳи миру ситоиши султон нест,
З-ин даст каломе, ки зи мо мешунавӣ,
Ғайр аз исори хидмати ёрон нест [34, с. 73].

- мазаммати ёрони шоҳпараст:

Эй ки таърифи салотин кардай!
Машқи таълими шаётин кардай!
Чист таълими шаётин?-Ҳубби ҷоҳ!
Эй шаётин муршидат, рӯят сиёҳ!... [34, с. 75].

- рӯсиёҳи абад донистани маддоҳи амиру шоҳ:

В-эй басо нусха, ки дар мактаби ташвиши тамаъ,
Рӯсиёҳи абад аз мадҳи амиру шоҳ аст [34, с. 75].

- мазаммат кардани шоирони маддоҳ Заҳиру Анварӣ;

- фосид шудани замон ва замондорон:

Афсӯс, ки сози салтанат шуд фосид,
Гардид матои дину давлат косид,
Назми Ҳиндустон кунун мунҳасир аст
Бар дайюсу лайиму ҳезу ҳосид [34, 76];

- бепарвоии одамони содадиле, ки ба доираи ҳукумат дахл надоштанд, вале нисбат ба он чизе ки аз сари мардум мегузашт, бетафовут менигаристанд:

Эй мурдаи интизори маҳшар будан!
Ҳайф аст ба ҳар фасонаат хун хурдан!
Дар сурати офоқ назар кун, к-ин ҷо
Ҳар рӯз қиёмат асту ҳар шаб мурдан [34, с. 76];

- намудани ҳоли бад ва тоқатфарсои ватан ба ҳамватанон:

... Талхии зулм ҳаловат ба завоиқ сӯзад,

Аз сари хони вафо маҳв шавад ҳаққи намак...

Ҳар хаёле, ки ба зулматгаҳи ваҳм аст ниҳон,

Ҳамчу хуршед аён аст ба чашми зирак [34, с. 77].

- раҳнамоии сиёсиву иҷтимоӣ ва ҳушдор аз истилои Ғарб:

Аз маркази Ҳинд, то хати Мӯлтонаш,

В-аз ҳадди Ироқу Язд то Кошонаш,

Дар ҳар маъмурае, ки кардем гузар,

Дидем аввал саводи гӯристонаш [34, 77].

-норостӣ ва судҷӯйии аҳли "савдогарон ва аҳли доду гирифт":

Машриқ то Мағрибу араб то ба аҷам,

Дидем муомилоти аҳли олам,

Чун шишаи соат ҳама дар додуситад

Хокест, ки мекунанд дар косаи ҳам [34, с. 77].

Айнӣ бо такя ба ғазалиёт, рубоиёт ва баъзе қасидаҳои Бедил, ки таърихи эҷодашон маълум нест, мавзуоти гуногуни осори шоирро таҳлил ва арзёбӣ карда, ғоя ва мундариҷаи онҳоро мушаххас намудааст, ки таҷрибаи нодир ва пураҳаммияти таҳқиқ дар шинохт ва арзёбии муҳтаво ва ғояи осори шоир мебошад [34, с. 71-75] .

Дар идомаи таҳқиқоташ устод Айнӣ мазмуну мундариҷа ва ғояи ҳамон осори Бедилро шарҳ додааст, ки "таърихи таълифашон маълум" будааст, "ё ин ки замони ба вуҷуд омаданашонро тахминан муайян" кардааст. Дар ин замина Айнӣ маснавии "Тилисми ҳайрат"-ро, ки аввалин асари манзуми Бедил ҳисобидааст баррасӣ карда, мазмуну мундариҷа ва ғояи онро ба таври мухтасар тавзеҳ додааст. Ба пайбурди Айнӣ "шоир дар ин асари худ ҳолатҳои руҳии инсон ва аъзои ҷисмонии ӯро ба истилоҳоти аҳли тасаввуф таъбир намуда, таълимоти ахлоқӣ медиҳад ва дар рафти сухан аз шоир бехудиҳои маҷзубона ҳам намоён

шуда меистад, ки ин ҳолат ба ҳолати рӯҳияе, ки дар вақти таълифи ин асар дошт, тамоман мувофиқ аст” [34, с. 76].

Ҳамин тариқ, устод Айнӣ мундариҷа ва ғояи маснавиҳои Бедил – “Муҳити аъзам”, “Тури маърифат”, “Ишорот ва ҳикоёт”, “Таркибот ва тарҷеот”, “Ташбеҳот ва тамсилот”, “Нукот”, “Руқаъот” ва “Ирфон”-ро шарҳ дода, баъзе паҳлуҳои ҳунари шоирро дар ин равиш ошкор месозад.

Аз ҷумла дар бораи маснавии “Муҳити аъзам” навиштааст, ки “Ин асар дар услуби соқиномаҳо буда мазмунан ба таълимоти суфия бахшида шудааст. Аз ҷиҳати мундариҷа ин асар ҳикоятҳоеро, ки ба зиндагониҳои аҳли тасаввуф оид аст, инчунин тасвири май, хум, ҷом, най, танбур ва дигар асбоби мусиқиро бо рамзҳои суфизм дарбар гирифтааст”[34, с. 76].

Айнӣ ин асари Бедилро, ки мушкилоти ахлоқӣ ва маънавии доираҳои тасаввуфро матраҳ кардааст, “бо аҳволи руҳияи ҳамон замон мувофиқ” [34, с. 76] дониста, дар вақти эҷоди ин асар маҷзубиро тарк карда ба зиндагонии ороми аҳли тасаввуф гароидани шоирро таъкид менамояд.

Айнӣ маснавии “Тури маърифат”-ро таҳлил карда, мазмун ва мундариҷаи онро, ки тасвир ва тавсифи кӯҳистони Байрот аст, мушаххас месозад. Аз ҷумла менависад, ки “Шоир дар ин манзума кӯҳи Байротро бо сабзаву гулу лолаҳояш ва бо сангҳояш, ҳам бо обҳои маъдании вай ва бо борони мавсимии он ҷо ки “баргигол” мегӯянд, бо санъати аълои шеърӣ тасвир мекунад. Дар тасвири табиати он ҷо дар бораи руҳи мутлақ, руҳи табиӣ, руҳи наботӣ ба тарзе ки дар ин бора дар “Чор унсур” батафсил сухан гуфтааст, фикри худро ба тарзи кӯтоҳ, лекин бо мисоли табиати он ҷо ифода мекунад” [34, с.79].

Устод Айнӣ мазмун ва мундариҷаи ин асарро бо “Тилисми ҳайрат” муқоиса карда, таъкид мекунад, ки дар ин асар Бедил “аз фалсафаи суфизм як дараҷа дур шуда, ба фалсафаи дунёи зинда” гароиш пайдо кардааст [34, с.79].

Айнӣ маснавии дигари Бедил “Ишорот ва ҳикоёт”-ро низ дақиқ баррасӣ карда, мавзуи асосии онро баҳс дар боби тасаввуф дониста меафзояд, ки шоир дар зимни масъалаҳои назарӣ ва амалии тасаввуф гоҳо мавзуъҳои ахлоқӣ ва тасвири табиатро низ ба миён гузошта “аз зиндагӣ ҳикоятҳои манзум ҳам менависад” [34, с.79].

Асарҳои дигари Бедил, ки устод Айнӣ дар бораи мазмуну мундариҷа ва дарунмояи онҳо сухан кардааст, “Таркибот ва тарҷеъот” ва “Нукот” мебошанд. Устод ба таври мухтасар дар бораи мундариҷаи тасаввурӣ ва масъалаҳои динӣ ин асар сухан карда, ба хулоса меояд, ки ин асар “аз ҷиҳати мундариҷа, ҳам масъалаҳои тасаввуфро, ҳам татбиқи суфизм бо фалсафаҳои ҳиндро, ҳам таълимоти ахлоқии диниро, ҳам ахлоқи дунёи зинда ва ҷамъиятро, ҳам фалсафаро ва шеърҳои зиддидинӣ ва инкори охиратро дар бар гирифтааст” [34, с.80]. Устод муҳтавои ин асарро таҳлил ва ба тариқи зер дастабандӣ намудааст:

а) таҳқиқ ва шинохти дунёи зинда аз ҷониби одамон;

б) инкори куфру ислом, яъне ба куфру мусулмон тақсим кардани одамонро рад мекунад;

в) инкори охират ва зиндагии дубора дар он дунё;

г) раёзати шоққа (пурмашаққат) ва пойбанди гиҷҳои хаёлӣ шуданро низ инкор менамояд.

Устод Айнӣ асари насрии Бедил “Чор унсур”-ро, ки бо порчаҳои шеърӣ низ оро ёфтааст, таҳлил карда, онро тарҷумаиҳолӣ мешиносад ва дар ҳамин равиш масъалаҳои мавриди назари шоирро рӯнамоӣ мекунад, ки аз тасвири воқеоти “замони ширхорагии шоир сар карда то мактабхониаш, нахустин шеърҳояш, аҳволи хешу табораш, муаллимонаш ва ҳамсуҳбатонаш”-ро [34, с. 81] дар бар мегирад. Ҳамчунин, ба мушоҳидаи Айнӣ, Бедил дар ин асар дар бораи масъалаҳои фалсафӣ зиёдтар андешаронӣ карда, дар ин замина моҳияти руҳи мутлақ, руҳи наботӣ, руҳи ҳайвонӣ ва руҳи инсониро ба тафсил шарҳ

медиҳад. Ғояи такомули руҳонӣ ва ҷисмонӣ, ки омили ҳастии “ҳар ҷондор” аст, ба назари Айнӣ бунмояи мундариҷаи ин асарро ташкил медиҳад, ки “тазҳиби ахлоқ” ҷузъи дигари сохтори мундариҷавии “Чор унсур” мебошад. Аз баррасии мундариҷаи ин асар Айнӣ ба ин натиҷаи муҳим мерасад, ки “Чор унсур барои шинохти замон ва шахси ин файласуфи бузург (яъне Бедил- Б.Р.), ҳам барои омӯхтани фалсафаи ӯ ягона сарчашмаи пурбаҳост” [34, с.82].

Айнӣ “Асари дигари муҳимми насрии Бедил “Руқаот”-ро [34, с. 82] низ муфассал таҳлил карда, хусусиятҳои мундариҷавӣ ва мавзуиву ғоявии мактубҳоро низ мушаххас намудааст, ки арзиши тарҷумаҳолӣ дошта, алоқамандии шоирро бо муҳит, муосирон ва воқеаҳои рӯзгор муайян менамояд.

Дар ин миён Айнӣ мазмуну мундариҷа ва ғояи маснавии “Ирфон”-ро низ ба таври муфассал арзёбӣ кардааст, ки дар шинохти ин асари шоир дар вақташ қадами аввал ва муҳим буд.

Айнӣ мундариҷаи асосии ин маснавиро баҳс дар боби ташаккули замин, бошандагони он, хилқати мавҷудот, ғизои асосии одаму ҳайвонот будани набошот, чизи ваҳмӣ будани парӣ, мавҷуди асосии дунё будани инсон, ҷавҳари ҳастии инсон будани ахлоқ, таъмини маишат ва соҳиби касбу кор будани инсон, суди кор, зиёни бекорӣ, деҳқонӣ ва манфиати он, талоши инсон барои кор ва халосӣ аз эҳтиёҷмандиву хориву зорӣ, зиёни муфтхӯрон ба ҷомеа, хурофот будани оби муқаддас, дастгирӣ аз мазлумон ва ситез бар золимон, омили аслии пайдоиши зулму золимӣ будани давлатмандон ва соҳибҷоҳон, подшоҳро таҳкимбахши “интизоми мамлакат” дониста, сипас достони “Комде ва Мадан”-ро, ки ҷузъе аз “Ирфон” аст, аз назари мазмуну мундариҷа ва ғоя баррасӣ мекунад [34, с. 84-90].

Устод Айнӣ дар бораи моҳияти достони “Комде ва Мадан”сухан ронда, аз ҷумла таъкид мекунад, ки “Файласуфи зиндагишинос дар ин

достон ҳам зулмро бо адл, мазлумро бо золим ва нодориро бо дорой муқобил мегузорад”[34, с. 92].

Айнӣ зимни таҳлили достон ғояи адлу дод, илму ҳикмат ва аҳаммияти онро дар асоси қиссаҳое, ки Бедил дар достон овардааст таҳлил карда, сипас хилқати инсон, ҷамодоту набототу ва ҳайвонот, чор унсури пайдоиши мавҷудот-обу оташу боду хокро арзёбӣ мекунад. Дар замина Айнӣ андешаҳои Бедилро доир ба таносух, маъданиёт, фузулот ва зар аз назар гузаронида, ба ин васила доири аз ҷониби шоир ба миён гузошта шудани ғояи саодати ин замонию онзамонӣ, нон ва қадри он, талоши маош, нақши инсон дар олами воқеъ ва монанди инҳо сухан меронад [34, с. 93-102].

Дигар аз муҳаққиқоне, ки дар боби мундариҷа ва ғояи осори Бедил ба таври мухтасар , вале пурмуҳтаво сухан кардааст, донишманди фақид Юсуф Салимов мебошад. Ин муҳаққиқ дар боби мундариҷа ва осори Бедил сухан карда, аз ҷумла менависад: “Мирзо Бедил муҳимтарин нуктаҳои ғоявии адабиёти классики тоҷик ва Ҳиндро дар осори худ ҷамъбаст кард. Ба ақидаи Бедил дар зиндагӣ се рукни асосӣ аст, ки ҳамаи чизҳои дигар аз он мабдаъ мегирад. Рукни асосии он се нукта инсон аст. Таваҷҷуҳи асосии шоир дар тамоми асарҳояш хусусиятҳои инсон аст ва ӯ гӯё ба туфайли инсон асарҳои худро офаридааст:

Мешавад сози нусхаи “Ирфон”
Қиссае аз таваҷҷуҳи инсон!
К-ин фусунгар чӣ сеҳр меборад,
В-ин қиёмат чӣ фитна мекорад.
”Ҳуше, ки румузфаҳми чанду чун аст,
Донад, к-Иблис аз чӣ раҳ малъун аст” [118, с. 253].

Ба назари ин донишманд ғояи масҷуд будани инсон ва моҳияти “амалиёти инсон” ифодакунандаи ҳастии маънавӣ, ахлоқӣ ва афкору андешаи инсон аст. Дар ин замина Ю. Салимов кор ва амалро дар

аншеаи Бедил василаи асосии ба мақсад расидан медонад ва пораи зерро мисол меоварад:

То мард ба ранги лаъл дилхун нашавад,
Дар мулки вафо қиматаш афзун нашавад.
Ҳар сангтабиате нагардад ёқут,
Ҳар қатраи обе дурри макнун нашавад [118, с. 253].

Бедил ғояи амалро асоси фаъолияти инсон дар зиндагӣ шуморида, таваккулро, ки як рукни таълимоти иртиҷоии тасаввуф буд, сахт танқид мекунад:

Эй таваккулфурӯши бекорӣ,
Рафта умрат ба бекорӣ.
Чӣ қадар орзу ба ҳам сӯзад,
То таваккул чароғе афрӯзад.

Ва ё:

Кор нокарда музд хостанат,
Дорад аз инфиъол костанат.
Коҳилиро кунӣ таваккул ном,
Ин-т гумроҳию тасаввуф ном [118, с. 254].

Юсуф Салимов барои хусусиятҳои ғоявии осори Мирзо Бедилро дақиқ муайян кардан ақоиди шоирро ба ҷамъиятӣ, “оид ба диалектика”, ҳасбиҳолӣ, масоили фалсафаи ирфонӣ, муҳаббати оддии заминӣ ва нуқтаҳои фалсафӣ дар ғазал дастабандӣ карда, сипас моҳияти ғоявии ин гуна осорро мушаххас месозад. Дар боло ду нуқтаи андешаи шоирро оид ба инсон ва амали ӯ дар шарҳи ин донишманд аз назар гузаронидем. Нуктаи сеюм дар андешаву орои Бедил аз нигоҳи ин донишманд ишқ аст. “Дар фаҳмиши Бедил - менависад Ю. Салимов, –ишқ нисбат ба фаҳмиши Румию Саъдию Ҳофиз боз ҳам васеътар аст. Ишқ дар Бедил натанҳо ишқи заминию ирфонӣ, балки сарчашмаи фаъолияти инсон аст, мабдаи фаъолияти одам аст.” Ба мушоҳидаи Ю. Салимов “Дар ин хусус

ба Бедил таълимоти ҳиндувон оид ба ишқ таъсири калон кардааст.” Барои исбот кардани ин андеша муҳаққиқ аз китоби ҳиндувон “Ричведа” мисоли зерро иқтибос кардааст:

Ишқ нахустдухтари замин аст,
Ишқ он аст, ки ақли инсонро офарид [118, с. 254].

Дар ҳамин замина ғалаба кардани ишқ бар маргу зулм таъйид шуда, сипас, Бедил оид ба фазилат, бурду бохтҳои инсон дар зиндагӣ муҳокима меронад. Муҳаққиқ андешаи Бедилро дар бораи пойбанди мавҳумот будани инсон таҳлил карда, гуноҳро ба гардани худи инсон мезанад. Ин донишманд омилҳои дигареро, ки сабаби ранҷи инсон мешаванд, аз дарунмояи осори шоир берун оварда, якеи онро “зулми одам ба одам” медонад. Вай хулоса мекунад, ки “ Ба ақидаи Бедил зулми одам ба одам бадбахтии бузург аст. Ин бадбахтиро кӣ дод? Бисёр шоирон ва мутафаккирон мегуфтанд, ки сарчашмаи он ё тақдири азал ва ё амалиёти бади худи одамон аст, аммо Бедил гуфтааст, ки на ину на он, балки як гуруҳ золимонанд.” Ва зимни баёни ин хулоса Ю. Салимов пораи зерини шеъри Бедилро иқтибос меоварад:

Аз фақирон  ба кас ситам нарасад,
Гардани аҷз ба ҳам нарасад.
З-аҳли ҷоҳ ин ҷунун бурун задааст,
Ки ҷаҳон ҷоми дил ба хун задааст [118, с. 254].

Ба андешаи муҳаққиқ чунин андешаи иҷтимоии шоир реша дар воқеиятҳои зиндагӣ дошта, Бедил дар шеъраш огоҳонаву далерона ба ин тоифа хитоб мекунад ва “онҳоро ба итоб мегирад”:

Эй нони ту гарм аз тафи дилҳои хароб,
Аз хиҷлати зулм боядат гаштан об.
То коми ту молида як ангушт асал,
Бунёди ҳазор дона гаштаст хароб [118, с. 255].

Ин Мавзуъ дар эҷодиёти Бедил ба таври вусъатнок инъикос шуда, мисраи поёнро муҳаққиқ ҳукми шоири тавоно дар ҳаққи зулм ва золимон медонад:

“Эй хоҷа, заволи карру фар наздик аст ”.

Ба ин тартиб, Ю. Салимов мазмуну мундариҷаи осори шоирро таҳлил карда, дар қисмати “Ақоиди шоир оид ба диалектика” масъалаҳои мавриди назари шоирро ба тариқи зер дастабандӣ мекунад:

- инкишофи олами табиӣ;
- тағйироти сифатӣ;
- омӯхташаванда будани олам;
- ҳасби ҳол;
- фалсафаи ирфонӣ;
- муҳаббати одии заминӣ;
- нуқтаҳои фалсафӣ дар ғазал [118, с. 255-258].

Муҳаққиқ дар асоси ашъори шоир ҳар кадоме аз ин мавзуву масъалаҳоро ба таври мушаххас таҳлил ва арзёбӣ карда, оид ба ин ё он масъала аз осори шоир мисол меорад.

Дар анҷоми тадқиқоташ, ки “Баъзе хулосаҳо оид ба эҷодиёти Мирзо Бедил” унвон дорад, ин донишманд мазмуну мундариҷаи осори шоирро “синтези мукаммали анъана ва ақоиди адабию фалсафии дунёи ислом ва олами ҳиндувон” таъбир карда меафзояд, ки тарзи нигориши Бедил “хусусияти соф адабӣ набуда, балки моҳияти иҷтимоӣ, фалсафӣ ва ақидавӣ” дорад ва “ба ҷаҳонбинии шоир алоқаманд мебошад”.

Вай дар боби хусусияти мундариҷавии осори Бедил сухан карда, таъкид мекунад, ки “дар осори Бедил аз тасвири шоиронаи предметҳои содаи дунёи мавҷуд то масоили ҷамъият ва хислати оламро мехонем. Бедил оламро ба чанд қисмат (одам, табиат, ҳусни одам, ишқи ӯ, орзуҳои ӯ ва ғайра) тақсим накарда, балки дунёро яклухт ба таҳқиқ мегирад ва дар назари ӯ адабиёт шакли ҷомеи тафаккур аст, ки тамоми мавҷудотро

бояд муҳокима кунад. Шоир дар назари ӯ бузургтарин муҳаққиқ аст" [118, 259].

Ин дидгоҳ дар солҳои шастуми садаи гузашта дар шинохти мундариҷаи осори Бедил ҳарфи тоза ва пурмоя буда, бо таҳқиқоте, ки минбаъд аз ҷониби бедилшиносон анҷом гирифт, ташаккул ва таҳаввул ёфт.

Дар таҳқиқ ва арзёбии хусусиятҳои мундариҷавию ғоявии осори Бедил хидмати Бобобек Раҳимӣ бузург аст. Ҳамчунон, ки А. Сатторзода таъйид кардааст, "Арзиши илмӣ ва амалии фавқулодаи фаъолияти бедилшиносии Бобобек Раҳимӣ дар заминаҳои ҳам таҳқиқ ва ҳам нашр дар он аст, ки ӯ ин корро пас аз омӯзиш ва муаррифии ҳаматафа ва нуктасанҷонаи тамоми осори манзум ва мансури Бедил ва нусхаҳои онҳо дар китобхонаҳои дунё, таҳқиқоти хурду бузург ва нашрҳое, ки дар Ҳинду Покистон, Афғонистон, Тоҷикистон, Эрон, Русия ва кишварҳои дигари Шуравии собиқ шудаанд, анҷом додааст" [123].

Дар ин замина хидмати ин донишманд дар шарҳу тавсифи мундариҷа ва ғояи осори Бедил низ бузург буда, як навъ ҷамъбасти паҳлуҳои мусбат ва манфии андешаҳои бедилшиносон оид ба ин масъала мебошад, ки баррасии онро муҳим медонем.

Бобобек Раҳимӣ илова ба мақолаҳои зиёде, ки шарҳу тавҷеҳи баъзе паҳлӯҳои мундариҷа ва ғояи осори Бедилро дар бар мегиранд, дар ин боб рисолае бо номи "Тавсифи осори шоир" таълиф ва нашр намудааст, ки дар қатори масъалаҳои таърихи таълиф ва нашр шарҳу тавҷеҳи мавзуву мундариҷаи осори шоирро низ фаро мегирад. Ин донишманд аввал осори шоирро бо тартиб зикр карда, сипас дар мавриде, ки лозим донистааст, ин осорро таҳлил ва мавзуву мундариҷаи онро шарҳ медиҳад. Ба ин тартиб, аввал "Девони ашъор", баъд маснавиҳои "Тилисми ҳайрат", "Тури маърифат", "Муҳити аъзам", "Ирфон" ва

асарҳои насрии “Нукот”, “Чор унсур” ва “ Руқаъот”- ро тавсиф ва моҳияти дарунмояи онҳоро шарҳ дода аст.

Ин донишманд дар такя ба муқаддимаи девони комили Бедил навиштааст, ки “Бедил мундариҷаи девони комилро бо таъбири “натоиҷи афкоре чанд” ном” бурдааст [109, с. 11] ва дар идома дар асоси ишораи Бедил дар муқаддимаи девони худ мавзуъҳои девон, вижагиҳои ашъор, масоили айни муддао, мавзуоти хилофи фармудаи дилро ҷудо кардааст, ки дар бедилшиносии тоҷик бархурди воқеӣ ва боэътимод дар шинохти мавзуву мундариҷа ва ғояи осори шоир аст.

Муҳаққиқ дар заминаи мавзуоти ашъори шоир, ки дар муқаддимаи девон ба онҳо ишора шудааст, менависад, ки “чунончӣ, ӯ [Бедил-шарҳи мо] аз ашъори дар мавзуъҳои мадҳу ситоиш, танқиду мазаммат эҷодшуда ёд намуда, ин қабил шеърҳоро натиҷаи ихтилофҳои сӯҳбат ва хобҳои ғафлат диниста навиштааст: “Ҳар ҷо мадҳ ва замме ба силки раҳам пайваста бошад, моҳасали ихтилофҳои сӯҳбат фаҳмидан аст ва ҳар куҷо ҳазаён домани таҳрир шикаста ба муқтазиёти хобҳои ғафлат ворасидан, одамиро то мутолаъаи қафои зону дарёфтан, илтифоти ин ҳарзамашқиҳо ночорист ва муаммои улфати танҳоиро шикофтан, майли ин дарсҳо беихтиёрӣ” [109, с. 14].

Ҳамчунин, ба мушоҳидаи Б. Раҳимӣ, шоир дар муқаддимаи девони комил доир ба мундариҷаи девон сухан ронда, ба баъзе мавзуъҳои он, аз ҷумла ба масъалаҳои ирфон, фалсафа, мадҳу ситоиш ва ҳаҷву мутояба ишораҳо намудааст.

Чунонки ба мушоҳида расид, Б. Раҳимӣ пеш аз он ки мавзуъ ва мундариҷаи ғазалиёти Бедилро шарҳ диҳад, “доир ба мавзуи ғазал зикри як ишораи ӯро лозим” донистааст. Ӯ навиштааст: “Ба ақидаи Бедил ғазал бояд баёнгари мавзуи рӯз, баёнгари масоили воқеии зиндагӣ бошад, бар

хилофи қоида, ки ифодагари орзуву хоҳишҳои хаёлист. Шоир ин ақидаро дар байти зер чунин ифода менамояд:

Имрӯзат аз амал пайи фардо гирифтааст,

Эй ғофил аз ғазал, ба хаёли қасида рав” [109, с. 18].

Муҳаққиқ бартарии шеъри Бедилро дар ифодаи мавзуъ дар он дидааст, ки дар як ғазал мавзуъҳои гуногун ва афкори парешон ба назар мерасад. Яъне дар ин ё он ғазал мавзуъ ва масоили гуногун ва ҳатто хилофи якдигар паҳлӯи ҳам омадаанд. Дар ин замина Бобобек Раҳимӣ ғазалеро аз Бедил, ки бо байти –

Безанг дар ин маҳфил оина намебошад,

Он дил, ки тиҳӣ бошад аз кина, намебошад.

-оғоз меёбад, иқтибос карда, аз он мазмунҳои кинаварзиву кудурат, зудгузар будани ҳодисоти олам, ғанимат донистани фурсати майхорагӣ, танқид ва мазаммати зоҳид, таҳаввул ва таҷаддуди олами имкон ва лаҳзаҳои ишқу ошиқиро берун кашидааст, ки ба вусъат ва гуногунрангии мундариҷа ва ғояи ғазал далолат мекунад [109, с. 20].

Барои таъйиди назараш ин муҳаққиқ намунаи дигари ғазали зери гуногунмавзуи Бедилро иқтибос мекунад ва мавзуоти онро мушаххас месозад. Ғазал ин аст:

Ҷоме магар аз базми ҳаё дарзадаӣ боз?

К-оташ ба дил шишаву соғар задаӣ боз.

Он зулфи парешон задаӣ шона, надонам,

Бар дафтари дилҳо зи чӣ мистар задаӣ боз?

Бар гӯшаи дастори ту он лолаи сероб,

Лахти ҷигари кист, ки бар сар задаӣ боз?

Эй соғари табхола, аз ин ташна саломе,

Хуш хайма бар он чашмаи Кавсар задаӣ боз.

Махмурию мастӣ ҳама фарш аст ба роҳат,

Чун чашми худ, имрӯз чӣ соғар задаӣ боз?

Абри чӣ баҳор аст, ки бар бисмили нозат.

Теғи мижа бо барқ баробар задаӣ боз?

Бар ҳастии мавҳум мачин хиҷлати таҳқиқ,

Бар киштии дарвеш чӣ лангар задаӣ боз?

Аз хок дамидан ба қафо сарфа надорад,

Эй гул, зи гиребони кӣ сар барзадаӣ боз?

Бедил, зи фурӯғи гуҳари назми ҷаҳонтоб,

Доман ба чароғи маҳу ахтар задаӣ боз [109, с. 21].

Муҳаққиқ дар шаш байти ин ғазал мавзуи ишқу ошиқӣ ва лаҳзаҳои гуногуни онро ба мушоҳида гирифта, ғурур ва ваҳму гумонро ба тасвир кашидани Бедилро мушаххас намудааст. Чунонки аз таҳлилҳои Б. Раҳимӣ пайдост, дар байти нуҳум шоир мавзуи асосии ғазал - “васфу таърифи маъшуқро” [109, с. 21] ба муҳокима кашидааст.

Ба мушоҳидаи ин муҳаққиқ чунин ғазалҳои бисёрмавзуъ дар эҷодиёти Бедил зиёд буда, намунаҳои он дар рисола таҳлил шудааст. Б. Раҳимӣ  хусусияти дигари мундариҷаи ғазалҳои шоирро дар он дидааст, ки дар онҳо “мавзуъ характери конкретӣ мегирад ва предмети тасвир бо ҷузъиёти хеш намоён мегардад”. Дар замина инъикоси мавзуоти танпарварӣ ва муфтхорагӣ дар ғазали зер ёдрас шудааст:

Танпарастон, ки ба ин обу намак айёшанд,

Бе такаллуф, ҳама болидани нону ошанд.

Сару гардан ҳама дар даври шикам рафта фурӯ,

Пуру холию сабукмағзтар аз хашхошанд.

Ғорати ҳам чӣ хаёл аст равад аз дилашон?

Дар назар то кафане ҳаст ҳамон наббошанд.

Умр дар суҳбати ҳам сарф шуд, аммо зи нифоқ,

Кас надонист, ки ёрон ба куҷо мебошанд.

Бетамиз аҳли дувал мегузаранд аз сари ҷоҳ,

Ҳама бар махмалу дебо қадами фаррошанд.

Бедил аз аҳли адаб бош, ки чун гарди саҳар,

Ин таҳаммулнафасон арсаи бепархошанд [109, с. 22]

Дар заминаи таҳқиқ ва тавсиф муҳаққиқ ба хулоса меояд, ки дар ғазалҳои шоир масъалаҳои бегонагӣ аз хешу олами имкон ва ошноӣ бо зоти берун, ирфону тавҳид, тасвири ишқу лаҳзаҳои гуворои ошиқӣ, тараннуми зебоиҳои ҳаёт, тасвири лаҳзаҳои гуногуни зиндагӣ, баёни ҳолатҳои тағйирёбандаи руҳӣ, ситоиши инсон ва мақоми он дар зиндагӣ, тасвири баҳор ва манзараҳои зебои табиат, васфи хислатҳои ҳамидаи инсон, танқиди норасоиҳои ҷамъият, мазаммати хулқу атвори ношоистаи инсонҳо ҷойгоҳи хос дошта, баёнгари вусъати мундариҷа ва ғояи зиндагисози осори шоир мебошанд.

Муҳаққиқ дар мундариҷаи баъзе ғазалҳои шоир мавзуъҳои ҳасбиҳолӣ, ифтихор аз ҳунари шоирӣ, мадҳу ситоиши гуруҳи муайяни одамон, изҳори дустӣ ва самимият нисбат ба дӯстону наздиконро ба мушоҳида гирифтааст, ки низ ифодагари андешаву оро, амиқи дид ва вусъати тасаввуроти ӯ оид ба мушкилоти зиндагӣ ва ҳастии инсон мебошад.

Б. Раҳимӣ ғазалҳои Бедилро ба ирфонӣ, ишқӣ, фалсафӣ, пандуахлоқӣ, тавсифӣ, мадҳӣ, ҳаҷвӣ, хайри мақдам, идона, фахрӣ ва монанди инҳо гуруҳбандӣ карда, дар ин замина мундариҷа ва ғояи мушаххаси онҳоро шарҳ медиҳад. Дар ин равиш ӯ дар мундариҷаи ин гуна осори шоир мазмунҳои “дунявию ранги тавҳидии шоир,” суфиёна, ишқию тасаввуфӣ, ишқии инсонӣ, ошиқона, ошиқонаи заминӣ, таърифу тавсифи дарвешон, танқиди замон ва мазаммати золимон, аҳли ҷоҳу мансаб, одамони авомфиребу риёкор, “ғазалҳои хайри мақдам” ё худ таҳнияти қудуми дӯстон, мадҳу ситоиш, тасвири баҳор ва манозири зебои Ҳиндустон, фахрия, бо халқ зистану ҳамдаму ҳанафаси он будан, гушагирӣ ва танҳоӣ, мазаммати узлатгирии бемаънӣ, тарғиби кордӯстӣ,

кӯшишу ғайрат, интихоби касби муфид, ситоиши ҳунару ҳунарманд, васфи илму дониш ва тарғиби аз худ намудани касбу пеша, ташвиқи ҳаётдӯстӣ, ғанимат донистани зиндагӣ ва баҳравар шудан аз неъматҳои моддии он, моҳият ва мавқеи инсон дар зиндагӣ, васфу ситоиши инсон, мақоми созҳои мусиқӣ, дилпазирии оҳанг, маҳорати мутриб, ҳолати равонии мустамеъон, нашъаи май, ба воситаи таърихи воқеаҳо ифода кардани мазмунҳои замонӣ ва ғайраро ба мушоҳида гирифта, бо шарҳ ва тавзеҳ моҳияти андешаи шоирро таъбир кардааст. Таҷрибаи ин донишманд дар шинохти мундариҷа ва ғояи ғазалиёти Бедил бесобиқа аст.

Ба ин тартиб, Б. Раҳимӣ қасидаҳои шоирро низ таҳлил карда, онҳоро ба ду гуруҳ-ҷавобия ва ғайриҷавобия тақсим мекунад, сипас, аз онҳо мазмуну масъалаҳои мавриди назари Бедилро берун кашида, арзёбӣ менамояд. Аз таҳлили ӯ бармеояд, ки барои шоир қасида фақат воситаи мадҳу ситоиш набуда, балки василаи ифодаи арзу ниёз низ будааст, ки моҳияти он бармегардад ба масъалаҳои ҳастӣ, мавқеи инсон, саодати заминӣ ва шарофати инсон дар ин дунёву охират. Дар замина ин муҳаққиқ қасидаҳои ҷавобия ва ғайриҷавобияи Бедилро ба алоҳидагӣ таҳлил карда, мазмунҳои ситоишӣ, шикоят аз даври гардун ва фитнаву найрангҳои он, бетамаллуқӣ, тасвири чашми маҳбуб, таърифи хаймаи шоир,  мавзуъҳои пандуахлоқӣ, айни зот донистани ашё, дар шаъни инсон ва ғайраро арзёбӣ кардааст.

Он чӣ дар арзёбии қасидаҳои Бедил аз таҷрибаи Б. Раҳимӣ ҷолиб аст, муқоисаи қасидаҳои истиқболии шоир бо қасидаҳои Урфӣ, Хоқонӣ, Ироқӣ ва баъзе шоирони дигар аз назари тарзи ифодаи мазмуну ғоя мебошад, ки ин амал аз тозакориҳои Б. Раҳимӣ дар шинохти моҳияти андешаҳо ва тарзи ифодаи он дар таҷрибаи шоирии Бедил аст.

Б. Раҳимӣ дар идомаи ин тадқиқот мундариҷа ва ғояи дигар жанрҳои девони Бедил, аз ҷумла мухаммас, қитъа, мураббаи мустазод,

қитъаҳои дубайтӣ, байтҳои алоҳида, маснавиҳои “Танбеҳ-ул-муҳаввисин”, “Сифати асп”, “Сифати фил” ва “Сифати шамшер”-ро шарҳ дода, моҳияти андеша ва ҷустуҷӯҳои шоирро дар ифодаи дарунмояи жанрҳои ёдшуда менамояд. Вай “баъзе масъалаҳои дар ғазалиёт матраҳгардидаро дар мухаммасҳо мушоҳида” [109, с. 84] карда, бо муқоиса фарқияти мавзуъҳои ин ду жанрро низ нишон додааст.

Шарҳи мавзуву мундариҷаи маснавиҳои дар боло ёдшудаи Бедил аз ҷониби Б. Раҳимӣ вусъатнок ва пурмоя буда, масъалаҳои илми бардурӯғи кимиё ва танбеҳу накӯҳиши шахсони ба он машғул (дар маснавии “Танбеҳ-ул-муҳаввисин”), таърихи филу шамшер (“Сифати фил” ва “Сифати шамшер”), таърихи пайдоиш ва паҳншавии асп (“Сифати асп”) ва тавсифи шамшер (“Сифати шамшер”)-ро дар бар гирифтаанд [109, с. 103-108].

Б. Раҳимӣ “ба навъи адабии рубоӣ таваҷҷуҳи хос” доштани Бедилро таъкид карда, мундариҷа ва ғояи ин жанр ва тарзи ироаи онро дар таҷрибаи шоирии Бедил шарҳ додааст. Ин донишманд “аз нигоҳи вусъати мавзуот” пас аз ғазал рубоиёти шоирро дар ҷойи дуввум гузошта, сипас, ба алоҳидагӣ мундариҷа ва ғояи рубоиёти шоирро тавзеҳ медиҳад. Вай таъкид кардааст, ки “дар рубоиёти Бедил, илова бар мавзуъҳои анъанавӣ - андешаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ, афкори тарбиявӣ-ахлоқӣ, оҳангҳои ишқу ошиқӣ, тасвири зебоиҳои олами моддӣ, масъалаҳои ирфону тавҳид ва ғайра, баъзе мазмунҳои рӯзмарраи замон ва тасвири ашёи муҳити атроф низ ифода гардидааст” [109, с. 113].

Аз таҳлилҳои қиёсии ин донишманд бармеояд, ки Бедил дар рубоиёти худ беш аз ҳама ба масъалаҳои тарбиявӣ эътибор додааст. Риояи одоб , ҳусни ҳулқ ва муносибати самимӣ маҳаки диди шоир дар шинохти феъли неку зиштхӯйӣ будааст. Ба назари ӯ ҳусни хулқ инсонро хушном ва маҳбуб сохта-

Ҳар кас бинамуд зиштхуйӣ саҳлаш,

Ҷуз нафрати халқ нест илму ҷаҳлаш,

Он ҳусн, ки гуфтаанд оламгираш,

Ҳусни хулқ аст, то кӣ бошад аҳлаш [109, с. 113]

- некномӣ ва боадабӣ бояд майли асосии ӯ дар зиндагӣ бошад:

Рӯзе ту дар ин анҷумани лавҳу лааб,

Ҷамъияти ҳоли хешро бош сабаб.

Аз илму амал макӯш ҷуз бар ахлоқ,

Дар мазҳабу миллат магузин ғайри адаб [109, с. 113-114].

Муҳаққиқ ғояҳои гуногуни рубоиёти шоир, аз ҷумла обрумандиву гиромӣ будан:

Аз вазъи адаб ҳар кӣ кунад рам, лағзад,

Ҳарчанд муҳит аст, чу шабнам, лағзад.

Рав мавҷи гуҳар шав , зи хато эмин бош,

Пое,ки ба доманаш кашӣ, кам лағзад [109, с. 114].

-фурӯтанӣ ва бо шарму ҳаё будан:

Он кас, ки ҳаё далели роҳаш бошад,

Аз аксари офот паноҳаш бошад.

Камтар чинад ғубори ин дашти ҳавас,

Чашме, ки ба пеши по нигоҳаш бошад [109, с.115].

-мавқеъи ҳунар ва ҳунарманд:

То фазлу ҳунар оинапардоз нашуд,

З-иқбол даре ба рӯи кас боз нашуд.

Фӯлод бар оҳан шараф аз ҷавҳар ёфт,

Беилм ба ҷинси хеш мумтоз нашуд [109, с. 115].

-фазлу дониш шукӯҳу шаҳомати инсон аст:

Онро, ки камоли фазл ёвар гардад,

Авроқи газанди тинаташ баргардад.

Оби дарё ба он ҳама шӯриҳо,

Ширин гардад, даме ки гавҳар гардад [109, с. 116].

-беқадрии донишу донишманд дар он рӯзгор:

Гар ибрати аҳли китоб аст инҷо,
Таҳсили камолат аз чӣ боб аст ин ҷо?
Дониш бар ҷаҳл мекашад хат ба замин ,
Бедорӣ сар ба пойи хоб аст ин ҷо [109, с. 116]

-ва монанди инҳоро нишон дода ,маҳорати мазмунсозӣ ва вусъати дидгоҳҳои шоирро дар шинохт ва ироаи ин масъалаҳо таъйид мекунад.Дар шарҳи пурраи рубоии охир Б. Раҳимӣ хеле огоҳона қалам фарсуда, аз ҷумла навиштааст:“ Дар ин рубоӣ шоир гуфтанист, ки агар ибрат гирифтан аз аҳволи мардум барои ту китоб бошад,яъне аҳволи мардум бароят чун китоб шоиста ва сазовори мушоҳидаву муроқиба бошад, агар аз тарзи зиндагии одамони замони худ огоҳ бошӣ, аҳволи онҳоро чун китоб мутолаа кардан ва аз он мутолаа ибрат гирифтан тавонӣ, таҳсили камол бароят зарурат надорад. Ба таъбири дигар, агар ба зиндагии мардум ба чашми ибрат нигарӣ аз зиндагии онҳо сабақеву панде гирифта тавонӣ таҳсили камол макун, зеро зиндагии мардум нишон медиҳад, ки дар ин замона донишу донишманд қадру эътибор надорад. Баръакс, ҷаҳолату нодонӣ соҳиби иззату эътибор аст. Мартабаи аҳли илму фазл аз мартабаи ҷоҳилу нодон пасттар, эътибори ҷоҳилон аз эътибори оқилон бештар аст. Доно ба мартабаи ҷоҳил назар карда, бар замин хат мекашад, яъне аз ҳоли зори худ дар хиҷолат аст. Дар ин замона бедорӣ, яъне оқилӣ сар ба пои хоб, яъне ҷоҳилӣ мегузорад. Доно дар назди ҷоҳил хору залил ва нописанд аст. Агар аҳволи донишу донишманд ҳамин бошад таҳсили камол намудани ту зарурат надорад” [109, с. 117].

Б. Раҳимӣ дар ин шарҳи ҷомеъ, ки мо пурра иқтибос кардем, мундариҷа ва ғояи як рубоии Бедилро мушаххас сохта, бо ҳамин усул рубоиёти дигари шоирро низ тавзеҳ додааст, ки дар Бедилшиносии тоҷик таҷрибаи аввал ва пурмуҳтаво мебошад. Дар мисоли рубоиёти

Бедил мушаххас намудани мавзуъҳои тарзи зиндагонии мардум, ҳолатҳои гуногуни одамон, аз ҷумла авзои ногувори онҳо, паҳлуи дигари ҳунари ин муҳаққиқро дар шинохт ва баррасии мундариҷа ва ғояи рубоиёти шоир менамояд. Муҳаққиқ ба моҳияти иҷтимоии рубоиёти шоир таваҷҷуҳ карда,

-ранҷи инсон дар ин ҷаҳони дудар:

Ба одами бечора ба ғайр аз мурдан,
З-ин варта муҳол аст саломат бурдан.
К-аз хурдани гандум он чӣ дирӯз кашид,
Имрӯз ҳамон мекашад аз нохурдан [109, с. 118].

- нодориву гуруснагии мардум:

Дар олами эҳтиёҷи ибром маол,
К-аз ҷӯши гадост шаш ҷиҳат моломол,
Ҷуди дили шаб маслиҳати офият аст,
То кас нашавад нишонаи тири суол [109, с. 118].

-дарди гуруснагии ҳамаи мавҷудоти зинда:

Дар мазраи даҳр ҳар ки ҷоне дорад,
Аз дарди гуруснагӣ фиғоне дорад.
Изҳори табассум чӣ хаёл аст ин ҷо?
Пайдост, ки гандум лаби ноне дорад [109, с. 119].

-ғанимат донистани фурсат, яъне умри инсон:

Имрӯз, ки умр об дар ҷӯ дорад,
Хуш он ки ба матлабе такопӯ дорад.
То ҳаст нафас домани фурсат магузор,
Ин гард суроғи рами оҳу дорад [109, с. 119].

-сарфи фурсат барои корҳои муҳимму муфид, пеш аз ҳама барои огоҳӣ, яъне касби илму дониш:

Фурсат дорӣ, ҷуз огаҳӣ кор мабанд,
Дар оинаат туҳмати зангор мабанд.

Ҳарчанд бувад як мижа во кардани чашм,
Боз аст дари ҳузур зинҳор мабанд [109, с 120].

-ташвиқи дӯст доштани зиндагӣ ва баҳрабардорӣ аз неъматҳои он:

Ҳастӣ ҷуз ҷонканиву хун хӯрдан нест,
Аз олами марг айши ҷон бурдан нест.
Дар халқ буруни халқ будан ғалат аст,
Суҳбат бо зиндагист бо мардум нест [109, с. 120],

-бекориву танпарварӣ ва афсурдагиву ранҷу азоб:

Гуфтам бо шамъ, к-аз тамошои ҷадид,
Аз суҳбати чанд чашм бояд пӯшид?
Гуфт: Он ҷамъе, ки шаб бароҳат хуспанд,
Рӯзона ба изтиробашон натвон дид [109, с. 121].

-ҷидду ҷаҳд ва ҳиммати баланд далели комёбӣ:

Ҳиммат ҳар ҷо беш кунад кореро,
Душворӣ нест ҳеҷ душвореро
Гарчанд фалоҳатӣ ба кӯшиш печад,
Холӣ созад зи санг кӯҳсореро [109, с. 121].

-ҳимматбаландӣ нишони комёбӣ ва қудратмандӣ:

Дар таҷрибагоҳи олами сулҳу набард,
Ҳиммат ҳалли кадом мушкил, ки накард.
Ҷаҳди инсон бар ин наёмад, в-ар на,
Гардунро низ бар замин меовард [109, с. 122].

-нақши манфии шоҳони бетартибу бемаърифат:

Афсӯс, ки сози салтанат шуд фосид,
Гардид матои дину давлат косид,
Назми Ҳиндустон кунун мунҳасир аст
Бар дайюсу лайиму ҳезу ҳосид [109, с. 122],

-истисмори мардум омили аз байн рафтани шукӯҳи подшоҳон ва харобии мамлакат:

Бигзар зи шоҳону нози султониашон,
В-аз мояи ҷоҳу давлати фониашон.
Бар донаи чандест, ки гиранд зи мӯр
Ороиши матбахи Сулаймониашон [109, с. 123].

-подшоҳу раиятро мисли ҷону тан донистани шоир:

Шаҳ ҷони раоёву раоёст бадан,
Осоиши ҷон чист, ҷуз осоиши тан?
Ҷоне, ки шуд аз тарбияи тан ғофил,
Оворагияш чанд нагирад доман [109, с. 123]

-даъват аз инсон барои ҷасуру шердил будан:

Дарё накашӣ, агар наҳангӣ накунӣ,
Бар кӯҳ натозӣ, гар палангӣ накунӣ.
Як ҷуръаи туст қулзуми кавну макон,
Эй ҳавсалаи хаёл, тангӣ накунӣ (109, с. 124].

ва масъалаҳои дигарро, ки Бедил дар рубоиёташ тасвир намудааст ба алоҳидагӣ арзёбӣ кардааст.

Муҳаққиқ "Рубоиёти қайди воқеа"-ро, ки мундариҷаи воқеӣ доранд, ба алоҳидагӣ таҳлил карда, воқеаҳои сиёсию таърихӣ, рӯйдодҳои фарҳангӣ ва таърихи таваллуду фавти гуруҳе аз муосирони шоирро дар ин рубоиҳо, ки тасвир шудаанд, ҷузъи мазмун ва мундариҷаи ин гуна осори шоир меҳисобад. Мазмуни моддаҳои таърих низ ҳамчун ҷузъи мундариҷаи рубоӣ таъбир шудаанд, ки алоқамандии моддаи таърихро ба зиндагии воқеӣ ва сарнавишти соҳиби моддаи таърих нишон медиҳад. Ин диди тоза дар шинохти мундариҷа ва ғояи рубоиёти шоир ва дигар навъҳои шеърӣ, ки Бедил ба воситаи онҳо моддаи таърих гуфтааст, мутаассифона, дар таҷрибаи ин муҳаққиқ чандон такмил наёфта, то ҷое маҳдуд ба назар меояд.

Б. Раҳимӣ мазмуну мундариҷа ва ғояи маснавиҳои Бедил, аз ҷумла "Тилисми ҳайрат", "Тури маърифат", "Муҳити аъзам" ва "Ирфон"-ро

низ муфассал шарҳ дода моҳияти ақидаву орои шоирро мушаххас намудааст.

Дар ин замина муҳаққиқ дар ибтидо барои “беҳтар дарк намудани муҳтавои “Тилисми ҳайрат” мазмуни мухтасари онро нақл” [109, 130] намуда, баъдан дар маснавӣ тасвир ва тадқиқ шудани мавзуъҳои моддию дунявиро ёдрас кардааст. Ба назари ӯ дар маснавӣ, пеш аз ҳама “ҷараёни ҳаракати доимӣ ва тағайюру таҳаввули олами имкон, тапиш ва шӯру шари набзи ҳаёт” ба тарзи бадеӣ тасвир ёфтааст. Ҳамчунин муҳаққиқ дар асар ифода шудани афкор ва андешаҳои тарбиявию ахлоқии шоирро низ таъйид карда, аз ҷумла,

-омили фаъолияти инсон донистани кӯшишу ғайрат:

Матоеро, ки ҷаҳд омад харидор,
Агар анқост, байъаш нест душвор.
Ба қадри ҷаҳд ҳар кас муздёб аст,
Хуш он ҷаҳде, ки манзураш савоб аст.
Ниҳоли кӯшиш ин ҷо бесамар нест,
Ки ботил ҳам фусунаш беасар нест [109, с. 130].

-ҳиммати баланд василаи ба мақсад расидан:

Пари коҳе, ки аз ҳиммат камар баст,
Бар оташхонаҳо чун санг дар баст [109, с. 131],

-мазаммати кинаву ҳасад:

Ҷаҳонсӯз аст барқи кина, ҳуш дор,
Мабодо домани кас гирад ин хор.
Шарори кина ҳар ҷо шуълакор аст,
Агар куҳсор бошад пунбазор аст...
Ҳасадро дар зиндагӣ саҳл машмор,
Дами ханҷар зи борикист хунхор [109, с. 139].

-ва ғайраро мундариҷаи асосӣ ва муҳимми ин маснавӣ донистааст [109, с. 134-139].

Ба ин тартиб, Б. Раҳимӣ фушурдаи мундариҷа ва ғояи маснавиҳои “Тури маърифат”, “Муҳити аъзам” ва “Ирфон”-ро баён кардааст, ки дар бедилшиносӣ иқдоми нав ва пурмоя аст. Дар ин равиш муҳаққиқ мундариҷаи осори мансури Бедил “Нукот”, “Чор унсур” ва “Руқъаот”-ро низ ба таври мухтасар шарҳ дода, паҳлуҳои муҳимми ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии андешаву орои Бедилро муайян кардааст.

Зимнан бояд ёдовар шуд, ки Б. Раҳимӣ дар шинохт ва арзёбии хусусиятҳои мундариҷавии осори манзум ва мансури Бедил аз муҳаққиқони қаблӣ фаротар рафта, ба шарҳи комили муҳтавои осори шоир даст ёфтааст. Барои нишон додани моҳияти ҷустуҷӯҳои ӯ ҳамчун намуна дидгоҳҳои ӯро оид ба мавзуву ғояи “бузургтарин асари мансури Бедил маснавии “Ирфон” аз назар мегузаронем.

Ин донишманд таърихи эҷод ва мушкилоти мавзуиву ғоявии маснавиро мурур карда, мазмуни мухтасари бахши асосии асарро ба тариқи зер мушаххас намудааст: “Ақли инсон ба мақсади дарки моҳияти ҳастӣ ва сабабҳои пайдоиши олами моддӣ, такопӯй ва пурсуҷӯи зиёде намуда, аз касе ва аз ҷое ҷавоби қаноатбахш наёфта, рӯи суол ба ҷониби офтоб овард. Офтоб дар ҷавоб қиссаеро ба ӯ ҳикоят кард бад-ин мазмун:

Орифе буд, ки даҳ фарзанд дошт. Рӯзе фарзандон гирди падар ҷамъ омаданд ва дар хусуси интихоби касби муфид аз ӯ маслиҳат хостанд. Падар гуфт, ки раҳнамо ва муршиди шумо дар ин роҳ, бигзор, ҳиммати шумо бошад. Ҳар яке аз шумо, алоқадри ақлу дониш ва фаҳму фаросати хеш, касберо барои худ интихоб намоед” [109, с. 151].

Муҳаққиқ идомаи мазмуни маснавиро ба тариқи мухтасар нақл карда, ба хулоса меояд, ки қиссаи ориф ва даҳ фарзанди ӯ, ки мундариҷаи асосии “Ирфон” аст, василаест, ки Бедил ба воситаи он мавзуъҳои гуногун ва мухталифи зиндагиро ба баҳс кашидааст. Дар ҳамин замина ӯ ба тариқи мухтасар баъзе паҳлуҳои мавзуӣ ва ғоявии

маснавиро ба таври мушаххас зикр кардааст, ки иборат аз мавзуъҳои зер мебошад:

а) омилҳои пайдоиши ҳастӣ ва мавқеи инсон дар он;

б) нақш ва ҷойгоҳи инсон дар зиндагӣ;

в) азоби нодорӣ ва эҳтиёҷмандии инсон ва таъсири он ба руҳияву ҷараёни зиндагии ӯ;

г) нақши касбу кор дар ҳаёти инсон;

д) шуғли деҳқонӣ ва таъсири мусбати он ба зиндагии инсон;

е) пешаи тиҷорат ва нақши он дар ҷараёни зиндагӣ;

ё) касби илму маърифат;

ж) фаро гирифтани ҳикмат ва фалсафа ва нақши он дар ташаккули ахлоқ ва маънавиёти инсон;

з) нақши маънавиёти ирфонӣ дар ташаккули шахсияти инсон;

и) сози салтанат ва шукуҳу азамати шоҳон;

к) мақоми боигарӣ ва зару мол дар пешрафти инсон ва ҷомеа;

л) нақши илм дар пешрафти тиҷорат ва сарватмандӣ;

м) шуғли симиё василаи сарватмандӣ;

н) касби камол ва худшиносӣ;

о) фарогирии ҳамаи касбу корҳо мояи рушд ва беҳбуди зиндагии инсон аст.

Ба мушоҳидаи Б. Раҳимӣ мавзуву масъалаҳои зикршуда ба василаи корбурди қиссаҳои тамсилӣ такмил ва тақвият ёфта, дар маҷмуъ афкору андешаи қаҳрамонони маснавии “Ирфон”-ро ифода кардааст, ки ба наҳве сохтори мундариҷавии асарро таҳаввул бахшидааст. Дар ҳеҷ таҳқиқоте, ки то ин рисолаи Б. Раҳимӣ ба вуҷуд омадааст, доираи мавзуъҳо ва ғояи осори Бедил ба ин ҳад ва вусъатнокиву пурмоягӣ мушаххас ва арзёбӣ нашудааст.

Рисолаи Б. Раҳимӣ “Тавсифи осори Бедил” дар шинохт ва тавзеҳи мундариҷа ва ғояи осори шоир қадаме ҷиддӣ ва пурмоя дар

бедилшиносӣ буда, делели ҷустуҷӯҳо ва арзёбиҳои муфиди муҳаққиқ дар ин замина мебошад.

Илова бар он чи ки ёд шуд ин муҳаққиқ дар шарҳи осори Бедил мақолаҳои ҷудогона низ навишта, баъзе паҳлуҳои мундариҷа ва ғояи як қисми ғазалҳо ва намунаҳои дигари осори шоирро таъбир кардааст. Дар замина мақолаҳои ӯ "Аз таърихи шарҳи осори Бедил" [106, с. 412-441], "Шарҳи як байти Бедил" [111, с. 442-550] ва "Бедилшиносӣ чӣ маънӣ дорад?" [112, с. 451-458] дар шинохт ва тафсири мундариҷа ва ғояи осори Бедил ҳарфи тоза ва пурмоя ҳастанд.

Муҳаққиқи дигаре, ки дар боби мазмуну мундариҷа ва ғояи осори Бедил ҷустуҷӯҳои судмандро анҷом дода, дар ин замина рисолаи докторӣ низ дифоъ намудааст, Нуралӣ Нуров (Нуралӣ Нурзод) мебошад. Вай дар заминаи баҳсу таҳқиқи мақоми Бедил дар таҳаввули сохториву ҳунарӣ ва маъноии ғазал дар адабиёти тоҷик, ки дар боби аввали рисолааш "Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил" анҷом додааст, ишорати кутоҳе ба нақши шоир дар ташаккули мазмун ва мундариҷаи ин навъи шеърӣ карда, аз ҷумла ба чунин хулоса омадааст: "... Абулмаонӣ бо таҷаддуд ва ибтикор дар истифодаи авзони мухталиф ва шояд бештар аз ҳамаи шоирони дигар муваффақ ба таҷассуми маонии тоза ва мазмунофариҳои хоса гардидааст"[92, с. 30]. Барои исботи ин даъво Н. Нуров дар боби сеюми фасли чоруми рисолаи зикршуда, ки "Маъниофарӣ ва тавсеаи ҷанбаҳои мавзуи ғазал дар девони Бедил" унвон дорад, масъалаи мазмун ва мундариҷаи ғазалиёти шоирро ба таври хеле ҷиддӣ баррасӣ карда, муҳимтарин паҳлӯҳои ҳунари Бедилро дар коркарди ин масъала нишон медиҳад.

Ин донишманд ғазалиёти шоирро аз назар гузаронида, ба ин натиҷа расидааст, ки "ин суханвари мумтоз аз диди Мавзуӣ низ ба эҷоди анвои ғазалҳои чун фалсафӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ, ирфонӣ ва амсоли ин муваффақ гардида, бар ин асос дар маъниофариҳои шоирона ё шеваҳои

шоиронаи шарҳу тафсири Мавзуот мақом ва ҷойгоҳи хосаеро соҳиб аст” [92, с. 265]. Сипас, муҳаққиқ масъалаи мазмунсозӣ ва маъниофарии Бедилро “бар пояи чанд мавзуи мушаххас” вобаста ба ҳунари шоирии ӯ ба риштаи таҳқиқ кашидааст, ки аз усули таҳлил ва таҳқиқи Б. Раҳимӣ фарқ дорад. Б. Раҳимӣ, чунонки дар боло гуфта шуд, асосан саъй кардааст, ки аз матни ғазал, мазмун, мундариҷа ва ғояи мавриди назари шоирро берун биоварад. Н. Нуров ин корро дар алоқамандӣ бо ҳунар ва шеваҳои баён анҷом додааст, ки гувоҳи тозакориҳои ӯ дар шинохти мазмуну мундариҷа ва ғояи фақат ғазалиёти шоир аст.

Н. Нурзод мавзуву мундариҷоти ғазалҳои шоирро ба тариқи зер дасатабандӣ карда, баъдан ҳар кадомеро алоҳида шарҳ додааст ва ҳунари Бедилро дар коркарди он намудааст:

-фалсафаи ваҳдат ва касрат, сулҳи кул ва муколамаи фарҳангҳо;

-инсони комил дар меҳвари фалсафаи ваҳдати вуҷуд;

-маъниофаринӣ перомуни мафҳумҳо ва истилоҳоти фарҳанг ва ирфони ҳиндӣ;

-бозтоби масоили ахлоқӣ дар ғазал.

Дар ин ҷустуҷӯҳо муҳаққиқ талош бар он доштааст, ки тозакориҳои Бедилро дар тарзи ҳунармандонаи ифодаи мазмуну мундариҷа ва ғояи ғазал ба хонанда намояд. Дар ин замина ӯ мушаххас кардааст, ки “Бедил дар бозгӯӣ ва ташреҳи ҳикматҳои фалсафаи ваҳдати вуҷудӣ ба масобаи як сояи шоирони пешин қарор нагирифт, балки як роҳи фарозу рӯшанеро дар андешаи худ кашф кард, ки пушти он симои худи шоир ҷилваҳои нуронӣ дарёфт. Ӯ бо мушоҳидаи амиқ ба коинот ҳақиқати ин фалсафаро бар асоси сухани офаридгори бузург, ки дар ояи каримае аз худ фармуда: “ ... ба ҳар сӯе, ки рӯй оваред, он сӯй аст Худованд” ташреҳ дод ва барои маънигузорӣ дар маърифати ваҳдати вуҷуд нукоти ғарибе аз зиндагии ҷорӣ дарёфт. Ҳарчанд ҷанбаи аввали

андешаҳои Бедил аз китоби муқаддаси Қуръон сарчашма мегирад, аммо ҷанбаи сиёсиву иҷтимоии афкори ӯро низ метавон ба авзои замон ва муҳити зиндагонии худи ӯ пайванд бахшид” [92, с. 266].

Назар ба хулосаи ин муҳаққиқ Бедил бо мушоҳида ва маърифати воқеиятҳои зиндагӣ  “нукоти ғарибе аз зиндагии ҷорӣ дарёфт”, ки бунмояи онро масъалаи дарки ваҳдати вуҷуд ва таносуби воқеии он бо сулҳи кулл ташкил медиҳад. Ин андешаи Бедил дар заминаи фоҷеаҳое, ки ихтилофоти мазҳабӣ дар Ҳиндустон ба роҳ андохта буд, ба вуҷуд омад ва равиши хоси Мавзуӣ ва мундариҷавию ғоявии ғазалиёти ӯро тарҳ дод.

Дар фарогирии ин мавзуъ дар таҷрибаи шоирии Бедил ҳунар афзалият дошта, Н. Нуров аз ҳамин ҷанба мундариҷаи ғазалҳои дар ин мавзуъ эҷодкардаи шоирро, бо камоли диққат таҳлил ва арзёбӣ кардааст. Аз ҷумла, вай мавзуъ ва мундариҷаи сулҳи кулл ва инъикоси ҳунармандонаи онро дар ғазалҳои Бедил баррасӣ карда, “дар ашъори Бедил мустақиман ба масъалаи сулҳи кулл таъкид” шудан ва ҳунармандона инъикос гардидани онро, ки ғояи оштии диниву қавмӣ дар меҳвари он қарор дорад, бо байти зер таъйид мекунад:

Ба ҳамворӣ тариқи сулҳи кулл чанде ғанимат дон,
Зи чанги субҳа бо зуннор печидаст дин худро [92, с. 267].

Мундариҷа ва ғояи ин байтро муҳаққиқ ба тариқи зер тавзеҳ додааст: “Бедил бо аҳли замони худ ҳушдор медиҳад, ки ҳамин тариқати сулҳи куллро бояд ғанимат шумурд, ки ба асари он субҳа ва зуннор ба унвони ду унсури муҳимми ду дин дар канори ҳамдигар қарор доранд ва айни ҳамдигар шудаанд” [92, с. 267]. Бедил дар байти ёдшуда ҷомеаи замонашро  ба шинохти арзиши ақидаҳои сулҳи кулл даъват карда, фалсафаи ваҳдати инсонӣ ва маърифати ҳақиқати оламу одамро асоси меҳвари андешаи худ қарор додааст, ки дар ғазал ба василаи образҳои шеърӣ ҳунармандона таҷҷассум ёфтааст.

Муҳаққиқ тадриҷан таҳаввул ёфтани чунин тарзи маъниофаринии Бедилро бо таҳлили байти зер таъкид варзидааст:

Сулҳи кулл назри ҳарифон, ки дар ин ишратгоҳ,

Оташу об ба ҳам дасту гиребон шудаанд.

Муҳаққиқ дар матни чунин тасвири бадеии Бедил мазмун ва маънии хостаи ӯро ба тариқи зер шарҳ додааст, ки дар шинохти мазмун ва моҳияти шеъри шоир ба хонанда ёрии бевосита мерасонад: “Бедил ин ҳолатро ба дастугиребон шудани оташу об чун ду унсури ба ҳам зид тасвир намудааст ва аз назари дигар агар умқан ба сӯи матлаби Бедил биравем, ҳадафи дигаре аз таъкиди он рӯшан мешавад. Оташу об ҳарчанд ба ҳамдигар ихтилоф доранд, аммо ду унсури муҳим барои зиндагонии инсон ба шумор меравaнд ва мағзи афкори инсонгароёнаи Бедил ҳам дар ҳамин нуқта қарор дорад, ки ихтилоф ва тазодҳои зоҳирии фикрӣ метавонад боиси аз миён рафтани аносири муҳим барои ҳаёти инсонӣ дар рӯи замин гардад, мисли ин ки оташ обро нест мекунад ё об оташро” [92, с. 267-268].

Ин шарҳи мавзуъ ва маънии байти Бедил пеш аз ҳама, моҳияти “ақидаи умумиинсонӣ”-и шоирро мушаххас месозад, ки равиши тозаи маъниву мазмуншиносии шеъри шоир мебошад, ки Н. Нурзод ба он даст ёфтааст.

Аз таҳқиқоти Н. Нуров маълум мешавад, ки инсон дар маркази фалсафаи ваҳдати вуҷуди Бедил қарор дошта, шоир барои ифодаи ғояи инсони комил таркиб ва таъбирҳои шоиронаеро халқ кардааст, ки таркибҳои “мард”, “марди ихтиёр”, “марди майдонгоҳи таслим”, “марди қудрат”, “марди таҳқиқ”, “пир” ва ғайра аз ин қабил буда, шоир дар шарҳи мавқеияти инсон истифода кардааст, ки пеш аз ҳама таъкид бар ҳадафи ғоявии он аст.

Муҳаққиқ бо зикри вожаҳои зикршуда, пеш аз ҳама дар бораи мақоми “инсони комил” сухан кардааст, ки байти зер намунаи он аст:

Бедил, зи қайди ҳастӣ саҳл аст боз ҷастан,

Гар марди ихтиёрӣ, рав, аз адам бурун о.

Барои маънӣ ва мазмуни ин байтро берун овардан Н. Нурзод ба шарҳи зайл иктифо кардааст, ки равиши маънишиносонаи шеъри шоир мебошад: "Марди ихтиёр ҳамонест, ки ҳафт табақаи замину осмон бар ӯ равшан аст ва комилан аз маҷмуи қуюди дунявӣ вораста гардида. Аз ин рӯ, ба таъбири Бедил барои ӯ, ки ҷамъи он мароҳилро тай намуда, саҳл аз қайди ҳастӣ растан аст. Ба ин хотир шоир хитоб мекунад, ки агар марди ихтиёрӣ, яъне ворастаӣ аз адам бурун о. Ин ҳамон адамест, ки дар андешаи аҳли ирфон, фано шудан дар худ бақо дар ҳақ бошад" [92, с. 272].

Ба ин тартиб, Н. Нурзод аввалин бор дар пайравӣ ба шореҳони шеъри Бедил бо усули шарҳи қиёсӣ паҳлуҳои гуногуни мавзуву ғояи ғазалиёти шоир, аз ҷумла моҳияти ирфонии онро мушаххас ва арзёбӣ намудааст, ки равиши тозаи дарку фаҳми мундариҷаи шеъри шоир мебошад.

Дар ин тадқиқот нуктаи ҷолиби дигар ин аст, ки муаллиф мафҳумҳо ва истилоҳоти фарҳанг ва ирфони ҳиндиро ҳамчун ифодакунандаи мазмуну мундариҷа ва ғояи ғазалҳои Бедил ва таъсирпазии ӯ аз муҳити маънавию фарҳангии Ҳиндустон таъбир намудааст.

Дар заминаи баррасии муҳаққиқ маълум мешавад, ки шоири тавоно "ба файзгирӣ аз афкор ва андешаҳои ахлоқиву фалсафии гуруҳҳои муайян мазмунҳои тозае дар заминаи омезаҳои тафаккури ирфонии ҳиндӣ ва тоҷикӣ халқ намудааст" [92, с. 275], ки барои исботи ин даъво манзараи мақоми истилоҳ ва мафоҳими гуногун дар мазмунсозӣ ва шаклдиҳии мундариҷаи ғоявии ғазалҳои Бедил нишон дода шудааст. Мисли ҳамин бозтоби шоиронаи масоили ахлоқӣ низ дар ғазалиёти шоир муфассал таҳлил ва арзёбӣ шуда, ҳунари Бедил дар ин

замина ба таври мушаххас арзёбӣ шудааст, ки ҷустуҷӯҳои ёдшудаи ин муҳаққиқ дар шинохти мундариҷа ва ғояи осори Бедил равиши тоза ва ҳарфи бодалел дар бедилшиносии тоҷик мебошад.

Ба ин тартиб, муруре гузаро ба таҳқиқи масъалаи хусусиятҳои мундариҷавию ғоявии осори Бедил нишон дод, ки ин мавзуъ аз таълифоти устод Айнӣ сар карда, то имрӯз мавриди таваҷҷуҳи бедилшиносон қарор гирифта, дар ин замина усули дақиқ ва пурмояи шинохт ва арзёбии мавзуъ кашф ва ба василаи ҷустуҷӯҳои устод Айнӣ, Ю. Салимов, Б. Раҳимӣ ва Н. Нурзод амалӣ гардидааст. Тавсифи илмии моҳияти мундариҷа ва ғояи осори Бедил ва тарзи ҳунармандонаи ифодаи он аз ҷониби шоир ҷиҳати муҳимми таҳқиқотҳои анҷомгирифта мебошад.

## II. 2 Вижагиҳои забон ва тарзи баён

Масъалаи маҳорати ҳунарии Мирзо Абдулқодири Бедил аз оғоз ба таври алоҳида мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқони эҷодиёти шоир қарор нагирифта бошад ҳам, дар заминаи таҳқиқи паҳлуҳои ҷудогонаи осори ӯ, аз ҷумла тарзи тасвир ва сабки нигоришаш баъзе муҳаққиқон андешаҳои худро дар ин боб баён кардаанд. Фақат дар солҳои охир адабиётшиносон Б. Раҳимӣ ва Н. Нуров ин масъаларо ба таври мушаххас тадқиқ карда, баъзе паҳлуҳои онро равшан намудаанд. Бахусус, адабиётшинос Н. Нуров масъалаи поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедилро мавриди таҳқиқи ҳаматарафа қарор дода, дар замина тадқиқоти ҷолиберо ба майдон овард, ки бисёре аз паҳлуҳои хусусияти фардии ҳунари тасвиргарии шоирро равшан месозад.

Вале омӯзиши ин масъала бо фаъолияти ин ду донишманд маҳдуд намешавад. Ҳанӯз Абдусалом Деҳотӣ ва Муҳаммадҷон Раҳимӣ дар тадқиқоте, ки ибтидои солҳои чилум анҷом дода буданд, ба услуби нави ба худ махсуси тасвиркориҳои Бедил ишораи кӯтоҳе кардаанд. Ин муаллифон аз “ мураккабии услуб ва душворфаҳмии ифодаҳои Бедил “ сухан ронда, бемаънӣ набудан”, балки “як санъати ба худ хос” будани тарзи нигориши шоирро ба тариқи умумӣ таъкид кардаанд. Дар боби услуби Бедил низ андешаи зерини онҳо бе таҳлили шеъри шоир ба вуҷуд омадааст: “ Дар адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ услуби Бедил ба шакли як ҷараёни махсус дохил шуд ва аз аввали асри XV111 сар карда, то соли Револютсияи октябр даҳҳо шоирон (аксар аз Осиёи Миёна) ба ин ҷараён, бедилизм, тақлид ва пайравӣ кардаанд” [50, с. 24].

Устод Айнӣ аз аввалин бедилшиносоне буд, ки дар бораи забон, услуб ва санъати шоирии Бедил дар заминаи таҳлили намунаҳои осори ӯ мулоҳизаҳои ҷолиб баён доштааст. Андешаҳои ӯ масъалаҳои забони

осор, услуби нигориш ва маҳорати ҳунарии шоирро дар бар гирифта, дар маҷмуъ аввалин бор чеҳраи ҳунарии ӯро ба таври мушаххас ба хонанда намудаанд.

Айнӣ забони шеъри Бедилро “аз нуқтаи назари луғатҳои ҷудогона” таҳлил карда, онро “хеле сода” таъбир мекунад ва барои таъйиди назараш таркибҳои офаридаи Бедил, аз ҷумла ҳай кардан , сар додан , киро намекунад, ишкел, дина, дирӯз, ҳаққи намак, газак, сабзак, шерак додан, ғалтак, кӯдак, наъразанак, каллак, чашмак задан, рафтаҳоро саловот, бағалак, тунбак, хаппак, чақ-чақу вақ-вақ ва монанди инҳоро бо “суханҳои гуфтугӯии халқи тоҷик” муқоиса мекунад.

Айнӣ ду навъ шеъри Бедилро ҷудо карда, якеро аз нуқтаи назари “ҷумлабандӣ , ташбеҳот, киноя ва истиорот” намунаи “душвортарин забони адабии тоҷик” шинохта, дигариро “содда, равон, дилчасп” медонад. Ҳамчунин, шеърҳои бо ташбеҳҳои нав зиннатдодашудаи Бедилро ёд карда, пораи зерро аз як ғазали шоир иқтибос меоварад:

Эй хаёли қоматат оҳи заифонро асо!
Бар рухат наззораҳоро лағжиш аз ҷӯши сафо,
Ҳамчу оина ҳазорон чашми ҳайрон рӯ ба рӯ,
Ҳамчу кокул як ҷаҳон ҷамъи парешон дар қафо!
Абрӯи мушкинат аз бори тағофул гашта хам,
Монда зулфи саркашат з-андешаи дилҳо дуто!
Аз сафои оразат ҷон мечакад гоҳи арақ ,
Аз шикасти турраат дил медамад ҷои садо... [34, с. 105].

Ҳамчун намунаи “рубоиҳои содаи оммафаҳм”-и Бедил рубоии зер низ иқтибос шудааст:

Дар пеши табиб омад он аблаҳи Лур,
Яъне “Шикамам ҳамеша дорад қур-қур,
Ҳар чиз, ки мехӯрам намегардад ҳазм”.
Фармуд: “Аввал ҳазм кун, он гоҳ бихӯр” [34, с. 105].

Устод Айнӣ тозакориҳои Бедилро дар тасвир ёдрас карда, “аз ҷӯши софӣ ва сӯфтагии рӯйи маъшуқа лағзиши назарҳо, монанди оина дар рӯбарӯи ӯ будани чашмони ҳайрон, монанди кокул дар қафо будани ҷамъи парешон, аз бори тағофул хам шудани абрӯ, аз андешаи дилҳо дуто шудани зулф ҷои садо дил дамидан, ки дар он ҷо дили басташуда бисёр аст, ҳақиқатан ташбеҳҳои нав, дилкаш ва содда” унвон кардааст [34, с. 105].

Чунин тарзи тасвири Бедилро устод Айнӣ нафақат дар ғазалиёти ӯ, балки дар достонҳои ишқиаш низ кашф ва арзёбӣ намудааст, ки дар Бедилшиносии тоҷик қадами аввал дар шинохти ҷанбаи ҳунарии шеъри шоир мебошад.

Барои хусусияти “рубоиҳои соддаи оммафаҳм “-и Бедилро нишон додан, Айнӣ намунаҳо оварда, дар муқоиса бо забони шеър “забони насри Бедил”-ро “аз ҳад зиёда душвор” медонад ва меафзояд:“...ҷумлаҳои дарози силсиладор бо ташбеҳҳои мураккаб ва истиораҳои печ дар печ насри ин адиби душворписандро ба дараҷаи нофаҳмоӣ расондаанд. Хусусан, вақте ки ин гуна ҷумлаҳо истилоҳоти фалсафиро дар бар мегиранд , боз ҳам душвортар мешаванд, зеро ки бештарини онҳо ғайр аз маъниҳои машҳури луғавиашон маъниҳои махсуси истилоҳиро ифода мекунанд, ки мутолиакунанда дар вақти хондан сари каловаи фаҳмишро гум мекунад”. Бо вуҷуди ин , ба мушоҳидаҳои Айнӣ, хонанда бо ёрии саҷъҳо ва фиқраҳо маънии ҷумлаҳоро фаҳмида метавонад [34, с. 107].

Устод Айнӣ дар шинохти хусусиятҳои забони Бедил назари ҳамзамонони шоир , аз ҷумла Сироҷиддин Алихони Орзуи Акбарободӣ муаллифи “Сироҷ-ул-луғот”, “Чароғи ҳидоят” соҳиби тазкираи “Хизонаи омира”- ро нақл ва тасарруфоту ихтироoти Бедилро дар забон зикр карда, хулоса мекунад, ки “Мо тоҷикони Осиёи Миёна, ки аз забони ин устод шикоят мекунем, норизоии мо аз тарзи ҷумлабандии ӯ

дар наср ва аз ташбеҳот ва истиороти мураккаб ва печ дар печи ӯ дар назм аст. Аммо ихтирооти дилчасапи ӯро табрик ва таҳсин менамоем" [34, с. 109]. Дар замина устод ихтирооти Бедил, аз ҷумла "ташбеҳҳои нав, дилчасп ва содда"- и ӯро монанди аз ҷӯши софӣ ва суфтагии рӯйи маъшуқа лағзиши назораҳо , монанди оина дар рӯ ба рӯи ӯ будани чашмони ҳайрон, монанди кокул дар қафо будани ҷамъи парешон , аз бори тағофул хам шудани абрӯ, аз андешаи дилҳо дуто шудани зулф, аз софии ораз дар вақти арақ ҷон чакидан , аз шикасти зулф ҷои садо дил дамидан , ки дар он ҷо дили басташуда бисёр астро зикр карда, ташбеҳҳои нави Бедил , киноя ва истиораҳои эҷодкоронаи ӯро фақат хоси ғазалиёт ва рубоиёташ намедонад, балки дар достонҳои ишқӣ "ин шеваро боз ҳам авҷ" гирондани шоир ва дар достонҳо ба дараҷаи ғазалиёт содда набудани ин ташбеҳҳоро таъкид мекунад.

Айнӣ "иқтидори шеърии Бедилро бисёр баланд" ва табъи ӯро равон дониста, такмили сохтори шеър, аз ҷумла ғазалро аз кашфиётҳои ӯ ба шумор меоварад. Ҳамчунин устод сермаҳсул будани Бедил дар сурудани рубоӣ, корбурди "вазнҳои ғайримаъруф", истифода аз қоидаи "муфрад ва мураккаб"-ро далели тавоноии ҳунари ӯ дар эҷоди шеър таъбир карда, доир ба хусусиятҳои сабки нигориши шоир аз аввалинҳо шуда дар бедилшиносӣ назарашро баён доштааст, ки ҳарфи аввал ва меъёрӣ дар ин замина аст.

Устод Айнӣ "тарзу услуби Бедилро ба худаш хос" дониста, ҳанӯз дар замони дар ҳаёт будани шоир маълум ва машҳур шудани онро дар такя ба сухани Ғуломалихони Орзу ва мушоҳидаҳои бевоситаи худаш собит менамояд.

Рисолаашро дар бораи "Мирзо Абдулқодири Бедил" устод Айнӣ зери таъсири методи таърихии дар адабиётшиносии он солҳои шӯравӣ маълум, ки тобеи идеологияи расмӣ буд таҳия карда, бо вуҷуди маҳдудиятҳои сиёсӣ ва хусусияти оммафаҳмӣ доштани таълифоташ

муҳимтарин нуктаҳоро ба тариқи хулоса доир ба вежагиҳои забон ва тарзи тасвиру сабки Бедил баён карда тавонистааст, ки минбаъд дар шинохти ҳунари шоир ҳамчун мабдаъ хизмат кардааст.

Баъд аз рисолаи устод Айнӣ "Мирзо Абдулқодири Бедил" доир ба ҳунари бадеии Бедил тадқиқоти ҷудогона ба вуҷуд наомадааст. Дар баъзе тадқиқотҳо, аз ҷумла фасли "Баъзе хулосаҳо оид ба эҷодиёти Бедил"-и асари ёдшудаи Ю. Салимов, рисолаи Р. Ҳодизода "Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX", таълифотҳои Бобобек Раҳимӣ "Ошноӣ бо Бедил", "Зиндагиномаи Бедил", "Тавсифи осори Бедил" ва тадқиқоти Н. Нурзод "Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил" аз боби тарзи тасвир, забон ва сабки Бедил сухан рафтааст.

Дар маҷмуъ тадқиқотҳои анҷомгирифта дар шинохти ҷустуҷӯҳои бадеӣ ва ҳунари тасвиргарии Бедил ҳарфи тоза буда, хусусиятҳои хоси маҳорати шоирро дар ҳунари нигорандагӣ, корбурди забон ва кашфи сабки тозаи эҷод таъйид кардаанд, ки аз дастовардҳои Бедилшиносии тоҷик аст.

Таҳлили қиёсӣ нишон дод, ки ҳарчанд тадқиқоти Ю. Салимов махсуси ин масъала нест, вале ин донишманди фақид дар фасли "Чанд нуктаи сабки Бедилӣ" барои намудани ҳунари бадеии шоир "як силсила истилоҳоти латифи бадеӣ-фалсафӣ"-ро дар тарзи корбурди Бедил ҳамчун унсури сабксоз шарҳ дода, бе фаҳмидани онҳо дарк кардани шеъри шоирро номумкин донистааст. Шарҳи ин муҳаққиқ бар калимаҳо ва таъбирҳои тозаи шеъри шоир, пеш аз ҳама, бозгӯкунандаи ҳунари нигорандагии Бедил дар истифодаи образноки калимаҳову таъбирҳо мебошад, ки муаллиф дар ин кор ба ҳадаф даст ёфтааст. Дар замина Ю. Салимов вожаҳои обила, оина, оташ, мавҷ, ҳубоб ва таъбирҳои хумори матлаб, орзуи хом, сайди ошён, сомони сафар, домони оина, гул кардани нигоҳ, сайри надомат, тӯфонҷӯшии чашм, нақши по кардани гул, доғ кардани ҷуръат, мавҷи нуқсон будани арзи камол, оина шудани сад ранг

(висол), гавҳар шудани сад қатра (висол), мисли обрӯ вақфи хам доштан, аз пайкар рехтани меҳроб, сари мӯ ва ғайраро шарҳ дода, тарзи корбурди бадеӣ ва маънии онҳоро дар таҷрибаи шеърии Бедил арзёбӣ кардааст, ки ин иқдоми ӯ дар Бедилшиносии солҳои шастум қадами ҷиддӣ буда, минбаъд бо кӯшишҳои муттасил ва ҷустуҷӯҳои пурмояи Б. Раҳимӣ ташаккул ва таҳаввули тоза пайдо кард [118, с. 260-262].

Б. Раҳимӣ дар рисолаи “Тавсифи осори Бедил” пас аз таҳлили мавзуву мундариҷаи ғазалҳои Бедил тарзи корбурди баъзе санъатҳои бадеиро дар ин жанр арзёбӣ кардааст. Дар ин замина муҳаққиқ тарзи истифода ва моҳияти бадеии санъати тамсил ё худ ташбеҳи мураккаб ва таносуби сухан ё худ муроотунназирро муфассал шарҳ додааст, ки бозгӯкунандаи як паҳлуи ҳунари шоир дар тарзи бадеии тасвир аст.

Ин муҳаққиқ дар шарҳи моҳияти ин санъат овардааст, ки “шоир фикри худро дар мисрае ифода намуда, дар мисраи дигар онро бо мисолҳо тақвият медиҳад, тасдиқ менамояд. Дар бештарин мавридҳо фикри шоир дар мисраи аввал ифода меёбаду мисраи сонӣ тамсил ё таъкиди фикр аст”[109, с. 57]. Ин шарҳ нисбат ба санъати ташбеҳи тамсилӣ, ки хоси ҳунари тасвиргарии Бедил мебошад, албатта маҳдуд аст. Дар ин боб лозим медонем, ки пеш аз нақди андешаҳои Б. Раҳимӣ нуқтаи назари дуктур Маҳмуди Футуҳиро оиди ин масъала иқтибос кунем. Ӯ навиштааст: “ Нахустин бор Қудом ибни Ҷаъфар (с.ваф. 337 қ.) тамсилро дар мафҳуми “эътилофи лафз ва маънӣ” ба кор бурдааст. Абдулқодири Ҷурҷонӣ (с.ваф. 471 қ.) мегӯяд: “Абуаҳмад Аскарӣ ин навъи каломро “мамосила” хондааст. Ин номгузорӣ чунон менамояд, ки муроди вай чизе ғайр аз масал ва тамсил аст, аммо чунин нест”. Ҷурҷонӣ аввалин касе аст, ки батафсил аз тамсил сухан гуфтааст. Ташбеҳ аз назари ӯ ду гуна аст: ташбеҳе, ки ваҷҳаш муҳтоҷи таъвил набошад ва дувум ташбеҳе, ки ниёз ба таъвил дорад. Аввалиро ташбеҳи ом ва дувумиро тамсили хос (ташбеҳи тамсилӣ) номида ва мегӯяд: ташбеҳ

аъамм аз тамсил аст; яъне ҳар тамсил ташбеҳ аст, аммо ҳар ташбеҳ тамсил нест. Ташбеҳе, ки ваҷҳи шабеҳи он бидуни таъвил дарк шавад, тамсил нест. Тамсил ташбеҳи мураккаб аст, ки ваҷҳи шабеҳи он аз як ё чанд ҷумла мунтазаъ бошад ба гунае, ки ҷумалотро натавон аз ҳам ҷудо кард. Ӯ барои ташбеҳи тамсилӣ се вижагӣ оварда:

- Ваҷҳи шабеҳ дар он ошкор нест;

- Ваҷҳи шабеҳ сифате ақлӣ ва ғайри ҳақиқӣ аст баромада аз умури мутаъаддид;

- Дарки он ниёз ба таъвил дорад ”[134, с. 255-256].

Шафеии Кадканӣ дар шарҳи ин масъала дақиқтар рафта, менависад, ки “беҳтарин роҳ барои ташхиси тамсил аз дигар анвоъи тасвир ин аст, ки аз дидгоҳи забоншинохтӣ мавриди баррасӣ қарор гирад: бад-ин гуна ки тамсил дар маънии дақиқи он, ки меҳвари хасоиси сабки ҳиндӣ аст, метавонад дар шакли муодилаи ду ҷумла мавриди баррасӣ қарор гирад ва тақрибан маҷмӯаи он чӣ мутаахирин бад-он тамсил итлоқ кардаанд, муодилае аст, ки ба лиҳози навъе шабоҳат миёни ду сӯи байт-ду мисраъ-вуҷуд дорад ва шоир дар мисраъи аввал чизе мегӯяд ва дар мисраи дувум чизе дигар, аммо ду сӯи ин муодила аз раҳгузари шабоҳат қобили табдил ба якдигаранд ва шояд барои ҷилавгирӣ аз иштибоҳ битавон онро услуби муодила хонд то он чиро, ки қудамо тамсил, ё ташбеҳи тамсил хондаанд, аз қаламрави таъриф ҷудо кунем, ҳамчунин корбурди масалро, ки ирсолулмасал аст ва мояи иштибоҳи баъзе аз аҳли адаб шудааст ва онро тамсил хондаанд, низ аз ҳавзаи таъриф хориҷ кунем”[63, с. 84-85].

Ҳамчунон ки Шафеъии Кадканӣ таъриф кардааст, тамсил ё ташбеҳи тамсил хусусияти меҳварии сабки ҳиндӣ, аз ҷумла тарзи нигориши Бедил буда, дар шинохти ҷанбаи тасвирӣ ва моҳияти ҳунарии он дар мисолу таҷрибаи эҷодии Бедил Б. Раҳимӣ тадқиқоти ҷолиберо анҷом додааст. Муҳаққиқ аввал байти шоирро иқтибос карда, баъд

маънии ду сӯи онро берун меоварад. Аз ҷумла, муҳаққиқ байти зерро иқтибос карда –

Ақбае дигар набошад рӯҳи аз тан растаро,

Нест бими сӯхтан дуди зи оташ ҷастаро.- ”[109, с. 57] сипас, менависад: “Дар ин байт фикри шоир дар мисраи аввал баён гардида, мисраи сонӣ тамсили фикр аст. Шоир гуфтанист: рӯҳ, ки аз бадани инсон ҷудо шуд, мавриди ҳеҷ гуна азоб қарор намегирад. Рӯҳи аз тан ҷудошуда монанди дуди аз оташ раҳогардида мебошад. Дуд вақте дар азоб аст, ки дар дохили оташ бошад. Ҳамин ки аз оташ ҷудо шуд, аз азоб низ халос мешавад. Дар санъати тамсил дар доираи ин ё он байт калимаҳои ҳамнисбат вуҷуд доранд, ки дарк намудани онҳо фаҳмидани маънои байтро осон мекунад. Дар байти мазкур калимаву ибораҳои ҳамнисбат инҳоянд: рӯҳи аз тан раста ва дуди зи оташ ҷаста; ақбае дигар набошад ва нест бими сӯхтан”[109, с. 57]. Б. Раҳимӣ бо ҳамин усул байтҳои Бедилро, ки дар онҳо санъати тамсил истифода шудааст таҳлил карда, сипас зарбулмасалу мақолро “навъи дигари тамсил” маънидод мекунад ва тарзи корбурд ва маънии онро дар ғазали шоир шарҳ медиҳад. Вале ин кори он хилофи гуфтаи Кадканӣ аст, ки корбурди масал ё худ зарбурмасалро [ирсолулмасал] ба ҷои тамсил иштибоҳ дониста буд [63, с. 85].

Б. Раҳимӣ корбурди ҳунармандонаи санъати таносуби сухан ё худ муроотунназирро низ дар ғазалҳои шоир таҳқиқ ва таҳлил карда, моҳияти тасвирҳои бадеии шоир ва ҳунари ӯро нишон додааст. Аз таҳлилҳои муҳаққиқ бармеояд, ки шоир ба мақсади таъсирбахшу нишонрас баён кардани фикр дар шеър калима ва иборотеро интихоб намудааст, ки онҳо аз ҷиҳати маънӣ ё шакл ба ҳам наздик буда, дар ифодаи маънӣ таъсиргузор будаанд. Барои исботи ин даъво муҳаққиқ байти -

Суфу атлас ба назар тори таҳайюр дорад,

Пинае чанд, ки дар далқи гадо дӯхтай-ро

иқтибос карда, афзудааст: “Дар ин байт калимаҳои “суф”, “атлас”, “тор”, “пина” (дарбеҳ), “далқ” ва феъли “духтан” бо ҳам мутаносиб буда, дар таъсир бахшидани фикри шоир мусоидат намудаанд” [109, с. 64]. Ба ин тартиб, Б Раҳимӣ маҳорати Бедилро дар истифодаи ин санъат ва василаи ҳунармандонаи ифода ва тақвияти маънӣ будани онро бо таҳлилҳои мушаххас нишон додааст.

Дар рисола Б. Раҳимӣ хусусиятҳои бадеӣ ва усули тасвири Бедилро дар қасида, тарҷеъбанд, мухаммас ва баъзе маснавиҳои шоир хеле мухтасар арзёбӣ карда, нақш ва ҷойгоҳи ташбеҳро дар нигориши шоир бо таҳлили мисолҳо нишон додааст, ки гувоҳи маҳорати муҳаққиқ дар шинохти хусусиятҳои бадеии осори шоир аст.

Дар Бедилшиносии тоҷик рисолаи Н. Нуров “Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абудлқодири Бедил” аввалин ва охирин таҳқиқотест, ки ба таҳқиқу баррасии ҳунари шоирии Бедил ихтисос ёфтааст. Муаллиф дар ин асар кӯшиш кардааст, ки шеваи тозаи нигориш, бозтоби фавқулоддаи ҳунари суханварӣ, усули ҷолиби таъбирофаринӣ, равиши нотакрори тасвирпардозӣ, риояи таносуби сухан, ҳисомезӣ дар калом, дар маҷмӯъ тарзи хоси нигориши Бедилро бо таҳлили огоҳона арзёбӣ карда, маънии ҳунарии “сабки Бедилӣ”, “мактаби Бедилӣ”, ”забони Бедилӣ”-ро тавзеҳ ва таъбир кунад. Аввалин бор дар бедилшиносӣ ба воситаи тадқиқоти ин муҳаққиқ поэтикаи яке аз навъҳои асосии шеъри Бедил-ғазал, хоса поэтикаи забони ин навъи адабӣ тадқиқ шуда, зуҳури ихтирооти забонӣ, калимаву таркиб, таъбирҳои тозаи шоирона ва монанди инҳо исбот гардидааст [92, с. 41].

Дар боби аввали рисола муҳаққиқ ҳунари шоирро дар заминаи масъалаҳои ташаккул ва таҳаввули сохтори мавзуии ғазал, андешаҳои зебоишинохтии шоир дар такя ба ғазалҳои ӯ, ҳунари шоир дар коркарди мисраъ, қофия ва радиф ва вежагиҳои таҷрибаи ҳунарии ӯ дар истифодаи

авзони ғазал ба риштаи таҳқиқ кашида, заминаҳо ва омилҳои дастовардҳои Бедил нишон дода шудааст. Дар маҷмӯъ муҳаққиқ бо таваҷҷуҳ ба вежагиҳои сохтории ғазалиёти Бедил ва ибтикороти вай дар таҳаввули ҷанбаъҳои бадеӣ ва маъноии ғазал ба ин натиҷа расидааст, ки "ин суханвари маънишикор барои ба вуҷуд овардани тозатарин падидаҳои ҳунарӣ дар ғазали гузаштаи мо чи аз лиҳози ҳунари шоирӣ ва чи аз назари дарунмоя ва сабк эҳтимом варзидааст. Агар истиқлоли мисраъ аз ҷумлаи таҳаввулоти нодири маъноӣ дар ғазали классикӣ аст, ки ба ибтикороти Бедил пайванди мустаҳкам дорад, дар канори ин мустақилият навъе эҷоди пайванди маънӣ ва таносуби вожагону мафоҳим ба ҳунари баланди шоирӣ ва диди мӯшикофона ва нигоҳи мушоҳидакорӣ ӯ ишорат мекунад" [92, с. 41]. Муҳаққиқ корбурди таҷрибаҳо дар авзони ноозмудаи шеъри форсии тоҷикиро, ки зоҳиран аз авомили мураккаб шудани фаҳми маонии шеър ҳам гардидааст, тозагӣ дар сохтори ғазали Бедил медонад, ки пас аз Мавлоно фақат Бедил дар ин замина тозаҷӯиҳо кардааст.

Нуралӣ Нурзод калиди шинохти ҳунарии Бедилро, ба ифодаи В.Е. Холшевников дар худи шеъри шоир пайдо карда, вазифаи худро ҳамчун муҳаққиқ аз он иборат донистааст, ки калиде ёфта қуфли асрори ғазалиёти шоирро боз кунад. Яъне барои муайян намудани хусусияти бадеии ғазалиёти Бедил ин муҳаққиқ "аз калиди" худи шоир - "шеър" ҳушёрона истифода бурда, бо таҳлил ва арзбии қиёсӣ моҳияти тасвири пайиҳами ҳиссу андеша, интихоб ва корбурди калимаву таъбирҳо, такрори вожаҳо, таркибҳои наҳвӣ, тарзи нигориш, таносуби гуфтор, шакли шеър, оҳанг, усули қофиябандӣ, истифодаи радиф ва ғайраро [141, с. 167-168] сареҳан ошкор намудааст, ки дар бедилшиносии тоҷик бесобиқа аст. Муҳаққиқ дар таҳқиқ ва шинохти сохтори ҳунарии ғазали Бедил ба ангезаҳои ҳиссӣ ва ҳунарӣ диққат дода, тозакориҳои шоирро

дар такмил ва таҳаввули сохтори мундариҷавӣ, ғоявӣ ва бадеии ин навъи шеър бо таҳлили мушаххас нишон додааст.

Донишманди рус В. Е. Холшевников навишта буд, ки “шеъри лирикӣ на қисмати зиёди воқеият, балки таассуротеро, ки зери таъсири ҳодисае ба вуҷуд омадааст, тасвир мекунад”. Ба ин далел, ин донишманд “аз шеъри лирикӣ экспозитсияву (дебоча) завязка (гиреҳбанд) ва зикри низоъ, ки аз он сужет таркиб меёбад ҷустанро, кори беҳуда” дониста буд [141, с. 169]. Мутаассифона солҳои тӯлонӣ чунин арзёбии барғалати сохтори ғазал ва баъзе жанрҳои дигар, аз ҷумла рубоӣ низ дар адабиётшиносии мо роиҷ буд. Н. Нурзод бо фосилагирӣ аз ин тарзи таҳқиқ сохтори ғазали Бедилро дар ҳамбастагии маънавӣ ва шаклӣ таҳқиқ карда, шеваи хоси нигориши шоирро дар корбурди ҳунарии сохтори таркибу иборaҳо, вожагони мураккаб,  қофияву радиф, такрори қофия, истифодаи ҳадафманди ҳунарии ҳуруфи бенуқта бо таҳлили қиёсӣ собит сохтааст, ки ибтикороти ҳунари Бедилро дар таҳаввули сохтори ғазал таъйид менамояд.

Паҳлӯи дигари ҷолиби таҷрибаи таҳқиқи ин муҳаққиқ дар он аст, ки вай аз даричаи афкор ва андешаи адабии Бедил ба ҷанбаи ҳунарии ғазалиёти шоир нигариста, дар ин замина моҳияти афкори адабии ӯро дар шинохти шеър, бахусус ғазал муайян намудааст. Ин баҳсу баррасӣ аввалан агар бо мақсади ошкор кардани нигоҳи Бедил ба шеъру шоирӣ ва чигунагии тору пуди шеър анҷом гирифта бошад, сониян дарки моҳияти назари шоир оид ба шеъру шоирӣ ва санҷиши он дар оинаи ғазал имконияти амалиро дар роҳи дарк ва арзёбии масъала ба вуҷуд меоварад. Дар ин замина таъкиди муҳаққиқ бар ин аст, ки “зуҳури корномаҳои ҳунарӣ ва ибтикор дар ҳар навъи шеър, пеш аз ҳама, бар пояи маърифати асолату моҳияти худи шеър ва зарурати таҷаддуд дар шеваҳои эҷоди он арзи ҳастӣ мекунад, ки ин шинохту маърифат ва тасмимро дар тозакориҳо дар навбати аввал ҳамин дидгоҳҳо ва афкори

адабии муҷассам дар оинаи сурудҳои суханвар падидор меоварад” [92, с. 54].

Дар асоси ин андеша Н. Нурзод авомил ва роҳкорҳои таваҷҷуҳи Бедилро бар навҷӯиҳову ибтикороти ҳунарӣ ошкор ва арзёбӣ намудааст, ки дар шинохти ҷомеъи афкори адабии шоир қадами аввал ва пурмоя мебошад. Ин муҳаққиқ назари Бедилро дар боби сухан, тахайюл, шеър ва навъи офаринишгарии худи ӯ баён ва таҳлил кардаст, ки маҷмӯи афкори адабӣ ва назарии шеърии шоир низ ҳаст. Дар ин таҳлили қиёсии анҷомгирифта, маъонии ҷамолшиносии шоир беҳтар дарк мешавад, вале боиси таассуф аст, ки шабоҳати назарияи шеърии вай бо бутиқои сюреалистӣ, ки дар се қарни баъд дар Аврупо таҳаввул ёфта, муқоиса нашудааст. Агар ин кор сурат мегирифт шояд аз манзари ҷамолшиносии мудерни Бедил моҳияти бархе аз ҷидолҳо бар сари масъалаи маънӣ дар шеъри шоир ҳал мегардид.

Бо вуҷуди ин Н. Нурзод тавонистааст, ки дар заминаи таҷрибаи шоирии Бедил моҳияти ҳунари тасвиргарии ӯро ба сароҳат нишон диҳад. Дар ин замина ӯ барои равшан сохтани масъала бо такя ба шеъри Бедил баҳси “забони бедилӣ”-ро ба миён кашидааст, ки дар шинохти тарзи нигориш ва ҳунари тасвиргарии шоир аҳаммияти калидӣ дорад. Аз ҷумла ӯ ин масъаларо матраҳ карда навиштааст, ки “Корбурди ибораи “забони Бедилӣ” дар ин байт (манзур байти – Он чи килкам менигорад, маҳз ҳарфу савт нест, Ҳуш мебояд, ки дарёбад забони бедилӣ аст. – Шарҳи мо), воқеан, як диди наққошонаи шоирро ба шеъри худаш ошкор мекунад. Бедил ҳанӯз, қабл аз ин ки аҳли тазкира ва пажӯҳиш ба вуҷуди мактаби хосаи шеърии ӯ ё сабки бедилӣ ишорат кунанд, худ мавҷудият ва ҳузури ин забони махсусро таъкид намуда, ҳамин равиши истиқболкардааш, ки аслан, аз зеҳну андеша ва ибтикороти худи вай берун омадааст, барои ба таъбири шоир “хориҷи абнои ҷинс" гардидан омили муассир шуд. Бо такя ба ҳамин фармудаи Бедил дар густураи

сабки ҳиндӣ воқеан, мактаби махсусест, ки мутааллиқи худи ӯст ва ҳам акнун зарурате пеш омада, ки бояд бештару пештар шинохта шавад" [92, с. 54].

Дар рисолаи зикршуда бо такя ба ҳадафи ёдшуда Н. Нурзод муваффақ шудааст, ки рози “забони Бедилӣ” ва ҷанбаҳои ҳунарии таҷрибаи шеърии Бедилро барои мухотабонаш ошкор ва собит созад.

Ҳамин тавр, Н. Нурзод бо як таҳқиқи фарогири андешаҳои адабии Бедил ба чунин хулосаи муҳим меояд, ки ин суханвар “дар баробари ибтикороти тозаи ҳунарӣ, шеваи хоси баёни омил бар зуҳури мактаби Бедилӣ дар густурдаи сабки ҳиндӣ ва маҷмуан, адаби форсӣ Абулмаонӣ бо изҳори мулоҳизаҳои фардӣ назарияи тозаи худро роҷеъ ба шеъру шоирӣ баён намуда, чун як тан мутафаккир, шоир ва ҳакиму адиб асолати шеър ва рисолати шоирро дар арсаи замонаҳо аз рӯзгори хеш то садсолаҳои дигар бар пояи тафаккури мантиқӣ, фалсафӣ, ирфонӣ ва ҳунарӣ муқаррар сохтааст”[92, с. 58].

Масъалаи дигаре, ки Н. Нурзод дар ин тадқиқот баррасӣ кардааст, сабкшиносӣ ва поэтикаи забони ғазалиёти Бедил буда, ҷузъиёти он аз поэтикаи забони шеър, забони Бедилӣ, сарчашмаҳои зуҳур ва омилҳои интисоби печидагӯӣ бар он, вожаҳои хос ва маъниофариҳои Бедил (дар мисоли вожаи нафас), воситаҳои тасвирии бадеӣ дар ғазалиёт (дар мисоли коинот ва муаммо), вожасозӣ ва шеваҳои хоси таъбирофаринӣ, вожаҳову таркибҳо ва суннатҳои мардумӣ дар корбурди шоир ва шарҳу маънигузориҳои шоирона иборат буда, заминаи воқеиро барои шинохти хусусиятҳои ҳунарии тарзи нигориши шоир фароҳам овардааст.

Дар таҳқиқоти Н. Нурзод масъалаҳои тасвирсозӣ, шигардҳои маъниофарӣ, мазмунсозӣ, ғазали тасвирӣ, шеваҳои зуҳури он, тасвири табиат, тасвири парадоксӣ дар ғазалиёти Бедил, таассуроти поэтикии шоир аз суханварони гузашта Бедил ва Рудакӣ, чеҳраҳои асотирӣ ва паҳлавонии “Шоҳнома” дар девони шоир, Бедил ва Мавлонои Балхӣ,

таъсири вежагиҳои ҳунарии шеъри Толиби Омулӣ ба ашъори Бедил, таъсири поэтикаи Бедил ба суханварони адабиёти тоҷикии Фароруд (нимаи дувуми асри ҳаждаҳ то аввали асри бист), мактаби пайравони Бедил дар адабиёти тоҷикии Фароруд, таъсири Бедил ба шоирони давраи бозгаши адабӣ (дар мисоли ашъори яке аз пешгомони он-Сабоҳии Бедгулӣ) ва монанди инҳо таҳлил ва арзёбӣ шуда, моҳияти ҷустуҷӯҳои бадеии шоир, таъсирпазирии ҳунарии ӯ аз суханварони гузашта ва таъсири амалии Бедил ба ҳавзаҳои адабӣ ба таври амиқ қазоват шудааст, ки равиши тоза ва пурмояи таҳқиқ дар Бедилшиносии тоҷикии садсолаи охир буда, дар қатори масъалаҳои ёдшуда, муҳаққиқ вежагиҳои тарзи нигориш, хусусиятҳои забонӣ ва сабки Бедилро бо камоли диққат ва огоҳии комил мушаххас намудааст, ки низ далели арзишмандии ҷустуҷӯҳои ин донишманд мебошад.

Ба ин тартиб, дар заминаи муруре, ки анҷом гирифт, метавон ба ин натиҷа расид, ки аз оғози пайдоиши тадқиқотҳо доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Бедил масъалаи тарзи тасвир, забон ва сабки Бедил мавриди омӯзиши муҳаққиқони тоҷик қарор гирифта, дар замина ҷустуҷӯҳои судманди илмӣ ба сомон расидааст, ки қадами ҷиддие дар шинохт ва арзёбии мавзуи мавриди назар аст. Шинохти ин мавзуъ бо рисолаи устод Айнӣ "Мирзо Абдулқодири Бедил" шуруъ шуда, минбаъд дар заминаи ҷустуҷӯҳои Бобобек Раҳимӣ ва Нуралӣ Нуров таҳаввул меёбад ва дар доираи васеъ тарзи нигориш, вежагиҳои забон ва шеваи баёни шоир мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Тадқиқоти дар ин замина анҷомгирифта, бахусус таълифоти Б. Раҳимӣ ва Н. Нуров ҳарчанд нуқтаи ниҳоӣ дар ин самт набошанд ҳам, дар муайян ва мушахас сохтани ҳунари тасвиргарӣ, хусусиятҳои забонӣ ва сабки Бедилӣ ҳарфи пурарзиш ва бодалел мебошанд.

# БОБИ III. ТАЪСИРИ БЕДИЛ БА ШОИРОНИ МОВАРОУННАҲР ВА НАҚДУ БАРРАСИИ ОН ДАР АДАБИЁТШИНОСИИ ТОҶИК

## III. I Заминаҳои маърифатӣ ва ҳунарии нуфузи Бедил дар ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр

Баҳс дар боби ҳузури пойдор ва нуфузи маънавию адабии Мирзо Абдулқодири Бедил дар муҳити адабии Мовароуннаҳри нимаи дувуми садаи ҳаждаҳум, садаи нуздаҳум ва ибтидои садаи бистум масъалаи муҳими таърихи адабиёт ва адабиётшиносии тоҷик буда, таҳқиқи ҷомеи он ба шинохт ва ҳалли мушкилоти таъсирпазирӣ ва меросбарӣ мусоидат мекунад. Ин масъала дар Бедилшиносии тоҷик то ба имрӯз мавриди таҳқиқ ва арзёбии ҷудогона қарор нагирифта бошад ҳам, дар баъзе сарчашмаҳову мақолаҳо ва рисолаҳо паҳлуҳои ҷудогонаи он зери таъсири назарияҳои маъмули адабиётшиносии давр баррасӣ шудаанд, ки тарафҳои мусбӣ ҳам дораду манфӣ ҳам.

Ҳақиқат ин аст, ки вуҷуди марзбандиҳои салиқавию завқӣ ва ҳукуматӣ сокинони Мовароуннаҳр, бахусус марказҳои адабию фарҳангии ин минтақа-Самарқанду Бухоро дар замони мавриди назар ҳамчунон бо суннатҳои адабии пешин, ки аз даруни таҷрибаҳои шоирони қарнҳои нуҳуму даҳум ва ёздаҳум рушд карда буд, боқӣ мемонанд ва ҳамон чизеро ки мо имрӯз ба номи сабки ҳиндӣ мехонем идома додаанд. Аз ин ҷиҳат омили аслии қаринӣ  ва нуфузи Бедил ва пойдории ҳузури ӯ дар муҳити адабии Мовароуннаҳр ва зеҳнияти мардуми ин сарзамин реша дар асолати ҳунарӣ ва "ранги иқлимиву маҳаллӣ"-и таҷрибаҳои шеърӣ дорад, ки дар тули замон "бар шеъри иқлими дигар" [63, с. 395] нуфуз доштааст.

Мутаасифона, таъсири ҳамин омили "ранги иқлимиву маҳаллӣ"-и шеъри ноби форсии тоҷикӣ, ки нуфузи амиқи рӯҳиву завқӣ ва адабӣ ба

шеъри ҳавзаҳои дигар доштааст, ҳанӯз таҳқиқ ва арзёбӣ нашудааст. Ҳол он ки ҳодисаи собит шудани таъсири услубҳои шоирӣ ва нуфузи шоирони як минтақа бар дигар ҳавзаҳои адабӣ заминасози воқеии қаринӣ ва нуфузи шоири як ҳавза дар доираи адабии дигар аст. Ба ифодаи дигар, қаробат ба нуфузи Бедил ва сабку осораш дар муҳити адабии Мовароуннаҳр на фақат ба забон, балки ба "ранги иқлимиву маҳаллӣ"-и шеъри шоир ва андешаву ормонҳои ӯ низ сахт вобаста мебошад, ки реша дар тафаккури суннатии шоири бузург дорад.

Омили дигари таъсирпазирии шоирони Мовароуннаҳр ба ҷанбаи ҳунарии шеъри Бедил марбут мешавад, ки ҳанӯз Шиблии Нуъмонӣ дар "Шеър-ул-аҷам" ба тариқи зер ёдрас карда буд: "... Шумо он шуарои эрониро ба назар биёваред, ки аз Эрон ба Ҳинд рафта ва аз хаёлоту афкор ва обу ҳавои он ҷо мутаассир шудаанд, каломи онҳоро бо шуарои сокинони Эрон муқоиса кунед, фарқи мазбур ба таври махсусе ошкор мешавад. Он латофату назокат ва борикхаёливу рангинадой, ки дар каломи Урфӣ Назирӣ, Толиби Омулӣ, Калим, Қудсӣ ва Ғаззолӣ вуҷуд дорад, куҷо дар каломи Шифой ва Муҳташами Кошӣ ёфт мешавад ва ҳол он ки ин ҳар ду аз шоирони ҳамин асри мазбур ва зубдаи шуарои Эрон ва интихобшудаи дарбори салотин мебошанд" [93, с. 326]. Ин андешаи Шиблии Нуъмонӣ ба омили аслии таъсир ва нуфузи шеъри Бедил ишораи воқеӣ ва сареҳ дорад.

Дуктур Абдулҳусейни Заринкуб дар ёддоште бар шеъри Бедил навиштааст, ки "Шеъри вай таъсири жарф ва дар айни ҳол тира ва ҳузнангез бар хотир мегузорад ва аз ин ҳайс каломи вай ба рушноии маъобиди ҳиндувон мемонад, чаро ки чашмро дар нур ғарқ мекунад ва дилро дар тирагӣ. Мутолиаи девони вай ёдовари як роҳпаймоии тӯлонӣ дар тайи як рӯзи абролуд, аммо дар тули ҷодаҳои нопайдокарон ба назар меояд, лекин малоли ношӣ аз ин роҳпаймойии бетавақкуф ва носаранҷомро ҳамвора кашфи уфуқҳои тоза ва бархурд бо зебоиҳои

бесобиқа дар тӯли масири илҳомоти нодир ва камназир ҷуброн мекунад" [48, с. 44-45].

Аз шарҳу тавзеҳоте, ки Зарринкуб оид ба шеъри Бедил навишта омилҳои таъсиргузори ҳунари шоирии вай мушаххас аст. Он ҷо мегӯяд, ки "шеъри Бедил саршор аз тапиш ва эҳсос аст. Таровати ғайриодӣ, ки ёдовари гулҳои ваҳшӣ ва гиёҳони муаттар ва ношинохтаи кӯҳҳои Ҳимолой аст" аз бомаъноӣ, печидагӣ ва рангинии шеъри Бедил, ки муғойир бо суннати шеъри равшан ва маънодори форсӣ аст, ёдовар мешавад. Таъбирҳое мисли "нақши ғаробат", "тапиданҳои ҳаёт", сифатҳое монанди "мармуз, луғзгуна, оганда аз тасвир ва тахайюл ", "ифрот дар офариниши тасвирҳои хаёлӣ ва алоқаи зиёд аз ҳад ба ҷустуҷӯи мазмунҳои бесобиқа" ба навъе ҳамон меъёрҳои шеърӣ ва ҳунарӣ ҳастанд, ки наметавонистанд берун аз Ҳиндустон, бахусус муҳити адабию фарҳангии Мовароуннаҳр мавриди таваҷҷуҳи шоирони форсигӯ қарор нагиранд. Зарринкуб бо ин ки шеъри Бедилро бо сифати "таровати ғайриодӣ, шабоҳат ба гулҳои ваҳшӣ, печидагӣ ва ибҳом, ғаробат, мармуз будан, луғзгунагӣ, иштимол бар тасвирҳои захим" тасвир мекунад, аммо мавҷуд будани воқеияте аз эҳсос дар шеъри Бедилро низ таъкид мекунад.

Аз ҷумла, ӯ навиштааст, ки "Ҷӯшиш ва ҳаяҷони воқеӣ дар варои тасвирҳои рангин ва захим тахайюл низ ҳама ҷо пайдост ва хонанда эҳсос мекунад, ки дар варои ибҳом ва печидагӣ фикр ва баён воқеияте аз эҳсос ҳаст ва тоби мастурӣ надорад" [48, с. 48]. Ин суханони Зарринкуб ба омили аслии нуфузи ҳунарии Бедил дар Мовароуннаҳр ишораи сареҳ дорад, ки баъзе паҳлуҳои онро дар мисоли арзёбии таъсири шоир ба руҳия, завқ ва афкори адабии сокинони ин минтақа дар осори адибон ва донишмандон поёнтар аз назар мегузаронем.

Шафеии Кадканӣ низ дар муқаддимаи китоби "Шоири оинаҳо" ҷиҳатгирии завқи таносубмадорро нисбат ба шеъри Бедил бо равиши

илмӣ ва равшан баён кардааст. Ин донишманд ҳарчанд ҷанбаи ҳунарӣ ва лутфи шеърии Бедилро барои хонанда дастнорас медонад, аммо зебоиҳои шигифти онро ҳам нишон медиҳад ва таъкид мекунад, ки "шеъри Бедил меъмории ҷадиде аст бо ҳандасаи вежаи хеш" [61, с. 10].

Шафеии Кадканӣ ҳар ҷо ки хоста ба зебоиҳои шеъри Бедил ишора кунад, тасвирҳои ӯро нишон дода ва бо таъбирҳое монанди: "Масолеҳи саршор ва ғании хаёл", "тасвирҳое мутанаввеъ ва амиқ", "таркиботи зебо ва бофтҳои шоирона" [61, с. 30-32] ба ҷанбаҳои ҳунарии кори Бедил ишора мекунад.

Чунон ки ба назар расид, Абдулҳусейни Зарринкуб ва Шафеъии Кадканӣ бо он ки аз ҷиҳати ағроз ва маонии шеърӣ ва ҳам аз ҷанбаи зебоишиносии таносубмадор дасти рад бар синаи шеъри Бедил мезананд, аммо мунсифона танаввуъ, тозагӣ, умқи тасвир ва шигифтангезии хаёли ӯро таҳсин мекунанд, ин шигифтангезӣ ва ба таъбири худи Бедил "ҳайратоҳангӣ ва валвалаи шӯри қиёмат дар забон ва растохези калимот ва тасвир" бешабоҳат ба асосҳои бунёдии зебоишиносии мудерн нест. Шафеъии Кадканӣ лаззати ҳосил аз ин тарзро на лаззати интиқоли отифӣ ва маъноӣ, на лаззати ҳалли муаммо, балки лаззати "соиқаосои инқилоб дар забон" медонад, ки наметавон ба ин хулосаи ӯ розӣ шуд.

Дар асл агар таъсири ағрозу маонӣ дар ҳамбастагӣ бо "забон ва растохези калимот ва тасвир" ва "ранги иқлимӣ ва маҳаллӣ "-и тарзи нигориши Бедил намебуд, гумон аст, ки ӯ марзҳои маънавӣ ва ҳунарии минтақаи дигар, аз ҷумла Мовароуннаҳрро зери тасарруфи маънавӣ ва ҳунарии худ дарорад ва дар рӯҳия, зеҳният ва афкори адабии мардум ва аҳли ҳунари он нуфуз пайдо кунад.

Баъзе муаллифони китобҳои адабию таърихӣ ва ёддоштҳову рисолаҳои таҳқиқӣ маҳз ба омилҳои рӯҳию маънавӣ ва заминаҳои завқию адабии таъсири осори Бедил такя карда, моҳияти таъсир ва

нуфузи вайро дар муҳити адабию фарҳангии Мовароуннаҳр, аз ҷумла шаҳрҳои Бухорову Самарқанд муайян намудаанд. Осори Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ аввалин бор ин масъаларо дар Бедилшиносии тоҷик матраҳ кардаанд. Аз қазоватҳое, ки ин ду адиби бузург кардаанд бармеояд, ки ҳар ду ҳам омили руҳӣ ва заминаи завқию адабиро василаи асосии таъсирпазирӣ аз Бедил ва нуфузи ҳунарии вай дар муҳити адабии Мовароуннаҳр, аз ҷумла шаҳрҳои Самарқанду Бухоро ва водии Фарғона донистаанд.

Аҳмади Дониш ва устод Айнӣ омили аслии нуфузи Бедилро дар муҳити адабии Моварооуннаҳр коромадии паёми ҳунарӣ ва иҷтимоии таҷрибаи шеърӣ ва осори бадеии шоир ба ҳисоб овардаанд. Вақте андешаҳо ва ёдвораҳои Аҳмади Дониш ва Айниро дар якҷоягӣ таҳлил мекунем, маълум мешавад, ки воқеан ҳам муҳтавои ҳар шеъри Бедил дорои нуқтае ё чакидае аз андешаву оро ва фарҳанги мардум буда, қолаби он ки сохтори муносибе монанди вазну қофия ва ороиши бадеиро дар ихтиёр дорад, василаи муносиби нуқтаҳо ё чакидаҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ будааст.

Ҳам Аҳмади Дониш, ҳам Айнӣ омили дигар -хуб будан, мазмуну ғояи қавӣ ва қолаби маҳкам доштани шеъри Бедилро омили дигари афзоиши нуфузи вай донистанд. Имтиёзоти ҳиссӣ ва зебоишинохтӣ низ аз омилҳои қаринсозии мардум бо шеър ва дигар осори Бедил будааст, ки Аҳмади Дониш ва Айнӣ ба он таъкид варзидаанд. Ҳамчунин аз ишораҳои Дониш ва ёдвораҳои Айнӣ метавон ба ин натиҷа расид, ки эҳсоси шоирона ва зебоии ҳунарии бар чунин шеър ҳоким низ василаи муҳимми таъсирпазирӣ ва баҳрагирию эътиқодварзии мардум ва муҳити адабию фарҳангӣ бар Бедил ва шеъри ӯ ба шумор мерафтааст.

Аз таълифоти Аҳмади Дониш ва ёдвораҳои Айнӣ бармеояд, ки агар Дониш бештар ба ҷанбаҳои ҳунарӣ ва ахлоқии осори Бедил таваҷҷуҳ карда бошад, устод Айниро вобаста ба шароити замони

зиндагиаш  моҳияти руҳиву иҷтимоии осори ин шоири бузург гирифтор доштааст.

Ҳамчунон, ки донишманди фақид Расул Ҳодизода таъкид кардааст, дар шинохти воқеии чеҳраи асили шоирии Бедил "таъсир ва хидмати Аҳмади Дониш хеле калон буд. Аҳмади Дониш аз муътақидони ҷиддитарини эҷодиёти Бедил  ба шумор мерафт. Ӯ мазмуни бузурги асарҳои фалсафию сӯфиёнаи Бедилро ба хубӣ медонист, ғояҳои пешқадамонаи шоирро қадрдонӣ мекард, ба истеъдоди даҳои ӯ эҳтироми бузурге дошт" [145, с. 130].

Воқеан ҳам, агар мо ба навиштаҳои Аҳмади Дониш таваҷҷуҳ кунем дармеёбем, ки вай ба хубӣ мефаҳмид, ки сабку услуб ва ҳунари шоирие, ки Бедил дорад, махсуси тарзи нигориш ва мазмуну ғояи эҷодиёти ӯст. Вай мушоҳида мекард, ки аксари онҳое, ки ба Бедил пайравӣ мекунанд, моҳияти эҷодиёти шоирро дарк намекунанд ва бо ӯ кӯр-кӯрона тақлид мекунанд. Бинобар ин тафсирҳои Дониш аз ашъори Бедил ду ҳадаф дошт:

а) ба дӯстон ва алоқамандони содиқи осори Бедил фаҳмондани маънии байтҳои душворфаҳми шоир;

б) таъмини амнияти ҳунарии ҷараёни воридшавии Бедил  ба муҳити адабӣ.

Аз ин ин нуқтаи назар, ҳақ ба ҷониби Рустами Ваҳҳобниё (Рустами Ваҳҳобзода) аст, ки навиштааст: "Нуфузи Бедил дар фарҳанги тоҷикон чун хилқати ӯ хеле мураккабу мухталиф аст.  Ба фарз чун оби зеризаминиест, ки ҷо-ҷо бар рӯйи ин хок чашмаҳо аз он зоҳир шуда ва ҳар чашмае мунтаҳо ба уқёнуси нуҳуфта боз мегардад. Дур аз ҳақиқат нест агар бигӯем, ки ду нафар аз бузургтарин  ва ҷомеътарини мардони фарҳанги ҷадиди тоҷик  Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ беш аз тамоми бузургони  пешин аз Мирзо Бедил таъсирпазир будаанд ва ба

ҳар навъе иртиботи фикрӣ ва услубии (на услуби зоҳирӣ) онҳо бо Мирзо Бедил мушоҳида мешавад" [41, с. 28].

Аз осори Аҳмади Дониш ва "Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам"-у "Ёддоштҳо"-и Садриддини Айнӣ маълум аст, ки Бедил дар муҳити адабии Бухорои он сомон ва зеҳнияти ҳунаршиносии ин ду бузургвор меъёри беқиёси завқу адаб шумурда мешуд ва дар миёни аҳли адабу мардуми авом низ шуҳрати хосе дошт.

Бедил дар қатори Ҳофиз шоири истисноие буд, ки китоби шеъраш дар номгӯи кутуби дарсӣ дохил мешуд. Ҳатто аз анвои хатти форсӣ навъи махсусеро хатти Бедилӣ мегуфтанд, ки чун ашъораш меъёри саводи комил шумурда мешуд. Аз ин ҷиҳат таваҷҷуҳ ва фидокориҳои беш аз ҳамаи Аҳмади Дониш ва Садриддини Айнӣ ҳамчун восилу ҳомили таку танҳои фарҳанги қадим ба замони ҷадид, пеш аз ҳама, ҳадафи ҳифзи ҳувияти адабию фарҳангӣ ва нақшу ҷойгоҳи Бедил дар муҳити адабӣ буд.

Дар Бедилшиносии тоҷик нақши Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ дар ҳифз ва интиқоли мақоми муаззами ҳунарии Бедил аз замоне ба замоне мавриди таваҷҷуҳи донишмандоне мисли Р. Ҳодизода, С. Амирқулов, А. Абдуллоев, Ш. Шукуров, Р. Ваҳҳобниё ва чанди дигар қарор гирифта бошад ҳам, ҳануз кофӣ нест. Бинобар ин, дар матни таҳқиқоти анҷомгирифта баъзе паҳлуҳои норавшани дидгоҳҳои адабию завқии ин ду бузургмард мавриди таҳлил ва арзёбии мо қарор дошт.

Аҳмади Дониш дар нигоштаҳояш ҳамеша ба дарёфти маонии дақиқи осори Бедил таъкид варзидааст, ки ишора ба дарки моҳияти бадеии шеъри шоир аст. Аҳмади Дониш худ аз ҳамин роҳ ба шинохт ва арзёбии осори Бедил наздик шуда, дар эҷоди образҳои бадеии осораш аз тарзи идроки бадеии Бедил таъсир гирифтааст. Намунаи олии чунин таъсирпазирии огоҳона ва эҷодкорона аз тарафи Аҳмади Дониш дар офаридани образи Холмуҳаммади шикорчӣ аз таҷрибаи Бедил дар

нигориши образи Мулло Қаландар, бахусус аспро аз як сойи кӯҳистон бардошта гузаронидани ӯ истифода кардааст. Аҳмади Дониш таҷрибаи Бедилро таҳаммул карда эътимод мекунад, ки "дар бани навъи инсон амсоли инчунин зӯроварон ба ҳар давре ва қарне ба вуҷуд меомадаанд, аҷоиб қудрате доштаанд".

Дониш аввал аспро бардоштани Холмуҳаммадро "муболиға ва ифтиро" медонад, вале пас аз қиёс бо тасвири Бедил аз Мулло Қаландар ва тавсифоти шоир дар бораи хӯю хислати ӯ, ки аспро аз як сойи кӯҳистон бардошта мегузаронад, эътиқод мекунад. Тавсифоти Бедилро дар ҳаққи Мулло Қаландар Дониш ба ин зайл дармеёбад: "Мирзо Қаландар гоҳе ба риёзат низ машғул мешуд. Ҳафтаҳо мегузашт, ки аз хӯрдану пӯшидан парҳез мекард. Ба таъбири Бедил гӯям, чун бадри комил, ба хӯрдани паҳлуи худ мепардохт ва чун ранги ёқут, ба зулоли чашмаи ҷигар қаноат месохт. Чун пайкари хаёл ва чун соғари тасвир, на ба хӯрду хӯрокаш майли ихтилоте буду на ба обу ошомиданаш завқи иртиботе. Ба поси шеваи қаноат номи сарчашмаи Хуршед ба забон намебурд, то гумони обаш роҳи хушклабӣ назанад ва бо ҳифзи номуси бениёзӣ, муқобили оина намешуд, то хаёли нонаш ноштои тағофул нашиканад. Бо ин ҳама машқи худшиканӣ лаҳзае, чун мавҷ, аз тараддуд намеосуд ва ба монанди офтоб, ҳаракати доимиаш бетаваққуф буд" [108, с. 41].

Бардошти Аҳмади Дониш аз тарзи образофарии Бедил, дар мисоли ёдшуда огоҳона ва эҷодкорона буда, дар таъкид ва таъйиди ҳунари бадеии вуқӯънигории Бедил аст, ки дар он рӯзгор кам кас ба ин масъала диққат медод. Дар Бухорои он замон, ки ба қавли Аҳмади Дониш "мушоара ва муколамаи дарёфти маонии дақиқа билкул барҳам хӯрда буд, гоҳо ки мардуми маънирас ба ҳамдигар бармехӯрданд, имтиҳонан аз ҳамдигар чизе аз маонии байтҳо мепурсиданд, ба фикри он ки бинем, то чӣ мегӯяд. Бисёр буда, ки он чӣ масъулунанҳу (касе, ки ба ӯ суол дода

шудааст) гуфта намефаҳмиданд, аммо ба нифоқ саре меҷунбониданд ва иқболи бардурӯғ мекарданд. Аз ин ҷинс афозил он чи бо ман расиданду пурсиданд, ман он чи дар ҷавоб навиштам, баъзеро дар ин маҷмӯа даровардам, то мубтадиёни (оғозкунандагони) маъониҷӯйро дастуре бошад” [145, с. 131].

Воқеан ҳам дар ин марҳила шеъри Бедил нури чароғеро мемонд, ки торикиҳоро равшан мекард. Алоқамандони шеъри Бедил, аз ҷумла Аҳмади Дониш, ки дарёфта буданд, ки шеъри ӯ "аз такаллуфҳое, ки дар шеъри мутақаддимон аз тариқи улум ва таҷоруби аҳли мадраса ворид шуда буд "[47, с. 130], озод буда, имтиёзоти мушаххасе дорад. Нахуст шеъри Бедил таҷрибаҳои зиндагиро аз рӯзгори омма фаро мегирифт, дуввум забони шеър аз воқеият маншаъ дошт, савум ҳикмати зиндагӣ ва ирсолулмасал дар шеър нуфузи маънавӣ дошт, чорум шеър мазмуни тоза дошт, panҷум "изҳори таслим ва тамкини омехта бо номуродӣ, ки дар айни ҳол ношӣ аз имони қалбӣ ва қазову қадар буд", руҳи мардуми гирифторро ташдид мебахшид ва ниҳоят тарзи Бедил, ки бо усули ғайримаъмулӣ мазмуни тоза, афкор ва ҳаяҷонҳои худро тавонист баён кунад, гирифторони воқеӣ ва содиқи худро дар бузургтарин маркази адабию фарҳангии Мовароунаҳр пайдо кард. Аҳмади Дониш дар ин муҳит чароғдори роҳи дурусти дарки Бедил буд ва чунин муносибати ӯ "ба эҷодиёти Бедил нисбат ба бисёр шоирони пешқадами он давр бетаъсир намонд. Бинобар ин ҳам ин мавзуъ дар Бедилшиносии тоҷик бахусус дар шинохт ва баррасии аволими рӯҳӣ ва заминаҳои завқию адабии нуфузи Бедил дар муҳити адабии Бухоро, Самарқанд ва баъзе манотиқи дигари Осиёи Марказӣ, аз масъалаи асосӣ буд.

Баъзе паҳлуҳои ин мавзуъ дар таълифоти Р. Ҳодизода, А. Абдуллоев, С. Амирқулов, М. Қодирова ва Ш. Шукуров мувофиқи талаботи илми адабиётшиносии замони Шуравӣ баррасӣ шуда, моҳияти асосии саъю талоши Аҳмади Дониш гоҳе зери таъсири назарияи

"соданависӣ", ки "тақлид ба Бедил"-ро айби ҳунарӣ медонист, пурра ошкор ва саҳеҳ маънидод нашудааст.

Таълифоти Аҳмади Дониш баъзе паҳлуҳои афкори адабии ӯро доир ба Бедил ва мавқеи ҳунарии вай ошкор мекунад, ки ба тариқи зайл аст:

- назари ӯ ба сабки Бедил ва паҳлуҳои мусбату манфии он;

-омили аслии унвони баъзе бобҳои осори Аҳмади Дониш қарор гирифтани ашъори Бедил;

-мавқеи Аҳмади Дониш дар шинохт ва шарҳи мушкили Бедил;

-хидмати Аҳмади Дониш дар роҳи ба маҷрои судманд равона кардани таъсирпазирӣ аз Бедил ва тақвияти нуфузи вай дар муҳити адабӣ;

Аз таълифоти Аҳмади Дониш бармеояд, ки вай дар баъзе асарҳояш аз Бедил иқтибосҳо оварда, байту мисраъ ва ҷанбаи мавзуи образофарии вайро накд ва баррасӣ мекунад. Аз ҳар сатри Дониш эҳтирому ихлосаш ба Бедил ошкор аст. Дар ин замина моҳияти робитаҳои фалсафию иҷтимоии Бедил ва Аҳмади Дониш бозгӯи ҳусни назари вай ба Бедил мебошад.

Аҳмади Дониш бо осори Бедил ҳанӯз ҳангоми дар мадраса таҳсил карданаш ошно гардида буд. Дар ин боб худи Аҳмади Дониш ва нусхаи дастнависи институти шарқшиносии Санкт-Петербург гувоҳӣ медиҳад. Аз маъхазҳои боэътимод бармеояд, ки Аҳмади Дониш дар вақташ на фақат ба рубоиёт, балки ба байтҳои ҷудогонаи Бедил низ шарҳҳо навиштааст [160, с. 147].

Аз рӯйи маълумоте, ки Ш. Шукуров овардааст, дар қисми хотимаи "Наводир-ул-вақоеъ" Аҳмади Дониш зери сарлавҳаи "Дар таҳрири маонии баъзе абёт, ки афозили аср истифода намуда буданд", баъзе байтҳои Бедилро шарҳ додааст. Вай сабаби ба шарҳи ашъори Бедил пардохтанашро ба воқеияти дар замони ӯ барҳам хӯрдани "мушоираву

муколама" алоқаманд дониста, ин кори худро "дастуре" барои "мубтадиёни маониҷӯй" унвон мекунад [145, с. 131] ва дар замина шаш байти шоирро шарҳ медиҳад. Аҳмади Дониш дар ин шарҳ бо истифода аз калимаву ибороти хоси тасаввуф маънии шеъри шоирро ба хонанда баён медорад, ки ба наҳве роҳнамой дар шинохт ва бознамудани роҳи вуруди вай ба муҳити адабию фарҳангии Мовароунаҳр аст.

Барои таъйиди иқдоми адабпарваронаи Дониш намунаи шарҳу таҳлили ӯро аз баъзе байтҳои Бедил нақл мекунем. Дониш байти зерро иқтибос карда:

Суҷуди хоки роҳат, гар ҳаво ҷӯшонад аз сарҳо,

Тапидан маҳмили дарё кашад дар дӯш гавҳарҳо- [145, с. 132],

сипас менависад, ки "Маънии мантиқӣ он ки агар аз сарҳо ҳаво ва орзуи саҷдаи хоки роҳи ту ҷӯш занад ва ин ҷӯш бе тапидан намешавад ва таровиш лозими тапишу ҷӯшиш аст. Ва он киноя аз оби чашм аст, ки дар ёди маҳбуб рехта мешавад. Пас дарё ҳама ба дӯши гавҳар меравад ва бар рӯи гавҳар медавад. Яъне мунтаҷӣ самару натиҷа бувад, ки тақаррубу васли маҳбуб бошад. Ва гавҳар иборат аз вусул ба мурод бувад, лекин чун саҷдаҳову сарҳо, ки беҳавову муҳаббат аст, агар аз вай тапишу ҷӯшиш ояд, на барои дӯст, оби вай аз рӯи хок меравад бесамару бефоида" [160, с.148].

Аҳмади Дониш бо ин шарҳи комил, пеш аз ҳама, дараҷаи баланди ҷазаба ва асари ғазали тасаввуфиро, ки дарунмояи он аз ишқи ҳақиқӣ ба ҳам омадааст, менамояд. Тамоми ин воридоту ҷазаботро, ки мавзуи оми шоирӣ низ ҳаст, Дониш аз забони тасаввуф буруз медиҳад ва ба ин васила нерӯ ва ҷӯши онро менамояд. Дар идомаи ин баҳс Аҳмади Дониш байти -

Хаёли қурбу ғафлати дурии унс аст маҳрамро,

Табассумҳои гандум чини домон гашт одамро-ро [145, с. 149]

иқтибос карда менависад: "Яъне тасаввури қурби дӯст ва бори ғафлат варзидан касеро, ки маҳрами ҳарами маҳбуб бувад, аз ҳарами мувосилат ва мувонасат дур меафканад ва мардуду маҳҷур мегардонад... Нашунидӣ, ки "табассуми гандум" кушодагии чеҳраи гандум ва илтифоти Одам алайҳиссалом бад-ӯ бо вуҷуди минҳиюн анҳу будан сабаби барзадагии доман [омодагӣ]-и вай шуд барои ҳубут [берун шудан] аз биҳишт" [160, с. 148].

Аҳмади Дониш бо ин тафсир масъалаи иртиботи наздики тасаввуф бо ахлоқро ба миён мегузорад ва таҷрибаи шоирии сӯфиёнаи Бедилро дохили қисмати ахлоқи шоирӣ мегардонад, ки яке аз василаҳои эҳёи ҳофизаи иҷтимоӣ дар шеъри Бедил мебошад ва омили тақвияти ҳузури шоир дар муҳити адабӣ низ мегардад.

Аҳмади Дониш байти дигари Бедил-

Ҳаё мехоҳад аз мо нозукандоме, ки аз шармаш

Ду олам чашм пӯшад, то шавад як ҷомавори ӯ [160, с. 147].

-ро иқтибос карда, дар шарҳи он меафзояд: "Яъне маҳбуби нозукандоме, ки агар аз шарми ӯ ду олам чашм пӯшанду фонӣ шаванд ба қадри як либосвор, яъне як навъ шабаҳе ба зуҳур дарояд ва боз ҳақиқати зот номакшуфу номаълум бошад, аз мо ҳаё мехоҳад, ки шарм дору толиби дидори мо мебош. Агар хоҳӣ, ки моро бинӣ аз худии худ чашм пӯшу фонӣ шав, ки чашми зоҳир тоби дидори мо надорад..." [160, с. 147].

Адабиётшинос Ш. Шукуров маънии ин шарҳро бо тариқи зер баён кардааст: ривояте мавҷуд аст, ки фардо рӯзи қиёмат бандагон аз Худо илтиҷо мекунанд, ки дидори худро ба онҳо нишон диҳад, то бубинанд, ки офаридгори онҳо чигуна аст ва Худованд рӯйи худро дар як муддати кӯтоҳ кушода ба бандагонаш дидори хешро нишон медиҳад. Ин ба монанди як шабаҳе мешудааст, аммо аз равшании дидори Худованд чашми ҳама тоби нигоҳ наоварда пӯшида мешудааст.

Аҳмади Дониш байтро маънидод карда мегӯяд, ки маҳбуби нозукандоме, ки мардуми ду олам аз шарми ӯ, яъне аз нигоҳ-тобиши нури ӯ чашм мепӯшанд, дар ҳамин лаҳза ба назари онҳо як либосвор- як нури ҳарир намудор мешавад ва зоти ӯ ҳамон тавр номаълуму кашфнашуда мемонад ва ӯ мехоҳад, ки бандагонаш шарм доранду толиби дидори ӯ набошанд, агар ӯро дидан хоҳанд, чашм пӯшида, аз худии худ фонӣ шаванд-ӯро хаёлан тасаввур карда, аз худ берун раванд, зеро чашми одӣ тоқати дидори Худованд надорад.

Ривояти дигаре ҳаст, ки вақте таҷаллии ӯ ба кӯҳи Қоф афтод, кӯҳ пора-пора шуд, аз ҳамин сабаб дарёфти ҷамоли Худованд "муҳоли сирф аст" гӯён Дониш шарҳи байтро ба охир мерасонад. Ба маънии дигар Дониш дар асоси андешаи тасаввуфии Бедил ба чунин хулоса меояд, ки аз ҳақиқати Худо абадан наметавон дам зад. Ин андеша такя бар ин нуқта дорад, ки "Ҳаким ва мутакаллим муддаии донистани Худо ва сифоти Худоянд, лекин дар назди ориф Худо ҳамон аст, ки натавон бо илм пайдо кард, балки он чи фавқи ақлу фаҳм ва хаёлу тасаввур аст, ҳамон Худо мебошад" [93, с. 540].

Дар боби мавқеи Аҳмади Дониш дар он рӯзгор Ш. Шукуров навиштааст, ки "ҳарчанд дарёфтани фикри ашъори Бедил осон набошад ҳам, аз замони зиндагии Бедил то рӯзгори мо дар байни аҳли илму адаб ашхоси соҳибзавқ буданду ҳастанд, ки Бедил ва ашъори ӯро мефаҳмиданд. Аҳмади Дониш аз чунин касон буд. Ӯ натанҳо Бедилро мехонду мефаҳмид, асарҳояшро хушнависӣ мекард, балки ба ашъори ӯ шарҳҳо менавишт. Ин, аз як тараф ниёз ва эҳтиёҷи замон бошад, аз сӯи дигар мутафаккири бузург мехост аҳли илму хирад таълифоти Бедилро дуруст фаҳманд ва мазмунҳои олии ашъори ӯро нодуруст шарҳу маънидод накунанд" [160, с. 150].

Аҳмади Дониш дар баробари маънидод ва раҳнамоии муосиронаш ба фаҳму дарёфти "сайри фикри Абулмаонӣ" барои таъйиди назараш

оиди ягон масъала аз Бедил мисол меовард ва байтҳо ё пораҳои шеъри шоирро барои тасдиқи андешаи худ ба кор мегирифт. Чунончӣ, дар боби "Дар иллати накбати уқало ва сабаби давлати суфаҳо" аз гирифториҳову хору залилиҳои аҳли маънӣ дар ҳамаи давру замонҳо сухан карда, агар ба ҷоҳу мансаб расанд ҳаловат надида ба балову одат гирифтор шудани онҳоро бо зикри байти зери Бедил таъйид мекунад:

Раҳой нест равшантинатонро аз сияҳбахтӣ,

Ки нуру сояро натвон бо теғ аз ҳам ҷудо кардан [160, с. 149].

Чунонки ба назар мерасад, худи Аҳмади Дониш, ки бо таълифоти иҷтимоъгарояш фисқу фуҷури аморати Бухоро ва ҳокимони вақтро фош сохта буд, дар шарҳи Бедил ва корбурди шеъри ӯ мабдаи иҷтимоиву инсонии онро фурӯ нагузоштааст. Масалан, дар "Ҳикояти Абулқосимбӣ ва  сафари Руссия" зикр мекунад, ки дар Фетербурх онҳоро ба маҷлисе даъват мекунанд ва ҳангоми вуруд ба бинои маҷлис мутарҷим сари вақт намерасад. Ҳайати сафорати давлати Бухоро куҷо рафтанашонро надониста, бешуурона қадам мениҳоданд ва моҳрӯёне, ки дар ин маҷлис буданд, ғулҳои саҳроиро тела дода, аз худ дур мекарданд, то домани аз барги гул нозуки мавзунқоматонро "бо қадамҳои нуҳусаттавъами худ” мукаддару гардолуд нагардонанд. Барои муҷассам сохтани ин вазъ Аҳмади Дониш байти зерини Бедилро –

Зи дашти бехудӣ меоям, аз вазъи адаб дурам,

Ҷунуне гар кунам, эй шаҳриёни қудс, маъзурам [160, с. 149].

- бо каме тағйир меоварад, ки марбут мешавад ба вазъи мушаххасе, ки шоҳид ва мусаввираш худи Аҳмади Дониш аст. Байт:

Зи дашти Турк меоему аз вазъи адаб дурем,

Ҷунуне гар кунем, эй шаҳриёни ҳусн, маъзурем [160, с. 149].

Аҳмади Дониш дар мавридҳое, ки оид ба шеър ва пешаи шоирӣ сухан мекунад, барои тасдиқ ва таъкиди андешааш аз шеъри Бедил мисол меоварад, ки ин гувоҳи садоқати маънавӣ ба Абулмаонӣ аст. Аз

ҷумла дар боби "Дар васоёи фарзандон ва баёни ҳақиқати касбу пешаҳо" оид ба ҳунари шоирӣ сухан ронда, дар охир аз шеъри Бедил мисол меорад. Ӯ менависад: "Дигар пеша, ки аҳли қаламро бад-он мубоҳоту ифтихор ояд ва маншаи тафаввуқу тафаззул [бартариву афзалият] гардад, муқовалаи ашъори мавзун ва гуфтани шеърҳои бомазмун бошад. Ва алҳақ шеър кардану гуфтан хислате ҳамида ва санъате писандида аст, агар муҳтавӣ бувад бар ҳамду наът ва сифати аҳли ҳақ ва мавъизаву насиҳат ва агар муштамил бувад бар фуҳуш ва лағву ҳиҷо ва мадҳи ағниёву умаро бад хислатест ва номаҳдуд сифате, чунон ки Абдулмаонӣ гуфтааст:

Эй басо маънии равшан, ки зи ҳирси шуаро,
Хоки ҷавлонгаҳи асбу хари аҳли ҷоҳ аст.
В-эй басо нусха, ки дар мактаби ташвиши тамаъ,
Русиёҳи абад аз мадҳи амиру шоҳ аст...[160, с. 149].

Аҳмади Дониш дар бисёр мавридҳо бо мақсади таъкиди андешаи бадеиаш, ки моҳияти иҷтимоӣ дорад, аз Бедил мисол меоварад. Масалан, вақте ки оид ба таълиму тарбия ва савияи он дар мадраса ва аҳволи мударрисони он сухан мекунад, аз "Чаҳор унсур"-и Бедил пораи калонеро иқтибос меоварад, ки дар он моҷарои ду мударриси мадраса, ки сабаби манъ кардани Бедил ба мактабравӣ шуда буданд, нақл карда мешавад. Ин танҳо иқтибос ва нақли одӣ нест, балки таъйиди ҳақиқат ба воситаи шоҳид ва такя ба моҳияти иҷтимоии андешаи Бедил аст, ки арзишаш дар замони Аҳмади Дониш ва ҳанӯз ҳам барҷост.

Аз таълифоти Аҳмади Дониш бармеояд, ки вай дар дафтарҳои мусаввараи худ байту рубоӣ ва қитъаҳои ҷудогонаи Бедилро ба ҷойи унвони боб ва фаслҳо ба кор бурдааст ва ин байту рубоӣ ва қитъаҳо ё бевосита ба мазмун ва мундариҷаи бобу фасл ишора мекунанд ё андешаи Бедилро тақвият мебахшанд. Масалан вай аввал рубоии-

Бедил, ба ҳусули ризқ омода ба сар,

Саг тобеи саг нашуд, хар тобеи хар.

Аз мухтареъоти коргоҳи имкон,

Ин нанги шуур нест ҷуз сунъи башар. -

-ро зикр ва шарҳ дода, сипас андешаи худро марбут ба ин масъалаи иҷтимоиву ахлоқӣ ба тариқи зайл баён кардааст: “бас дар дунё касе азизу саодатманд бувад, ки ваҷҳи маоши худ аз дастранҷи хеш мураттаб ва омода дорад ва ҳирфаю пеша медонад, ки кифофи маоши явмияи ӯ мекунад бе зулму тамаъ” [160, с. 150].

Нависанда ва донишманди фақид Сотим Улуғзода дар рисолаи “Аҳмади Дониш” (1945) меҳмонхонаи Аҳмади Донишро маркази таҷаммуъи “ителигенсияи аз замон норозӣ” дониста, дар ҳамин ҷо дар боби осори Бедил ва моҳияти он суҳбат оростани Абдулмаҷиди Зуфунун, Мулло Кароматӣ Дилкаш, Шамсиддин Махдуми Шоҳин, Ҳоҷӣ Азими Шаръӣ, Мирзо Ҳаит Саҳбо, Мирзо Азими Сомӣ ва Савдоро ба шуҳрат ва нуфузи маънавии шоир алоқаманд кардааст. Ин санад низ гувоҳи дар муҳити адабии Бухорои он рӯзгор мавқеи ҳунарӣ ва маънавӣ доштани Абулмаонӣ мебошад [133, с. 83].

Дар шинохти аволими руҳӣ ва заминаҳои завқиву бадеии таъсир ва нуфузи Бедил дар муҳити зиндагӣ ва адабии Мовароуннаҳри садаи нуздаҳ ва ибтидои асри бист осори бадеӣ ва илмии устод Айнӣ сарчашмаи бебадал аст. Нахустин иттилоъро дар ин бора мактуби Айнӣ ба шарикдарси мадрасагиаш Олимҷон Идрисии тотор ба мо медиҳад. Ин мактуб ба он далолат мекунад, ки Айнӣ аз овони ҷавонӣ ҷиддан ба омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Бедил машғул будааст ва ба ҷо овардани хоҳиши Олимҷон Идрисӣ ва фиристодани маълумоти тарҷумаиҳолӣ оид ба Бедил ба ӯ низ гувоҳи талоши аҳли адаб дар шинохти саҳеҳи шоир на фақат дар муҳити адабии Мовароуннаҳр, балки берун аз он низ мебошад. Мақолаи Идрисӣ ва нашри маълумоти Айнӣ дар маҷаллаи “Шӯро”-и Уфа (1912) ба он далолат мекунад, ки дар ибтидои асри бист

эҷодиёти Бедил диққати рӯшанфикрони халқҳои дигарро низ ба худ кашида, дар матбуоти туркзабон доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Абулмаонӣ мақолаҳо ба чоп расидааст [38, с. 224-232].

Нуктаи муҳимми дигаре, ки дар мактуби Айнӣ ба Идрисӣ омадааст, ин таъкиди мавқеияти ахлоқиву ҳунарии Бедил дар он рӯзгор аст, ки далели нуфузи завқиву адабии шоир низ мебошад. Айнӣ дар ин навишта ҷанбаҳои муҳимми зиндагиномаи Бедилро зикр карда, сари чанд нукта таъкид меварзад. Аз ҷумла, ҳангоми хидмат дар дарбори Муҳаммад Аъзами шоҳзода хости ӯро дар бораи навиштани мадҳия рад карда, тамаллуқ ва маддоҳиро написандидан ва аз хидмати шоҳзода истеъфо додани шоирро зикр мекунад. Айнӣ дар тавзеҳу тавҷеҳи хулқиёти Бедил муҳимтарин фазилатҳои ахлоқии ӯро бо истинод ба шеърҳо ва воқеиятҳои сарнавишташ таъйид мекунад, ки қаноатмандии шоири бузург аз ҷумлаи он аст:

Дунё агар диҳанд, нахезам зи ҷойи хеш,
Ман бастаам ҳинои қаноат ба пойи хеш [38, с. 230].

Пайванди маънавӣ ва нуфузи ҳунарии Бедилро дар муҳити адабии он рӯзгор ва арзёбии масъалаи таъсирпазирии баъзе шоирони доираи адабии Бухорою Самарқанд ва Хуҷанду Фарғона, аз ҷумла Тошхоҷа Асирии Хуҷандӣ [35, с. 107-112 ], Исо Махдуми Муфтии Бухорӣ [35, с. 213-218], Касрати Фарғонӣ [35, с. 233], Ҳоҷӣ Саидаҳмадхоҷа Сиддиқии Аҷзии Самарқандӣ [35, с. 281], Муҳаммад нақибхони Туғрали Аҳрории Фалғарӣ [35, с. 209] ва баъзеи дигарро Айнӣ дар тазкираи “Намунаи адабиёти тоҷик” баррасӣ кардааст.

Масъалаи пайванди маънавӣ ва нуфузи ҳунарии Бедилро дар Осиёи Миёна Айнӣ дар рисолаи “Мирзо Абудлқодири Бедил” (1926) низ матраҳ карда, аз ҷумла навишта буд, ки “Бедил дар байни оммаи халқи Осиёи Миёна, хусусан дар байни тоҷикон ва ӯзбекон шуҳрати калон

дорад. Аз вақте ки нусхаи дастнависи асарҳои ӯ ба ин сарзамин омадааст, мунтахаби ғазалиёт ва рубоиёташ ба мактабҳои ибтидоии куҳна даромадааст. Дар мактабҳои куҳна баъд аз “Қуръон” ва дарсҳои динӣ аз адабиёти тоҷикӣ якум Хоҷа Ҳофиз, дуюм Мирзо Бедилро мехононданд. Мунтахаби девони Бедилро дар мактабҳо бо расми хатти худаш-бо хатти шикасти Бедилӣ хононда шогирдонро ба хонда тавонистани он гуна хат водор мекарданд. Дар мадрасаҳои Бухоро, Самарқанд ва Хуҷанд аз ҳаваскорони Бедилдӯст давраҳои алоҳида ташкил карда ва дар атрофи ягон бадилшинос ғун шуда, дар шабҳои таътил Бедилхонӣ мекарданд. Дар Хуҷанд ҳатто дар чойхонаҳо, куллиёт ё девони ғазалиёти Бедил ёфт мешуд, ки босаводони Бедилдӯст дар давраи чойнӯшӣ Бедилхонӣ мекарданд ва бесаводон ба онҳо гӯш дода ба қадри фаҳмашон фоида мебурданд” [34, с. 116].

Устод Айнӣ ҳатто дар китоби “Мирзо Абдулқодири Бедил” ҳамон ғазалҳои Бедилро интихоб кардааст, ки дар он рӯзгор ҳофизони халқӣ месуруданд “ва ба воситаи онҳо дар хотири омма нақш бастаанд” [34, с. 117]. Ин санад низ дар таъйиди мавқеияти Бедил дар муҳиди адабию фарҳангии тоҷикон аст.

Сарчашмаҳои дигаре, ки аволими руҳӣ ва заминаҳои завқию адабии мақом ва ҷойгоҳи Бедилро дар муҳити адабию фарҳангии Бухорои он рӯзгор таъйин мекунад, асарҳои устод Айнӣ “Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам” ва “Ёддоштҳо” мебошад. Айнӣ ба воситаи баъзе лавҳаҳое, ки дар ин асарҳо навиштааст, тавонистааст, ки омилҳои асосии қаринӣ ва нуфузи Бедилро дар зиндагии худаш, хонавода, мардум ва муҳити адабию фарҳангӣ нишон диҳад.

Он чи ки аз хилоли ёдвораҳои Айнӣ метавон дарёфт кард, таъкиди нуфузи шеър дар зиндагии мардуми Бухоро буда, аз қишрҳои табақоти ҷомеа-деҳқонону заҳматкашон гирифта, то амирону муллоён ва

мударрисону толибилмонро фаро гирифтааст. Дар замина Айнӣ бо тасвирҳои ёддоштӣ нуфузи Бедил ва шеъри ӯро дар зиндагии оммаи мардуми он муҳит ва толибилмон нишон дода, “дар пеши бибихалифа [мактаби занона]... чанд ҷузъ аз Бедил... хонда, дар даҳсолагӣ мактабро тамом” карданашро ба ёд меоварад [1, с. 10].

Дар “Ёддоштҳо” Айнӣ муколамаи ду танро ба сурати зайл тасвир кардааст: “Яҳёхоҷа (яке аз уқалои маҷонин) як сукут карда ба ӯ (Хоҷаи Тин: яке аз сарватмандони он давра) суол дод:

- Хоҷаи Тин Шумо савод доред?
- Кам-кам хонда ва навишта метавонам...
- Бедилро хондаед?
- Дар мактаб хонда будам.
- Маънии шеърҳои Бедилро мефаҳмад? Нафаҳмед, агар мурда бошад, марҳум ва агар зинда бошад малъун, домуллои мактабамон ҳам Бедилро намефаҳмид. Аммо Бедил шеърҳои ҳамафаҳм ҳам дорад. Шумо онҳоро надидаед ё дида бошед ҳам, худро нодида мешуморед: чунки он гуна шеърҳои Бедил ба шумо зарар мекунад.”

Яҳёхоҷа сонияе сукут карда, боз давом намуд:

Бедил дар яке аз шеърҳои оммафаҳмаш гуфтааст:

Кисаи ҳеҷ кас надид пурӣ,<br>То накард иртикоби кисабурӣ [2, с. 110].

Ва шеъри Бедил аз ин марҳилаи дар мактаб хондан низ фаротар рафта ва ҷойи таронаҳои омиёна ва шеърҳоеро, ки заҳматкашон ва деҳқонон ба ҳангоми кор бо худ замзама мекунанд, гирифтааст. Айнӣ ин равиши таъсир ва нуфузи шеъри Бедилро зимни воқеае, ки дар он аз марги падару модараш сухан меравад, ёдрас мекунад: “Орзу мекардам, ки коре шуда ҳамаи ин ғаму кулфатҳо, ҳарчанд якчанд дақиқа ҳам бошад, аз ёдам барояд ва ман ҳам андаке рӯйи осоишро бинам ва бо хоҳиши ин орзу байти зерини як ғазали Бедилро, ки падарам дар ин гуна

мавридҳо бисёр мехонд, ба ёд овардам ва бо овози пасти ҳазин замзама кардан гирифтам:

Эй фаромӯшӣ, куҷоӣ, то ба фарёдам расӣ,

Боз андӯҳи дили ғампарварам омад ба ёд! [2, с. 112].

Дар ин вақт суруди ҷуфтронон шунида шуда, маро ба худ машғул кард.

Ҷуфтронони райони Ғиждувон одатан дар шабҳои тобистон дар соати 10-и шаб гов баста кор сар мекарданд ва заминро пеш аз баромадани офтоб дандонаву мола карда намашро тамоман дар худаш нигоҳ медоштанд- аз хушкондани партави офтоб эмин мекарданд; дар шабҳои дарози тирамоҳ бошад, баъд аз нимаи шаб кор сар карда бо ҳамон мақсад пеш аз тулуи офтоб корашро тамом менамуданд. Дар ин гуна вақтҳо ягона тасаллибахши он ҷуфтронон, ки бо маҷбурияти зиндагӣ хоби ширинро тарк карда, дар шаби тор кор мекарданд, сурудхонӣ буд.

Бештарини деҳқонони райони Ғиждувон ва Вобканд сурудхон ва шашмақомдон буданд. Онҳо бо вуҷуди бесаводӣ, шашмақомро бо ғазалҳои классикӣ аз падару бобоҳошон даҳан ба даҳан омӯхта буданд... Зотан, шашмақом хеле ҳузнангез буда, ҳақиқатан тарҷумони аҳволи онрӯзаи меҳнаткашон ва аз ин ҷумла деҳқонон буд. Ҳарчанд дар фуроварди ҳар як ҳавои шашмақом тарона ва уфарҳои хеле шӯхи шӯрангез бошанд ҳам, инҳо махсуси базмҳои хонагии рақсдор буда, ҷуфтронон ба асл ва асоси ҳавоҳои шашмақом, ки ба ҳоли худашон мувофиқ буд, қаноат мекарданд.

Ҷуфтроне, ки дуртар аз хирмангоҳи ман замин меронд, дар ҳавои савти ушшоқ, ки вайро савти калон ҳам мегӯянд, як ғазали Бедилро сар карда ва дар авҷи он ҳаво ҷуфтрони дигар, ки дуртар аз вай кор мекард, ба ӯ ёрӣ дод. Ман бо шунидани он ғазал дар он суруд, бе он ки овозе барорам, дарун-дарун гириста дили мусибатманзили худро қадаре холӣ

кардам ва дар ин ҷо ба тарзи намуна нақл кардани се байти он ғазалеро, ки ба аҳволи оншабаи худам хеле мувофиқ буд, муносиб дидам:

Далели корвони ашкам, оҳи сардро монам,
Асарпарварди доғам, ҳарфи соҳибдардро монам.
Рафиқи ваҳшати ман ғайри доғи дил намебошад,
Дар ин ғурбатсаро хуршеди танҳогардро монам...
Фалак умрест дур аз дӯстон медорадам, Бедил,
Ба рӯйи сафҳаи офоқ байти фардро монам [2, с. 178].

Ба ҳамин тариқа сурудхонии ҷуфтронон дар он ёбони ором то поёни шаб давом намуд ва вақте ки рӯз сафед шуд, онҳо хомӯш монданд ва рафиқонам бедор гардида, маро ба тарафи худ машғул карданд ” [2, с. 178-180].

Ин пора аз ёддошти Айнӣ, ки зиёдтар иқтибос шуд, тасаллӣ бахшидани хеш бо замзамаи шеъри Бедил буда, вуруди шоирро ба муҳити зиндагии мардум собит мекунад, Айнӣ дар идома байти дигари Бедил-

Зиндагӣ дар гардан афтодаст, Бедил, чора чист,
Шод бояд зистан, ношод бояд зистан. -

-ро иқтибос карда меафзояд, ки “ва худро бо ин байти Бедил, ки ҳамон вақтҳо забонзадаи ҳамаи аз дунё дилтангшудагон буд, тасаллӣ медодам”[2, с. 166].

Устод Айнӣ ёдвораеро дар бораи Ҳоҷӣ Абдулазиз ва аз ҷониби ӯ сурудани ғазали Бедил бо радифи – ноз (Чашми масташ айни ноз, абрӯи мушкин нози маҳз, Ин чӣ туфон аст, ё раб, ноз бар болои ноз)-ро низ ҳамчун нишонаи дар аъмоқи зиндагию завқи адабии мардум ҷойгоҳ пайдо кардани шеъри Бедил ёд мекунад. Нақли дигари устод доир ба маъракаи Бедилхонӣ дар Соктаре ва Бедилхонии муллои Дарвозӣ низ дар таъкиди нуфузи адабӣ ва фарҳангии Бедил дар зиндагию руҳу завқи

мардуми он рӯзгор ва муҳити адабию фарҳангии Мовароуннаҳр мебошад.

Ба шаҳодати Айнӣ аҳолии он рӯзгор дар мушоираҳо ё худ байтбаракҳояшон низ шеъри Бедилро бисёр мехонданд. Зиёда аз ин, ҳамчунон ки Айнӣ мегӯяд, бисёре аз зиёиёни он сомон "ҷиҳатҳои пешқадамонаи Мирзо Бедилро дар худ таҷассум" карда буданд. Масалан, Айнӣ дар симои Яҳёхоҷа "инкишофи нуқтаи назари Бедилфаҳмии зиёиёни пешқадами асри XIX-ро ба таври бадеӣ нишон додааст" [37, с. 144].

Тасвири босароҳати Айнӣ аз амал ва кирдори Яҳёхоҷа, ки дар боло нақл карда шуд, далели таъсир ва нуфузи мазмунҳои иҷтимоии шеъри Бедил ба мардум дар мисоли Яҳёхоҷа аст. Хитоби Яҳёхоҷа ба тоҷир Ҷӯрабек Арабов ва Мулло Ботурхон, зикри рубоиёти Бедил аз забони Мулло Амон низ мавқеияти ин шоирро дар муҳит ва зеҳниёти мардум нишон медиҳад. Ба ин тартиб, дар заминаи таҳлили анҷомгирифта метавон ба ин натиҷа расид, ки робита ва таъсири шеъри Бедил ба мардум ва муҳити адабию фарҳангии Мовароуннаҳр дар тӯли замон мустақил ва натиҷааш судманд будааст.

Нақш ва ҷойгоҳи Абдулқодири Бедил дар аъмоқи зиндагию завқи адабии мардуми Мовароуннаҳр ва сарнавишти баъзе шоирони садаи XIX ва ибтидои асри бисти Мовароуннаҳр тадқиқоти ҷудогонаи ҷомеъро хостор аст. Дар ин фасл мо имкони ҳалли пурраи ин масъаларо надорем. Вале дар заминаи он чи гуфта шуд метавон афзуд, ки авомили рӯҳӣ ва завқию адабӣ, таъсири он ба рӯҳия ва зиндагии мардум, бардошти шоирони ин манотиқ аз ҳунар ва андеши ин шоири бузург ҳодисаи тасодуфӣ набуд. Аз Донишу Садри Сарир сар карда, то Нақибхони Туғрал, ки худро "аз табори Бедил" мегуфт, шоирони ин хитта муқаллиди ноогоҳи Абулмаонӣ набуданд. Шахсияти инсонӣ ва ҳунарии Бедил ва арзиши иҷтимоиву осори ӯ омилҳои асосии бардошти

маънавии сокинони ин минтақа ва усули босамари таъсирпазирии шоирон аз шеъри Бедил дар ин давра мебошад, ки дар маҷмӯъ ҳодисаи мусбат буда, ба пешрафти адабиёти тоҷик таъсири судманд доштааст. Вале, мутаасифона, ҳисси бадбинии аз эътидол берун нисбат ба пайравони Бедил дар замони шуравӣ боис шуд, ки нақши шоирони ҳунарманди ин давра ба дурустӣ шинохта шавад. Ин равия боис шуд, ки осори баъзеи онҳо дар шакли комил нашр нашавад ва ҳувияти ҳунариашон торик монад. Дар замина метавон аз Сирату Сарир, Бебок, Сипандӣ, Исо Махдум, Ҷавҳарӣ ва чанди дигар ёд кард, ки ба сабабҳои гуногун нақш ва ҷойгоҳашон дар таърихи адабиёти тоҷик, ба қадре, ки лозим аст, мушаххас нагардидааст.

Дар шакли шеърӣ, ҳунарӣ ва маонӣ бо Бедил иттифоқ пайдо кардани пайравони ин шоир дар муҳити адабии Мовароуннаҳр ҳодисаи тасодуфӣ набуда, аввалан ба суннатҳои ягонаи меросию фарҳангию адабӣ далолат кунад, сониян ёдҳо ва ормонҳои инсонии наздик ба ҳам ва симои ахлоқии муштараки инсонҳо заминагузори ҳузури бардавом ва пойдори Бедил дар зиндагии мардуми минтақа ва тафаккури бадеии шоирон аст. Аз ин ҷиҳат, шоирони ин ҳавзаро, пеш аз ҳама, таровати ғайриоддии шеъри Бедил, “ҷӯшишу ҳаяҷони воқеӣ дар варои тасвирҳои рангин ва захими тахайюл” [134, с. 356] ҷазб намудааст.

Шеъри Бедил барои шоирони Мовароуннаҳр аз оғоз, чунон ки Шафеии Кадканӣ пиндоштааст, “аз назари ҷанбаи ҳунарӣ ва лутфи шеърӣ маҳвшуда набуд” [61, с. 28], балки шигифтангезии шеъри ӯ ононро гирифтор медошт ва аз пасаш мебурд. Шоироне, ки ёд кардем, аз ҳайрати Бедил рангу бӯи зиндагӣ ва ирфонро эҳсос карда, даҳшати изтироб, асолату ноаслӣ, саҳрои бангу ваҳм ва дигаргуниро дар матни воқеияти рӯзгори зисташон ба ранг ва маънии дигар диданд. Бинобар ин, шеъри онҳо меъмории ҷадиде буд бо оҳанги вежаи хеш, ки мутаассифона амиқ шинохта ҳам нашуду бебозгашт моро падруд гуфт.

Аз таҳлил ва арзёбии таҳқиқотҳое, ки доир ба омилҳо ва заминаҳои завқию адабии нуфузи Бедил дар ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр дар ин фасл анҷом гирифт, метавон ба ин натиҷа расид, ки аввалан омили аслии нуфузи Бедил дар ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр имтиёзи маънавӣ ва ҳунарии шеъри вай мебошад, сониян ранги иқлимӣ ва маҳаллии андешаву ормон, латофату назокат ва борикхаёливу рангинадоӣ, ки дар тарзи Бедил имтиёз дорад, заминаи воқеии ҳузури бардавом ва пойдори ӯро дар зиндагии мардуми минтақа ва тафаккури бадеии шоирон таъмин намудааст.

## III. 2 Равишҳои таъсирпазирии шоирони Мовароуннаҳр аз тарзи сухани Бедил

Аз оғози садаи бист то ба имрӯз масъалаи хусусиятҳои сабки Бедил ва равишҳову ҷараёнҳои усули таъсирпазирии шоирони Мовароуннаҳр, ба хусус, доираҳои адабии шаҳрҳои Бухорову Самарқанд ва Хуҷанду водии Фарғона дар Бедилшиносии Тоҷикистон ба таври мушаххас баррасӣ нашудааст. Вале дар ин замина баъзе муҳаққиқон зимни арзёбии масъалаҳои дигари вобаста ба ҳаёт ва эҷодиёти Бедил дар мавридҳое баъзе нуқтаҳоро оиди ин масъала баён доштаанд.

Аввалин андешаро оид ба сабки Бедил ва моҳияти ҳунарии он устод Айнӣ ҳанӯз дар соли 1912 дар мактубе, ки бо хоҳиши шарикдарси тотораш дар мадрасаи Бухоро Олмиҷон Идрисӣ навишта буд, баён кардааст. Айнӣ дар ин мактуб навишта буд, ки “забони модарии Мирзо забони урду буд. Ӯ форсиро баъдтар таҳсил кард. Бинобар фавқуллода закӣ ва муқтадир буданаш ин забони таҳсилкардаашро ба дараҷае тавсеъ намуд, ки миқдори истилоҳоти адабии ихтироъ ва истеъмолкардааш ба миқдори хеле бузург болиғ аст.” Дар ҷойи дигари ин мактуб Айнӣ “ибораҳои бағоят муғлақ ва мушкил”-и баъзе навиштаҳои Бедилро зикр карда, амалан сабки шоирро ба содда ва мураккаб ҷудо мекунад [38, с. 23]. Айнӣ дар шинохти сабки Бедил ба тақозои маҳдудияти жанрии мактуб шояд натавонистааст аз ин фаротар равад.

Баъдтар, яъне соли 1926 устод Айнӣ дар “Намунаи адабиёти тоҷик” ба ин масъала бозмегардад ва вақте доир ба эҷодиёти шоирони пайрави Бедил сухан мекунад, ба таври мухтасар баъзе паҳлуҳои ин масъаларо шарҳ медиҳад, ки нахустин дидгоҳ оид ба сабки Бедил ва равишҳои таъсирпазирӣ аз шеъри Абулмаонӣ мебошад. Дар ин замина устод Айнӣ бо зикри ном ва осори шоироне мисли Қозӣ Лутфуллоҳ Шокири Бухороӣ, Мавлавӣ Шарифи Бухороӣ, Мутрибии Бухороӣ, Муъмини

Самарқандӣ, Кироми Бухороӣ, Роқими Самарқандӣ, Субҳонқулихон Волии Бухороӣ, Носири Бухороӣ, Шавкати Бухороӣ, Сайидои Насафӣ ва даҳҳо шоири дигар дар боби сабки ҳиндӣ ва аз ин шева кор гирифтани шоирони ёдшуда сухан кардааст.

Устод Айнӣ дар “Намунаи адабиёти тоҷик” оид ба ҳаёт ва эҷодиёти пайравони Бедил, аз ҷумла Садри Сарир, Сипандӣ, Бебок, Исо Махдум, Савдо, Возеҳ, Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ, Зуфархон Ҷавҳарӣ, Парии Ҳисорӣ, Ҳасрати Ҳисорӣ, Ҳодии Самарқандӣ, Ҳайрати Бухороӣ ва дигарон сухан карда, дар баъзе мавридҳо тамоюли таъсирпазирии пайравони Бедилро низ мухтасаран шарҳ додааст, ки дар шинохти сабки Бедил ва пайравони он ҳарфи аввал аст. Аз ҷумла, вақте дар бораи Асирии Самарқандӣ сухан мекунад “дар назм ва баъзан дар наср тамоман муқаллиди Бедил”[35, с. 108] будани ӯро таъкид карда, зайли намуна ба осори ӯ мисол мезанад. Ба ин тарз дар бораи Исо Махдум Муфтии Бухороӣ низ сухан карда менависад, ки “Исо аз ҷумлаи мутасаввифин аст, аксар абёташ низ дар мазоқи суфия иншод ёфтааст. Бедилро пайравӣ ва тақлид мекунад, аммо тақлидаш ба камоли муваффақият аст”[35, с. 218]. Айнӣ дар “Намунаи адабиёти тоҷик” аз осори ба тарзи Бедил навиштаи Исо порае иқтибос ҳам кардааст. Айнӣ Муҳаммад Нақибхон Туғрали Аҳрориро низ аз “муқаллидони Бедил” дониста менависад, ки “дар ин пайравӣ ҳеҷ муваффақ нашудааст. Истеъдоди Туғрал бисёр комил ва хаёлаш мустаъиди болоравӣ буд. Агар табъи худро дар асорати тақлиди Бедил намеандохт ва ҳам ба ҳаққи худ бисёр некбин намебуд, аз саромадони замони худ шуданаш муҳаққақ буд”. Айнӣ дар фароварди ин баҳс меафзояд, ки “Туғрал соҳиби девон аст. Аксар абёташ дар пайравӣ ва тазмини Бедил иншод шудааст” [35, с. 209].

Баъдтар дар атрофи чунин арзёбиҳои Айнӣ дар бораи Туғрал баҳсу мунозираҳо ба вуҷуд омада, баъзеҳо, аз ҷумла Абдулҳамид Пулодов ва

Асрор Раҳмонов “ғазалиёти берун аз асорати тақлиди Бедил” эҷодкардаи ӯро “зиёдтару қобили таваҷҷуҳ” [6, с. 22] донистаанд. Дар ҳошияи ин мунозираҳо ҳангоми тавсифи дафтари мусаввадаи Туғрал академик Абдулғанӣ Мирзоев чунин навишта буд: “Бисёрии шеърҳои чопнашудаи шоир дар услуби Бедил намебошанд ва чунин маълум мешавад, ки Туғрал дар аввали марҳилаи шеърсароии худ аз услуби Бедил - “сабки ҳиндӣ” дур воқеъ шуда, ба ин услуб баъдтар қадам гузоштааст” [6, с. 23]. Муаллифони сарсухани китоби Туғрал “Гиёҳи меҳр” ба ин гуфтаи А. Мирзоев афзудаанд, ки “Гузашта аз ин, дар охири чанд ғазал аз Бедил ном бурдану иқтибос овардану дар татаббӯи вай арзи матлаб намудани Туғралро падидаи тақлидкории маҳзи шоир пиндоштан амри ғалат мебуд. Ин унсури эҷодиро як навъ приёми адабӣ ва хусусияти хоси усули фардии Туғрал бояд донист, зеро ӯ, зоҳиран, дар тазмину пайравии Бедил сухан гӯяд ҳам, фикри худу андешаи худ, дарди худу дармони худ, омоли худу армони худ ва шахси худу инсони худро мустақилона баён месозад”[6, с. 25].

Дар солҳое, ки пайравӣ ё худ ба таъбири маъмул тақлид ба Бедил нописандида шинохта мешуд ва ин дидгоҳ зери таъсири адабиётшиносии синфиятгаро амал мекард, Айнӣ барин шахсиятҳо воқеиятро ба хости назарияи ҳоким таъбир ва тавсиф мекарданд. Ҳамин ҳодиса сабаб шуд, ки осори адибони зиёде нашинохта ва нашр нашуда монд. Кор ба ҷое расид, ки номи Бедил дар адабиёт то ҷое табу гардид ва ҳар гоҳ сухан аз пӯшидагии маъно, печидагии баён, душвории забон ва мураккабии услуб ба миён ояд, шеъри Бедил ба ёд меомад. Вале дар баъзе тадқиқотҳо, аз ҷумла мақолаи А. Деҳотӣ ва М. Раҳимӣ “Мирзо Абдулқодири Бедил” моҳияти таҷрибаи шеърии Бедил мухтасар бошад ҳам дуруст таъбир гардид. Муаллифони мақолаи зикршуда навиштаанд, ки “Бедил барои эҷодиёти худаш як услуби нави ба худ махсус ихтироъ кард, ки он хеле мураккаб ва душворфаҳм аст. Вай барои ҷой гирондани мақсади худаш

дар асарҳояш як олам философия, киноя ва ташбеҳҳои мушкил, муболиғаҳои фавқуллода, маҷоз ва истиораҳои аҷиб кор мефармояд. Таассурот, фикр ва муҳокимаҳои худашро ба ҳар ранг даровварда, бештар торик ва сарбаста карда менависад”. Нуктаи муҳим дар андешаи ин муаллифон дар бораи тарзи нигориши Бедил ин аст, ки онҳо “ин мураккабии услуб ва душворфаҳмии ифодаҳои Бедил”-ро “беҳуда ва бемаънӣ” надониста, “балки як санъати ба худаш хос” таъбир кардаанд ва афзудаанд, ки “Ба чи сабаб чунин як услуби мураккаб ва душворфаҳмро пеш гирифтани вай ба мо равшан нест. Бинобар ин ҳам дар пайравӣ ва тақлидҳои худ то чи андоза муваффақ шудан ё нашудани тақлидкунандаҳо ва пайравони Бедилро ҳукм кардан ҳоло аз имконият берун аст”[47, с. 24].

То нашри китоби устод Айнӣ “Мирзо Абудлқодири Бедил” вазъи шинохти сабки Бедил ва моҳияти ҳунари пайравон ё худ муқаллидони Бедил чунин буд. Айнӣ дар фаслҳои “Забон, услуб ва санъати шеърии Бедил”, “Мактаби Бедил дар услубшиносӣ” ва “Таъсири Бедил дар Осиёи Миёна”-и ин китоб баъзе паҳлуҳои маҳорати шоирии Бедил, сабк, мактаб ва таъсирпазирии шоирони минтақаро аз тарзи нигориши вай мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор дода, баъзе паҳлуҳои ин масъаларо равшан сохтааст.

Устод Айнӣ ду тарзи нигоришро дар таҷрибаи шеъри Бедил мушаххас сохта, якеро “аз нуқтаи назари луғатҳои ҷудогона” [34, с. 104] сода, дигареро дар заминаи “ҷумлабандӣ, ташбеҳот, киноя ва истиорот” душвор мешиносад. Ин андешаи Айнӣ ҳам ба забон ва ҳам ба тарзи нигориши Бедил дахл дорад. Барои таъйид кардани содагии забон ва тарзи тасвири Бедил устод Айнӣ аз шеъри шоир “суханҳои гуфтугӯии халқи тоҷик”, аз ҷумла: “ҳай кардан”-ба маънои рондани асп ё дигар ҳайвонот, “сар додан” ба маънои озод кардан, “киро намекунад”-ба маънои намеарзад, “ишкол” ба маънои занҷири пойбанд ва ғайраро

мисол меоварад. Дар заминаи тарзи нигориши Бедил бо таҳлили байте аз Бедил забони ӯро “душвортарин забони адабии тоҷик” унвон карда, дар қатори “шеърҳои душворфаҳми печ дар печ” боз “шеърҳои сода, равон, дилчасп ва бо ташбеҳҳои нав зиннатдодашуда”-и Бедилро низ зикр мекунад [34, с. 104-105]. Айнӣ дар баробари содагиҳои баъзе шеърҳои Бедил забони насри ӯро “аз ҳад зиёда душвор” шинохта, “ҷумлаҳои дарози силсиладор бо ташбеҳҳои мураккаб ва истиораҳои печ дар печ”-ро омили аслии душворӣ ва нофаҳмии ин навъи эҷоди ӯ медонад ва меафзояд, ки “Мо тоҷикони Осиёи Миёна, ки аз забони устод шикоят мекунем, норизоии мо аз тарзи ҷумлабандии ӯ дар наср ва аз ташбеҳот ва истиороти мураккаб ва печ дар печи ӯ дар назм аст”. Айнӣ “ихтирооти дилчасп”-и Бедилро “табрик ва таҳсин” карда, сипас “иқтидори шеърии” ӯро дар эҷоди анвои шеър, аз ҷумла ғазал, қасида, рубоӣ, “вазнҳои ғайримаъруф,” “лафзҳои шеърӣ”, шеъри “муфрад ва мураккаб” ба таври мушаххас арзёбӣ менамояд. Коре, ки Айнӣ дар он рӯзгор анҷом дод, аввалин арзёбии забон ва тарзи нигориши Бедил дар Бедилшиносии тоҷик буд, ки ҳоло ҳам пурарзиш аст.

Чунон ки ишора шуд, Айнӣ дар хусуси сабку услуби Бедил сухан карда, забони осори ӯро “душвортарин забони адабии тоҷик” унвон намуда буд. Минбаъд ин хулосаи Айниро А. Мирзоев ва Н. Маъсумӣ низ тасдиқ карда, ҳар се омили душвории услуби шеъри Бедилро “шароити ба худ хоси таърихӣ, табиъӣ, иҷтимоӣ ва мадании Шарқ ”[70, с. 8] ва “муҳити сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҳиндустон” таъбир карда буданд. Сонитар Бедилшинос Бобобек Раҳимӣ навишт, ки “Албатта, муҳити зист, тарзи зиндагӣ, урфу одати халқу манзараҳои табии ин ё он кишвар ба асаре, ки дар он муҳит эҷод шудааст, таъсир накарда наметавонад. Вале ин таъсир асосан дар мазмун ва муҳтавои асарҳо зоҳир мегардад, на дар сабку услуб. Аз ин рӯ, онро омили асосии тафовути сабки ҳиндӣ аз

дигар сабкҳо ҳисобидан саҳеҳ нест” [107, с. 349]. Б. Раҳимӣ барои таъйиди ин андешаи худ ба шеъри шоироне мисол мезанад, ки бо Бедил муосир будаанду “ашъорашон ба тарзи қудамо” будааст ва шоироне, ки “симоҳои машҳури сабки ҳиндӣ” бошанд ҳам, берун аз Ҳиндустон зиставу эҷод кардаанд.

Дар ин замина назари аввал ва муътамадро Айнӣ баён карда, аз ҷумла навишта буд: “Баъзе тазкиранависон ва танқидчиён мегӯянд, ки Бедил барои ифодаи таълимоти фалсафиаш ба ихтиёр кардани ин услуб маҷбур шудааст. Ин фикр як дараҷа дуруст аст. Чунки ифодаи маъниҳои дақиқи махсус таъбирҳои душвори махсусро талаб мекунад, хусусан, вақте ки муаллиф маъниҳои фалсафиашро дар пардаи сӯфизм печондан хоҳад, ин печдарпечӣ дучанд мегардад”. Вале Айнӣ ин гуна душворӣ ва мураккабии забону услубро “дар мактубҳои одӣ ва таҳрири саргузаштҳояш ҳам” [34, с. 108] ба мушоҳида гирифтааст. Аз таҳлилҳои Айнӣ бармеояд, ки агар душвории забон ва услуби Бедил, аз як тараф ба мазмуну муҳтавиёти осори ӯ вобаста бошад, аз сӯи дигар натиҷаи навҷӯиву навпардозиҳояш низ мебошад.

Аз муҳаққиқони дигар Холида Айнӣ низ сабабҳои душвории забон ва услуби Бедилро арзёбӣ карда, дар рисолаи “Бедил ва достони ӯ “Ирфон” тахмин намудааст, ки Бедил шояд барои пинҳон доштани ақоиди даҳриёнаи худ ин услуби душворро ба кор бурда бошад. Вале ин омилро Холида Айнӣ сабаби мураккабии сабки Бедил намедонад. Ба назари ӯ сабаби асосӣ, ҳамоно, кӯшиши бартарӣ ҷӯстани шоир бар муосиронаш будааст. Илова бар ин Холида Айнӣ услуби Бедилро на танҳо як ҷузъи сабки ҳиндӣ ба шумор меоварад, балки ба сабки шеъри ҳиндузабони Ҳиндустон низ қаробат доштани онро таъкид намуда, сабаби тозакориҳои шоирро дар эҷоди баъзе образҳо ва тарзи тасвир дар ҳамин медонад [36, с. 086].

Бобобек Раҳимӣ “умдатарин сабаби душвории шеъри Бедил”-ро дар такя ба андешаи Айнӣ ва донишманди Афғонистон Халилуллоҳ Халилӣ “ба мазмун ва маънии худи он алоқаманд” донista, навиштааст, ки “шоъир дар бахше аз осори худ масъалаҳоеро ифода намудааст, ки бе дониши муайян ва бе омодагии пешакӣ фаҳмидани онҳо душвор аст” [107, с. 357]. Сипас, ин муҳаққиқ дар такя ба афкори адабии Бедил “сабаби душвории маънӣ ва мушкилии матлаб”-и шеъри шоирро, ки ба сабки нигориши ӯ вобастагӣ дорад, шарҳ медиҳад. Муҳаққиқ дар заминаи андешаҳои Бедил ва таҳлили байтҳои ҷудогонаи ӯ “сабабҳои душвории маънӣ ва мушкилии матлаб”-и шеъри шоирро ба тариқи зер дастабандӣ кардааст:

-Аз забони дигар кас, аз забони маҳбуб, маҳбуби ҳақиқӣ сухан гуфтани шоир (Ғаври маъниям душвор, фаҳми матлабам мушкил, Бедил, аз забони ӯст, ин мане, ки ман дорам);

-Нарасидани фаҳми хонанда ба маънии ӯ (Маънӣ аз ҳавсалаи фаҳм бурун афтодаст, Хирмани маҳ ҳамон донакашонаш мӯранд);

-Нозукии маъно, ки аз хонанда тааммул ва тафаккур мехоҳад (Ғунча шав, бӯи гули тарзи каломам нозук аст, Бе тааммул нест мумкин кас ба ин иншо расад);

-Ранги мазмунро дигар кардани калимаву ибораҳои нозук [Бедил ашъори ман аз фаҳми касон пӯшида монд, Чун иборат нозук афтад, ранги мазмун мешавад];

-Ибтикорот ва тасарруфот дар забон, яъне аз ҷузъҳои алоҳидаи калимаҳо сохтани калимаҳои мураккаби серҷузъа (Саъйи дайруҳарам баҳонаи мо, Бурд моро бурун зи хонаи мо).

-Ибораҳои изофии серҷузъа (кабоби хомсӯзи оташи ҳасрат, ҷоми умеди назаргоҳи хумор, муқими пардаи номуси фақр, шарми рӯсиёҳии аъмоли зишт ва ғайра).

Бобобек Раҳимӣ дар радифи сабабҳои ёдшуда, “як сабаб ё худ як омили дигарро низ” ном бурда, менависад: “Ин омил он аст, ки Бедил дар баъзе мавридҳо ихтиёран ё худ қасдан ба баёни душвори фикр ва ифодаи печдарпечи мақсад рӯй овардааст. Яъне ӯ кӯшиш кардааст, ки “ғаври маъниаш душвор” ва “фаҳми матлабаш мушкил” бошад. Ӯ ин тарзи баёнро зоҳиран бо мақсади нишон додани ҳунари шоириаш ихтироъ кардааст. Ҷолиби диққат он аст, ки ӯ аз ин мақсади худ хонандаро баъзан огоҳ низ намудааст. Чунончӣ, дар байти зерин навиштааст, ки мақсади маъниҳои равшанро бо имову ишора ифода карданаш санҷидани фитрати ёрон аст:

Ҷуз имтиҳони фитрати ёрон мурод нест,
Бепарда маъние, ки ба имо навиштаем [107, с. 362 - 363].

Омили ниҳоии печидагӯйиҳои Бедилро Б. Раҳимӣ “намояндаи сабки ҳиндӣ ба шумор” омадани шоир дониста, “печидагии маъно ва душвории мазмун”-ро “аз мушаххасоти сабки мазкур” таъбир мекунад [107, с. 363], ки ба мушоҳидаи ӯ дар ин гуна ашъори Бедил нуфуз доштааст.

Масъалаи хусусияти сабки Бедил ва таъсирпазирии шоирони пайрави тарзи нигориши ӯ дар рисолаи ёдшудаи Н. Нуров ба таври дақиқ ва фарогир таҳқиқ шуда, муҳаққиқ дар заминаи андешаҳои тазкиранигорон, аз ҷумла Хушгӯ, Ғуломалихони Озод, Муҳаммад Афзали Сархуш, Сироҷиддин Алихони Орзу ва донишмандоне монанди Шафеии Кадканӣ, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Тақии Пурномдориён, Асғари Додбеҳ, Сируси Шамисо ва дигарон навиштааст, ки “Ҳароина, бо таваҷҷуҳ ба масоили назарии поэтикаи қадимии ҳиндӣ ва муқоисаи он бо ибтикороти Бедил метавон ба натиҷае расид, ки Абулмаонӣ бо огоҳии комиле, ки ба ин назариёт дорад, ҳарчанд худ дақиқан ишорате ба он накарда, аммо барои таҳаввулоти сабк ва забони шеъри худ аз онҳо фаровон истифода кардааст. Дар навбати аввал маълум аст, ки

унсури меҳварии поэтикаи қадимаи ҳиндӣ забон ба шумор меравад ва Бедил низ муҳимтарин ибтикорот ва инқилобро дар забон ба вуҷуд оварда, ба қавли аҳли тазкира “чизҳои ғариб дар забони форсӣ офарид.” Ин донишманд таъсири назариёти шеъри қадимии ҳиндиро низ, ки ба маонии пӯшидаву мубҳам дар шеър арҷ медод, дар шаклгирии сабки Бедил таъсиргузор мебинад ва меафзояд, ки “шояд бо такя бар ҳамин назария Бедил низ ба истиқболи” ин назария рафт ва “ин роҳро дар шеъри тоҷикӣ таҷриба намуда, ба қавли худаш ба эҷоди забони Бедилӣ ҳам муваффақ гардид. Пажуҳиши авомили интисоби печидагӯйӣ ба шеъри Бедил, ки ин шеваро худи вай низ эътироф намудааст, бояд аз ин равзана сурат гирад, ки бегумон дар гузашта дар шумули яке аз рукнҳои аслии шеър шинохта шудани маонии мастур Абулмаониро барои татбиқ ва озмоиши ин таҷрибаҳо дар шеъри форсӣ кашонидааст”[92, с. 102-103].

Дар асоси чунин дидгоҳҳо ва татбиқи вежагиҳои муҳимми поэтикаи қадимаи ҳиндӣ дар шеъри Бедил муҳаққиқ тарзи нигориши шоирро дар заминаи вожаҳо дар коргоҳи хаёл, воситаҳои тасвири бадеӣ, фарҳанги суннат, вожа ва таркибҳои мардумӣ дар девони Бедил таҳқиқ ва арзёбӣ кардааст, ки иқдоми нав дар шинохти ҳунари шоирии Бедил ва кашфи моҳияти печидагӯиҳои ӯ дар бедилшиносӣ мебошад.

Таҳқиқи вожаҳои алоҳида ва мавқеи онҳо дар коргоҳи хаёли шоир паҳлӯи дигари таҳқиқоти ин муҳаққиқро дар шинохти мушкилоти сабкии ғазалҳои Бедил нишон медиҳад, ки дар мисоли вожаи нафас анҷом гирифтааст. Муҳаққиқ барои моҳияти ҳунарии шоирро намудан, ҳамчунин таркибҳоеро, ки бо ин вожа Бедил дар шеъраш сохтааст, аз қабили нафаси вопасин, оина ҳар нафас намудан, нафасозмо, нафас дар хун тапидан, нолаи хомӯшнафасон, нафасе занг бурун омадан, қиёмати тӯфоннафас, фусуни нафас ва ғайра таҳлил ва маънии онҳоро дар матни шеъри шоир бозкушоӣ карда, бо ин усули таҳлилу туҳқиқ яке аз

омилҳои ҳунарии душворписандии Бедилро ошкор намудааст. Аз таҳқиқи қиёсии Н. Нуров бармеояд, ки тақвият ва вусъати такмили маъноии ин вожа ва бисёре аз вожагони дигар яке аз сабабҳои печидагӯии шоир ва ба ҳама дастрас набудани маънии шеъри ӯ будааст [92, с. 104-130].

Мутаассифона, масъалаи сабки Бедил ва мушаххасоти он дар Бедилшиносии тоҷик ҳанӯз ба тавре ки лозим аст, таҳқиқ ва баррасӣ нашудааст. Андешаҳо дар ин боб гирди як масъала- душворӣ ва содагӣ, печидагӯӣ ва содабаёнии шоир гирд мегарданд, ки реша дар андешаи тазкиранигорон ва муосирони Бедил ва ҷустуҷӯҳои аввалини устод Айнӣ дорад. Шинохти сареъи сабки Бедил ба бозхонии шеъри ӯ аз манзари зебоишиносии мудерн шояд баъзе масъалаҳои мушкилии шеърашро ҳал кунад.

Ҳамчунон ки Маҳмуди Футуҳӣ эътироф кардааст, "Бедил ба хубӣ огоҳ аст, ки идроки маонии шеъраш осон нест мегӯяд "тасвири ман андаке тааммул дорад" (Тасвири ман андаке тааммул дорад, Эй килки хаёл як ду мӯ нозуктар). Ва набояд аз дастандозиҳои душвор дар шеъраш ғофил шуд, зеро чунин навоеро кам навохтаанд (Мабош ғофил аз андозаи шеъри мо Бедил, Шуниданӣ аст навое, ки кам навохтаанд)". Бинобар ин, хонандаро ба озодии дарёфти сухани ҳайратофарини хеш даъват мекунад ва мегӯяд дар тааммул ҳар мазмун, ки дилат хост биёвар, зеро номаи шоири ҳайраткалом печидааст (Ту ҳар мазмун, ки мехоҳӣ дилат нақли тааммул кун, Лаби ҳайраткаломон номаи печидае дорад) ва чи зебо хонандаи муддаъиро, ки бо мӯшикофӣ ва таҳқиқ қасди таҳлили шеърашро дорад сахра мегирад. Ӯро ба домоди бевуқуф дар ҳуҷлаи наварӯс ташбеҳ мекунад:

Шеърам ба мушикофии таҳқиқи муддаъие,
Хандад чу наварӯс ба домоди бевуқуф" [134, с. 376].

Масъалаи пайравӣ ба Бедил ё худ таъсирпазирии шоирони Мовароуннаҳр аз Бедил аввалин бор дар Бедилшиносии тоҷик аз ҷониби устод Айнӣ ба миён гузошта шудааст. Айнӣ дар рисолаи “Мирзо Абдулқодири Бедил” дар фасли “Таъсири Бедил дар Осиёи Миёна” ба тариқи мухтасар доир ба “тақлиди Бедил дар назм ва дар наср”, ки “аз ҳама ҷо зиёдтар дар Осиёи Миёна ривоҷ” [34, с. 114] гирифта буд, сухан кардааст”. Айнӣ аз таҳлили ин мавзӯъ ба ин натиҷа расидааст, ки “Аз шоирони ин сарзамин (Осиёи Миёна-шарҳи мо) бисёр касон Бедилро тақлид кардаанд, лекин ҳатто забардасттаринашон ҳам санъати худро ба ин шоири нозукхаёл расонда натавонистаанд. Бедил ин хусусияти услубии худро дуруст шинохта байти зеринро гуфта буд:

Муддаӣ даргузар аз даъвии тарзи Бедил!

Сеҳр мушкил, ки ба кайфияти эъҷоз расад” [34, с. 114]

Устод Айнӣ мегӯяд, ки “Аз тақлидгарони Бедил баъзе шоирон санъати худро ба дараҷаи сеҳр расонда бошанд ҳам, бар болои онҳо асарҳои Бедил мартабаи эъҷозӣ-муъҷизагии худро нигоҳ дошта монданд” [34, с. 114-115].

Айнӣ дар ин фасли рисолааш яке аз камбудии асосии пайравони Бедилро дар он дидааст, ки “онҳо Бедилро дар шакл ва услуб тақлид кардаанд, аз мазмуни шеъри Бедил танҳо тасаввуфро сармашқи худ қарор додаанд, аммо мазмунҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии Бедилро нафаҳмидаанд ва ё ин ки фаҳмидан нахостаанд”. Айнӣ дар анҷоми ин арзёбиаш тасаввуфро дар асарҳои Бедил “як мазмуни туфайлӣ ҳисобида, масъалаҳои фалсафӣ ва иҷтимоиро ҳадафи асосии онҳо медонад” [34, с. 115].

Айнӣ аз шоирони тоҷики Осиёи Миёна Сарир, Сират, Исо (Бухороӣ), Асирии Хуҷандӣ, Зуфархон Ҷавҳарии Уротеппагиро аз муқаллидони муваффақи Бедил ва Туғралро номуваффақ меҳисобад.

Айнӣ дар ин замина ба таври умумӣ сухан карда, аз таҳлил ва муқоисаи амалӣ худдорӣ намудааст.

Дар Бедилшиносии солҳои шастуми садаи гузашта масъалаи пайравии шоирони Мовароуннаҳр ва равишҳои он дар фасли "Таъсири эҷодиёти Бедил дар адабиёти ин давр"-и рисолаи Расул Ҳодизода "Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри нуздаҳ" нисбатан васеътар матраҳ шудааст. Муаллиф заминаҳои таърихӣ ва омилҳои адабию иҷтимоӣ ва фарҳангии таваҷҷуҳи шоиронро ба шеъри Бедил ва таъсирпазирии ононро аз ҳунари ӯ таҳлил карда, зери таъсири адабиётшиносии давр, ки ҷанбаи амиқи идеологӣ дошт, пайравони Бедилро ҳамчун "намояндагони адабиёти динию феодалӣ" муаррифӣ ва равишҳои ғоявии осори дар тақлиди Бедил навиштаи онҳоро арзёбӣ мекунад, ки аз шинохти воқеияти инкишофи адабиёти бадеӣ ва ҳунари асил фосила гирифтан аст. Расул Ҳодизода моҳияти пайравии шоирони ин давраро ба мазмун, мундариҷа ва ғояҳои динию суфиёна ва зуҳдпарастонаи Бедил ба тариқи зер таъбир кардааст: "Онҳо ба ғазалҳои дар мазоқи суфиёна навиштаи Бедил тақлидҳо мекарданд, рӯҳи пессимизми зоҳидонаи чунин ашъорро инкишоф медоданд, балки мазмуни динию суфиёнаи онҳоро зиёдтар мекарданд. Биёр шеърҳои дар тақлиди ғазалиёти Бедил навиштаи Садри Сарир (аз дӯстони Аҳмади Дониш), Сипандӣ, Сират, Бебок ва дигар шоирони "хурду калон", ки "пайрави тарзи Бедилӣ буданд, дар ашъори худ ғояҳои гӯшанишинӣ, дармондагиву лоилоҷӣ, пессимизми диниро тарғиб менамуданд" [145, с. 127].

Барои тасдиқи ин андеша, ин муҳаққиқ пораҳое аз ғазалиёти Сипандӣ, Сират ва Сарир иқтибос оварда, шеъри онҳоро "содаи каммазмун" меҳисобад, ки ба ҳақиқат рост намеояд. Дар асл намунае, ки аз Сипандӣ оварда шудааст на ғазал, балки мухаммас ба ғазали Бедил буда, чунин оғоз мешавад:

Такя бар иқболи ҷоҳи чархи дунпарвар макун,

Фурсати дурӯзаро масруфи карру фар макун,

Шуғл бар ҷамъияти асбоби симу зар макун,

“Эй ба ишрат муттаҳам сомони дарди сар макун,

Дурди софӣ нест ин ҷо, ваҳм дар соғар макун” [145, с. 127].

Чунон ки мебинем ин мухаммаси Сипандӣ “ғояи идеалистӣ ва динпарварона” надошта, балки як мазмуни иҷтимоию ахлоқӣ дорад ва чунон ки Садрӣ Саъдиев низ таъкид кардааст “ранги тақлиди хушку холиро надошта, балки ба тарзи эҷодкорона аст” [120, с. 364]. Садрӣ Саъдиев бар хилофи Р. Ҳодизода аз арзёбии девони Сипандӣ ба ин натиҷа расидааст, ки “Дар ғазалҳои Бедилонаи ӯ (Сипандӣ- шарҳи мо) мазмунҳои тозаи шоирона, нуктапардозиҳоро бисёр мебинем. Барои мисол се байти зеринро аз як ғазали ӯ аз назар мегузаронем:

Аз он чашми сиёҳмастат ба шӯхӣ нозҳо дорад,

Ки дар мардумкушӣ аз мардумак ғаммозҳо дорад.

Ҳисоби куштагони теғи нозат кас намедонад,

Ки саф-саф аз мижа ҷаллоди ханҷарбозҳо дорад.

Матои ҳусну сомони қумоши нозаниниҳо,

Ки ин ҷо ҷуз ту, эй гулрӯ, дигар баззозҳо дорад” [120, с. 370].

Муҳаққиқ аз таҳлили ғазали Сипандӣ ба ин натиҷа мерасад, ки “Дар ин сатрҳо дар кӯштани ошиқон мардумаки худро ғаммоз қарор додани қотил-чашмони дилбар ё ин ки ба ҷаллодони сафкашидаи ханҷарбоз қиёс шудани мижгонҳои дилбар, хусусан ҳусну ҷамоли ӯро чун матоъҳо ва худашро дар симои баззоз ҷилвагар намудани шоир нуктаҳои тоза дар тасвири маҳбуба ба шумор мераванд. Ба эътибори ин Сипандиро шоири мазмунбанд сифат кардани Муҳтарам беасос нест” [120, с. 370]. Садрӣ Саъдиев Сипандиро аз пайравони Бедил муаррифӣ карда, ғазалҳои ӯро нисбатан сода медонад ва “дар услуби содаи

қадима ҳам шеърҳои бисёр эҷод” [120, с. 370] намудани ӯро таъкид мекунад.

Расул Ҳодизода дар бораи пайравони Бедил сухан карда, аз ҷумла бе таҳлил ва муқоисаи мушаххас ба чунин хулоса омадааст: “Ашъори шоирони муқаллиди Бедил нафақат аз ҷиҳати мазмун, балки аз бобати шакл ва сабку услуб низ ба дараҷаи ниҳоят паст буд. Аксари ин шоирон ибораву калима ва истилоҳоти махсуси Бедилро ба тарзи сунъӣ, гоҳо бемаврид ва гоҳо бидуни фаҳму идроки он кор мефармуданд. Дар назари аввал чунин ибороту истилоҳоти пурдабдаба зоҳиран ба хонанда таъсири бузург бахшад ҳам, аммо дар асл аз он маъниҳои чуқур ва мазмунҳои баландро, ки аз ғазалҳои Бедил бармеояд, баровардан душвор аст. Хулоса, санъати олии сухани Бедил, ки бо маъниҳои баланди эҷодиёти ӯ алоқаманд буд, дар ашъори муқаллидони услуби Бедил дар ин аср ба пургӯӣ ва пучгӯиҳо мубаддал гашт” [145, с. 128].

Ин донишманд дар заминаи ҳамин андеша ҷараёни пайравӣ ба Бедилро ба ду равия ҷудо мекунад, ки яке “муқаллидони намуди услуби Бедилӣ” ва дигаре “пайравони равияи пешқадам”. Муҳаққиқ шоироне мисли Сипандӣ, Бебок, Нозим, Сират ва Сарирро намояндаи равияи аввал ва Савдо, Возеҳ, Шоҳин, Музтариб ва чанди дигарро пайравони равияи пешқадам унвон карда намунаи пайравии бомуваффақиятро “дар эҷодиёти шоирони намоёни “Бедилчии” он давр Исо -Махдум” мебинад [145, с. 132] ва тарафҳои мусбат ва манфии таҷрибаи шеърии Исо-Махдум , Савдо ва Возеҳро нақду арзёбӣ мекунад. Аз ҷумла Р. Ҳодизода дар такя ба андешаи Айнӣ, ки дар “Намунаи адабиёти тоҷик”, ки тақлиди Исо-Махдумро “камоли муваффақият” унвон карда буд ва бо таҳлили муқоисавии худаш муваффақияти Исо – Махдумро дар он дидааст, ки “вай системаи образҳои ашъори Бедилро ба таври сунъӣ дар шеъри худ” начида, “балки ин образҳоро барои ифодаи мазмунҳои

нави замонаш, барои ифода намудани эҳсосоти худаш, ки аз зиндагию муҳити он давр ҳосил шуда буд, кор фармудааст.” Барои собит кардани ин фарзия муҳаққиқ як ғазали Бедилро, ки бо мисраи “Эй хаёли қоматат оҳи заифонро асо” сар мешавад, ба ғазали дар татабӯи Бедил навиштаи Исо-Махдум муқоиса карда, ба ғазали Исо-Махдум “аз ҳайси ташбеҳу истиора ва мантиқи сухан” баҳо дода, ба хулоса меояд, ки “тақлиди ӯ ба дараҷаи пайравии комиле ва худи шеър ба дараҷаи матонати устодона аст. Дар ин ғазал Исо-Махдум на образ ва истилоҳу таъбироти Бедил, балки тарзи образофаринии ӯ, тарзи суханпардозии ӯро бомуваффақият пайравӣ намудааст. Тамоми ғазалҳои ба тарзи Бедилӣ навиштаи Исо – Махдум айнан ба ҳамин қиёс, ба ҳамин принсипи эҷодӣ қарор гирифтааст” [145, с. 136].

Ба ин тартиб, Расул Ҳодизода равиши таъсирпазирии Савдо ва Возеҳро низ аз Бедил асосан мусбат арзёбӣ карда, мушаххасоти ҳунарии онҳоро дар ин замина таъкид мекунад. Ба назари ӯ Савдо дар пайравӣ ба Бедил навҷӯву тозакор буда, “рамзу ишораҳои калимот ва истилоҳоти махсуси Бедилро дар тараннуми на ишқи маҷозӣ, балки барои ифода намудани ишқи ҳақиқии инсонӣ” [145, с. 158] истифода намудааст. Ин муҳаққиқ пайравии огоҳона ва хуби Савдо ба ғазалиёти Бедилро ёдрас карда, минбаъд идома ёфтан ва ба тарзи эҷодкорона истифода намудани суннати таъсирпазириро таъкид мекунад.

Расул Ҳодизода равиши таъсирпазирии Возеҳро низ аз Бедил ва тарзи нигориши ӯ баррасӣ карда, дар баъзе мавридҳо ба тарзи Бедил содиқ будан ва аксаран соҳиби тарзу равиши хоси эҷодӣ будани ӯро аз имтиёзоти касбии шоир медонад. Ин мавзуъ, яъне таъсирпазирии Возеҳ аз Бедилро ин муҳаққиқ дар китоби “Адабиёти тоҷик. Асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX ”, ки бо ҳамқаламии У. Каримов ва С. Саъдиев навиштааст идома дода, паҳлуи муқаллидонаи тақлиди ӯ ва пайравии суханшиносонаи ӯро, ки истифодаи огоҳона аз таҷрибаи Бедил аст,

ёдрас мекунад ва корбасти “ташбеҳҳои мураккаб ва истиораҳои муҷаррад”-ро дар пайравӣ аз Бедил далели тафаккури хоси бадеии ӯ таъбир мекунад [147, с. 349-350].

Дигар аз шоироне, ки дар ин давра зисташу аз пайравони Бедил будааст, вале ҳамагӣ 16 сол умр дидааст Накҳат мебошад. Саидумар Султон, ки ашъори мунтахаби шоирро соли 1985 бо номи “Гули худрӯ” нашр карда буд, дар муқаддимаи ба ин маҷмӯа навиштааш аз пайравони Бедил будани ин шоир ёд ва намунаи ин гуна осори ӯро, ки ба радифи “оина” бар ғазали Бедил навишта ва ба ғазали дигари Бедил мухаммас бастааст, ёд ва дар боби маҳорати таъсирпазирии ин шоири ҷавонмарг, ки ҳунарманд будааст, сухан кардааст [23, с. 14-15].

Масъалаи таъсирпазирӣ аз Бедил дар тазкираи “Суханварони сайқали рӯи замин”, ки Туракул Зеҳнӣ ва Садрӣ Саъдиев мураттаб кардаанд, низ баррасӣ шудааст. Дар ин тазкира аз шоирони асрҳои 18-19 Адо, Раҳимии Девона, Туғрал, Аҷзӣ ва Тамҳид аз ҷумлаи пайравони Бедил муаррифӣ шуда, равиши пайравии онҳо мухаммасгӯиву назиранависӣ ва “дар дохили чорчӯбаи Бедил ба муҳосира” мондан (аз ҷумла Тамҳид) таъбир шудааст [130, с. 205-233].

Саъдӣ Садриев дар китоби “Маркази адабии Самақанд дар шоҳроҳи таърих” дар бораи Туғрал сухан ронда дар такя ба андешаҳои ёдшудаи устод Айнӣ “дар доираи Бедилчигӣ маҳдуд” мондани ӯро таъкид менамояд ва меафзояд, ки “Аммо Туғрал пайравӣ ба Бедилро на ба тарзи мушкилаи назми ин санъаткори сухан, балки ба равиши сода идома додааст”. Ин ҳолро донишманди мазкур аз “пайравии Бедил оҷиз мондани шоир” наҳисобида, балки муносибати эҷодкоронаи ӯ ба назми суханвари бузурги Ҳиндустон медонад ва илова мекунад, ки “дар даврае, ки назми Бедилӣ то рафт мушкил ва пургиреҳ мегардид, услуби эҷодии мазкурро ба тарзи сода пайгирӣ намудани Туғралро имтиёзи эҷодиёти ӯ ҳисоб кардан лозим аст” [80, с. 387]. Чунон ки ба назар

мерасад, Садрӣ Саъдиев аввалин бор дар бедилшиносӣ доир ба моҳияти пайравӣ ва таъсирпазирии Туғрал аз Бедил ва тарзи нигориши ӯ воқеъбинона сухан гуфтааст, ки таҳқиқ ва арзёбии ҷудогонаи ин масъаларо ба миён мегузорад.

Саъдӣ Саъдиев дар рисолаи ёдшуда аз охирин пайравони Бедил дар муҳити адабии Самарқанд-Тамҳиди Самарқандӣ низ ёд карда, ҳамон андешаи Айниро дар бораи ӯ аз "Намунаи адабиёти тоҷик" иқтибос кардааст, ки дар он Айнӣ "истеъдоди адабии Тамҳид"-ро "аз наводир" дониста, "қобилияти худро изҳор накарда,  дар дохили чорчӯбаи Бедил ба муҳосира" монданашро таъкид мекунад ва меафзояд, ки "Агар ин истеъдоди фавқуллода аз ин муҳосира халосӣ ёбад, аз наводири рӯзгор шуданаш муқаррар аст". Садрӣ Саъдиев "аз чорчӯбаи бедилчигӣ ба дараҷаи зиёд раҳоӣ" ёфтани Тамҳидро ёдрас ва "то охири умр ба шеъри суннатӣ содиқ" мондани ӯро таъкид менамояд [120, с. 385].

Ба назари мо, чунин қазоватҳо дар бораи пайравони сабки Бедил ва равиши таъсирпазирии онҳо то ҷое яктарафа буда, ба воқеият такя надорад. Зеро, аввалан, осори аксари шоирони дар чорчӯбаи Бедил ба муҳосира афтода, аз Сипандию Садри Сарир, Сирату дигарон сар карда, то Адою Накҳату Тамҳид пурра чоп нашуда, сониян, ҳамон осори дастраси эшон бозхониву таҳқиқ нашудааст.

Тадқиқоти тозае, ки масъалаи мактаби пайравони Бедилро ба таври мушаххас ба миён гузошта, бо усули сареҳи илмӣ ҳаллу фасл намудааст, рисолаи Н. Нуров "Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил" мебошад. Муаллиф яке аз омилҳои зуҳур ва ташаккули мактаби пайравони Бедилро дар ҳавзаи адабии Бухоро, Самарқанд ва Хуҷанд "тавсеаи маҳофили Бедилхониву Бедилрасӣ" дониста, дар баробари баррасии сарчашмаҳои зуҳур ва таҳаввули сабки ҳиндӣ, ҷойгоҳи мактаби пайравони Бедилро дар адабиёти тоҷики

нимаи  дувуми асри нуздаҳ муайян ва мушаххас менамояд. Вай дар ин тадқиқот Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ, Зуфархон Ҷавҳарӣ, Парии Ҳисорӣ, Ҳасрати Ҳисорӣ, Ҳодии Самарқандӣ ва Ҳайрати Бухороиро ном бурда, таъкид мекунад, ки ин шоирон "сабки ба истилоҳ Бедилиро дар баробари падидаҳои сабки ҳиндӣ дар ин минтақа ривоҷ бахшида, ба ин асос маърифат ва фаҳму дарки маонии мушкили ин суханвари печидабаёнро дар миёни мардум саҳлу осон намуданд" [92, с. 362].

Мутаассифона, ин муҳаққиқ дар бораи зуҳури мактаби пайравони Бедил ва таҳаввули он сухан карда, маълум нест, ки ба кадом далел аз таҷрибаи  шоироне, ки дар ибтидои асри XVIII ва баъди он ба Бедил пайравӣ кардаанд, монанби Сипандӣ, Садри Сарир, Сират ва дигарон чизе намегӯяд. Вале дидгоҳ ва шарҳу тавзеҳи вай дар бораи муваффақтарин шуарои ин мактаб-Туғрал, Зуфархони Ҷавҳарӣ, Адо, Шӯхии Хӯҷандӣ, Шоҳин, Ҳайрат ва дигарон тоза ва асоснок мебошад. Ин муҳаққиқ зуҳури мактаби пайравони Бедилро омили бавуҷудоии "равияҳои хоси шеъри форсӣ" ва рӯи кор омадани "суннатҳои нав ва равишҳои тозаи маърифати ашъор" қаламдод карда, падид омадани ҷараёни шарҳнигорӣ ва тафсири ашъори Бедилро маҳсули ҳамин таҳаввулот меҳисобад [92, с. 368].

Ин донишманд истиқболи Туғралро аз Бедил "равиши тоза" ҳисобида, сабаби иродати шоирро "арҷи руҳии ин устоди маънавӣ" медонад ва баъзе паҳлуҳои равиши пайравии Туғралро, ки ҳунармандона аст, шарҳ медиҳад. Дар мақтаи истиқболияҳои Туғрал омадани байти Бедил ва ба мақоми вай ишора кардани шоирро низ далели иродати маънавии Туғрал ба Бедил таъбир намуда, аз ҷумла навиштааст: "Туғрал бо равише тоза аз Бедил истиқбол мекунад ва чунонки ба иллати иродати бузург доштан ба шахсияти маънавии Мирзо Бедил ҳатто ғазале ба радифи Бедил ҳам навиштаву дар он арҷи руҳии ин устоди маънавии худро таъкид кардааст. Дар истиқболияҳои

худ Туғрал бештар дар мақтаи ғазалаш байти тазминшавандаи Бедилро меорад ва дар мисраи худ аз ин байт зиёдтар ба мақоми Бедил ва таъсири маънавии вай ишорат мекунад “Муҳаққиқ барои исботи ин мулоҳизааш байтҳои зери Туғралро мисол меоварад:

1. Эй хуш он мисраъ, ки Туғрал месарояд Бедиле,
   “То абад, ё Раб, асои нотавонон бинамат”.
2. Ҳаббазо, Туғрал, ки Бедил гуфтааст:
   “Ёр меояд - чароғон кардаем”.
3. Чӣ хуш гуфтаст ин ҷо Бедили назми адаб, Туғрал,
   “Ҳамон гирди сарат мегардаму паймона месозам” [92, с. 369].

Муҳаққиқ бо такя ба ишораҳои Туғрал намунаҳои ғазалиёти шоирро дар муқоиса бо ғазалҳои Бедил таҳлил карда, ба сабк ва шеваи баёни Бедил пайравӣ кардани Туғралро собит мекунад. Ба назари ӯ дар шеъри Туғрал ҳам таркибсозӣ, ҳам корбурди калимоти мураккаб ва истифодаи тамсилу киноёт ва монанди ин равшан зоҳир шуда, аз пайравии содиқона ва эҷодкоронаи Туғрал ба тарзи нигориши Бедил гувоҳӣ медиҳад. Барои собит кардани андешааш Н. Нурзод байти зерини Туғрал –

Дар китоби ғам варақгардонии айём нест,
Кай расад бар хотири Маҷнун ғами шому саҳар

– ро далел оварда, меафзояд, ки “дар ин байт аксари махсусиятҳои сабки ҳиндӣ ҷилва рехтаанд. Ибораи “китоби ғам”, “варақгардонии айём” агар сурати таркибсозии сабки ҳиндиро ба зуҳур расонанд, худи вожаи “варақгардонӣ” ҳарчанд калимаи мустаъмал аст, аммо бо шеваи вожасозии мураккаб арзи ҳастӣ намудаанд. Мисраи дувуми байт бошад, тамсил буда, корбандии санъати тамсилро ифода менамояд [92, с. 370].

Дар заминаи муқоисаи шеъри ин ду шоир Н. Нурзод ба хулоса меояд, ки истиқболи Туғрал аз шеър ва тарзи нигориши Бедил тақлиди

маҳз набуда, балки огандаи тозакориҳо ва баёни мустақилонаи андешаву оро мебошад.

Хусусияти дигари истиқболияҳои Туғралро Н. Нурзод дар он дидааст, ки "ба сабк ва шеваи баёни Бедил" ҳунармандона пайравӣ кардааст. Истифодаи калимоти мураккаб, тамсилу киноёт ва таркибсозиҳои Туғралро низ ин муҳаққиқ бо тарзи нигориши Бедил ҳамоҳанг шинохта, баъзе байтҳои ҳар ду шоирро қиёсан таҳлил ва арзёбӣ мекунад.

Аз ин таҳлилҳо "махсусиятҳои сабки ҳиндӣ" ва аносири таъсиргузори сабкӣ, ки Туғрал дар пайравияш ба Бедил ба кор гирифтааст, нишон дода шудааст. Н. Нуров аввалин бор дар заминаи таҳлилҳои мушаххас ба хулоса меояд, ки "истиқболи Туғрал аз Бедил ба унвони як тақлиди маҳз сурат" нагирифта, "балки бо идомаи шеваву равиши устоди худ ӯ иқдом ба тозакориҳо ва баёни дидгоҳҳои мустақилонааш карда, ки ин амр дар таҷассуми истиқлоли ҳунари шоирии ӯ саҳми мунавваре аз худ гузошта." Муҳаққиқ барои исботи ин андешааш ба абёте аз ҳар ду шоир руҷуъ карда, ҳунари Туғралро дар истиқболияҳояш ба Бедил дар заминаи образҳои шеърӣ ва ғунҷоиши маънавии онҳо нишон медиҳад.

Нуралӣ Нурзод дар идомаи ин баҳс аз шоирони дигари мактаби пайравони Бедил, аз ҷумла Зуфархон Ҷавҳарӣ ёд карда, таъкид бар он дорад, ки "Ҷавҳарӣ бо шеваи Туғрал истиқболи Бедил" накарда, "бештар дар ҷавоби ғазалҳои Абулмаонӣ ғазалҳое навишта ва аз вазну сабку шеваи баён истиқбол кардааст"[92, с. 372]. Аз таҳлили қиёсии ашъори истиқболии Ҷавҳарӣ маълум мешавад, ки вай низ чун дигар шоирони пайрави Бедил ба усулҳои таркибсозӣ ва ҳунари шоирии Бедил пайравӣ кардааст.

Ба назари ӯ Ҷавҳарӣ ҳам чун шоирони дигари пайрави Бедил шеваҳои баёни вай, усулҳои таркибсозӣ, ҳамчунин махсусиятҳои

зебоишиносии шоирро пайравӣ намудааст. Ҳамчун намуна муҳаққиқ байти –

Чӣ гӯям? Чӣ будам? Чунин гаштаам,

Фалакқадр будам, замин гаштаам. – ро

иқтибос карда, ба ин натиҷа расидааст, ки "Ватан", "фалакқадр" ба сурати калимасозии мураккабе созмон ёфтааст, ки фарорафта аз вижагии сабки ҳиндӣ ба тарзи Бедил ба зуҳур расидааст ва ин ҷо манзур аз ин калима соҳиби қадру манзалати баланд будан мебошад. Муҳаққиқ ба ҳамин равиш монандиҳо ва тафовутҳои сабки нигориши Ҷавҳариро аз Бедил бо зикри мисолҳои мушаххас нишон додааст, ки диди илмӣ ва воқеъбини ӯро дар шинохти масъалаи таъсирпазирии шоирони Мовароуннаҳр аз Бедил муайян месозад "[92, с. 372 - 374].

Ин муҳаққиқ, дар радифи Туғралу Ҷавҳарӣ аз шоирони дигаре мисли Амир Умархон волии Қуқанд, Султонхон Адои Самарқандӣ, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Тошхоҷа Асирии Хӯҷандӣ, Гулшани Бухороӣ, Файёзи Хӯҷандӣ, Афзали Бухороӣ, Мулло Шермуҳаммад Акмали Хӯҷандӣ, Ҳайрати Бухороӣ, Қорӣ Масеҳо Тамҳиди Самарқандӣ, Сипандии Самарқандӣ, Шамсиддини Шоҳин, Осафӣ, Лутфӣ, Ҳодии Самарқандӣ, Шӯхии Хӯҷандӣ ва дигарон, ки аз Бедил пайравӣ кардаанд ёд карда, "меҳвари асосии ашъори ин шоиронро пайравӣ аз сабку салиқаи Бедил ва нусратбахши мактаби пайравони ин шоири бузург" [92, с. 373] таъбир кардааст. Вале ӯ аз ошкор сохтани хусусиятҳо ва равишҳои таъсирпазирии пайравони ёдшудаи мактаби Бедил худдорӣ карда, дар ин равиш хостори таҳқиқоти ҷудогона шудааст.

Аз таҳлил ва арзёбии таҳқиқи сабки Бедил ва таъсирпазиррии шоирони Мовароуннаҳр аз ӯ дар бедилшиносии тоҷик хулоса ин аст, ки ҳанӯз пеш аз инқилоби русӣ ин масъала мавриди таваҷҷуҳи устод Айнӣ қарор гирифта, минбаъд муҳаққиқоне мисли Абдусалом Деҳотӣ,

Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Холида Айнӣ, Расул Ҳодизода, Туракул Зеҳнӣ, Садрӣ Саъдиев, Бобобек Раҳимӣ, Нуралӣ Нуров ва дигарон паҳлуҳои гуногуни ин мавзуъро баррасӣ намудаанд. Дар ибтидо зери нуфузи адабиётшиносии синфиятгарои Шуравӣ таъбири пайравӣ ё ход тақлид ба Бедил мувофиқи хости идеологияи ҳоким таъбир ва тавсиф гардида буд. Зери таъсири ин ҷараёни манфӣ осори адибони зиёде ношинохта ва нашр нашуда монд. Баъдтар, аз мақолаи А. Деҳотӣ ва М. Раҳимӣ "Мирзо Абдулқодири Бедил" сар карда, дидгоҳҳо оид ба сабки Бедил ва равиши таъсирпазирӣ аз ӯ тадриҷан дигар шуд ва консепсияи илмии таҳқиқи ин мавзуъ низ такмил ёфт. Дар ин замина рисолаи устод Айнӣ "Мирзо Абдулқодири Бедил" равиши тозаи дарки илмии мавзуъро асос гузошт ва минбаъд бо ҷустуҷӯҳои илмии Р. Ҳодизода, Б. Раҳимӣ ва Н. Нуров ташаккул ва таҳаввул пайдо кард.

Муҳаққиқони тоҷик ду тарзи нигоришро дар таҷрибаи шеърии Бедил тафкик дода, якеро дар асоси корбурди луғоти ҳамафаҳм сода ва дигареро дар заминаи ҷумлабандӣ, ташбеҳот, киноя ва истиорот душвор шинохтаанд ва дар ин равиш мизони пайравӣ ва таъсирпазирии шоирони Мовароуннаҳрро ба сабки Бедилӣ мушаххас намуда, бурду бохти онро муайян намудаанд. Бо вуҷуди ин масъалаи сабки Бедил ва равишҳову натиҷаҳои таъсирпазирӣ аз ӯ дар бедилшиносии тоҷик ҳанӯз ба тавре ки лозим аст, тадқиқ нашудааст. Шинохти сареъи мухтассоти сабки Бедил ва тарзу равишҳои таъсирпазирии шоирони Мовароуннаҳр аз тарзи нигориши ӯ таҳқиқи ин мавзуъро аз манзари зебоишиносии модерн ба миён мегузорад, ки ҳаллу фаслаш ногузир аст.

# ХУЛОСА

Мирзо Абдулқодири Бедил дар Ҳиндустон зода, парвариш ёфта ва шуҳратёр шуда бошад ҳам, ба тавассути вежагиҳои ҳунарӣ, афкори тозаву мазмуни баланд ва ғояҳои зиндагисозу инсонпарварона дар радифи шоирони бузурги адабиёти форсии тоҷикӣ дар таърихи ин адабиёт ҷойгоҳи хосеро ба худ касб кардааст. Ба ин далел, таҳқиқ, омӯзиш ва арзёбии ҳаёт ва эҷодиёти ӯ ҳанӯз дар замони барҳаёт буданаш мавриди таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқ қарор гирифта, илова ба шарҳу тафсирҳо доир ба баъзе паҳлуҳои рӯзгор ва осори ӯ ҷустуҷӯҳои судманде анҷом гирифтааст ва ин раванд тадриҷан соҳаи бедилшиносии ҷаҳониро ба вуҷуд овард, ки бедилшиносии тоҷик ҷузъи он мебошад.

Омӯзиш, шарҳу тавҷеҳ ва нашри осори Бедил аз солҳои сиюми асри нуздаҳ то ба имрӯз идома ёфта, бахусус дар бист-бисту панҷ соли охир бо суръат ва вусъати бештаре ташаккул ва таҳаввули тоза пайдо кард. Дар ин замина таҳқиқ ва арзёбии замони зиндагӣ, мазмуну мундариҷа ва масоили меҳварии поэтикаи осори шоир ҷузъи асосии фаъолияти Бедилшиносони тоҷик қарор гирифта, дар ин равиш корҳои шоистае анҷом гирифт, ки саҳифаи тоза дар шинохти рӯзгор ва осори Бедил мебошад. Ба ин далел, баҳсу баррасиҳои марбут ба ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Абдулқодири Бедилро дар бедилшиносии тоҷик метавон ба тариқи зайл ҷамъбаст ва натиҷагирӣ кард, ки маҷмуан ҳамчун ифодакунандаи хулосаҳои рисола манзур мегардад:

1. Сарнавишти инсонӣ ва ҳунарии Мирзо Абдулқодири Бедил ва шарҳи ҳолу эҷодиёти ӯ нисбат ба Ҳиндустону Афғонистон дар Тоҷикистон дертар мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор гирифта бошад ҳам, донишмандони тоҷик дар омӯзиш, таҳқиқ ва табъу нашри осори ин абармарди таърихи адабиёту фарҳанги тоҷик хидмати бузургеро анҷом додаанд. Омили асосии ташаккул ва таҳаввули

тадриҷии бедилшиносӣ дар Тоҷикистон, ки аз солҳои сиюми садаи нуздаҳ шуруъ шуда, то ба имрӯз идома дорад, пеш аз ҳама, ранги иқлимиву маҳалӣ, таваҷҷуҳи хоси зеҳнии мардум ва аҳли илм ба осори гаронмояи адиб мебошад. Дар ин равиш дар роҳи табъу нашр ва арзёбии паҳлуҳои гуногуни рӯзгор ва осори Бедил муҳаққиқони тоҷик корҳои қобили мулоҳизаро анҷом додаанд, ки бешак, саҳми шоистае дар Бедилшиносии ҷаҳонӣ мебошад **[2-М].**

2. Шинохти Бедил дар Мовароуннаҳр аз солҳои сиюми садаи нуздаҳ ва ибтидои садаи бист оғоз ёфта, дар даврони муосир, яъне таъсиси Тоҷикистон зинаи тозаи ташаккул ва таҳаввулро тай намуд. Зуҳури ҷараёни тоза ва инкишофи минбаъдаи бедилшиносӣ дар Тоҷикистон бо ном ва фаъолияти илмию адабии устод Садриддин Айнӣ вобаста мебошад. Қадами аввалин дар ин роҳ мактуби Айнӣ ба шарикдарси тотораш Олимҷон Идрисӣ буда, маълумоти мухтасарро доир ба ҳаёт ва осори шоир дар бар мегирад. Рисолаи Абдурауфи Фитрат “Бедил”, ки соли 1923 дар Маскав чоп шуда, доир ба як маҳфили бедилхониву бедилфаҳмӣ маълумот медиҳад, қадами дуюм дар шинохти шоир аст. Мақолаи А. Деҳотӣ ва М. Раҳимӣ “Мирзо Абдулқодири Бедил”, ки соли 1940 дар тазкираи “Намунаҳои адабиёти тоҷик” бо намунаҳо аз осори шоир чоп шудааст, аввалин пажӯҳиши мухтасар доир ба рӯзгор ва осори Бедил аст.

Марҳилаи асосии бедилшиносӣ дар Тоҷикистон бо рисолаи устод Айнӣ “Мирзо Абдулқодири Бедил” шуруъ шуда, устод ба воситаи ин асар нафақат аввалин бор дар бедилшиносӣ доир ба замон, зиндагинома, осор ва хусусиятҳои эҷодиёти Бедил маълумоти дақиқро фароҳам овард, балки намунаи асарҳои манзум ва мансури шоирро низ бори нахуст бо шарҳу тавҷеҳи луғот ба чоп расонид ва заминаро барои таҳқиқи ҳаматарафаи ҳаёт ва эҷодиёти Бедил муҳайё намуд, ки минбаъд бо таълифоти Холида Айнӣ “Бедил ва маснавии ӯ “Ирфон”, Абдулғанӣ

Мирзоев “Як ҳуҷҷати муҳим оид ба тахаллуси Бедил”, ҷустуҷӯҳои илмии Субҳон Амирқулов, Саҳобиддин Сиддиқов, Бобобек Раҳимӣ, Нуралӣ Нуров ва дигарон тадриҷан ташаккул ва таҳаввули тоза пайдо кард. Бо вуҷуди камии ахбори дақиқ ва дастрас набудани ҳамаи сарчашмаҳо Айнӣ барои таҳқиқ ва баррасии масъалаҳои замони зиндагии шоир, муҳити адабию фарҳангӣ ва пайванди касбии шоир бо доираҳои адабӣ кори муҳим ва босамареро анҷом дод, ки хидмати бузург дар шаклгирӣ ва пешрафти бедилшиносӣ дар Тоҷикистон мебошад [**4-М** ].

3. Устод Айнӣ дар таҳқиқ ва арзёбии замон ва шарҳи ҳолу эҷодиёти Бедил усули таърихиву муқоисавиро асос гирифта, бори аввал рӯзгор ва осори шоирро дар алоқамандӣ бо воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоии замон баррасӣ кард, ки натиҷагириҳои пурвусъати таърихиву адабӣ ва фарҳангиву ҳунариро дар бар мегирад. Айнӣ бо ин усули таҳқиқ тавонистааст моҳияти замон ва таъсири онро ба сарнавишти инсонӣ ва ҳунарии Бедил муайян карда, бо таҳқиқи ҷузъиёт ва куллиёти мавзуъ воқеияти рӯзгор, тамоюлҳои эҷодии давр ва шарҳи ҳолу арзиши эҷодиёти шоирро равшан созад. Чашмандози Айнӣ дар шинохти замони зиндагӣ, шарҳи ҳол ва осори Бедил зери таъсири идеологияи расмӣ шакл гирифта, ба нуктаҳои тавсифи ақидатии замон, афзалияти вазъи моддиву маънавӣ ва моҳияти синфии он, ихтилофоти сиёсиву мазҳабӣ, мавқеияти табақотии гурӯҳҳои иҷтимоӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва бархӯрдҳои синфи ҳукмрон ба рушди адабиёту фарҳанг асос ёфта буд. Ба ин далел, Айнӣ бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик дар тобеъият ба талаботи ақидатии [идеологии] ҳоким бар муҳити сиёсиву иҷтимоӣ ва адабию фарҳангӣ замон, шарҳи ҳол ва осори Бедилро воқеъбинона таҳқиқ ва таҳлил кард, ки минбаъд ҳамчун таҷрибаи судманди таҳқиқ дар раванди инкишофи адабиётшиносии тоҷик таъсири мусбат расонд.

Муҳаққиқони бедилшиноси тоҷик дар таҳқиқ ва баррасии воқеиятҳои замони зиндагӣ, вазъи муҳити адабию фарҳангӣ ва шарҳи ҳолу эҷодиёти Бедил равиши таҳқиқи Айниро пайравӣ карда, меъёрҳои собити илмиро дар ин замина такмил бахшиданд, ки дар таҳаввули он Ю. Салимов, Р. Ҳодизода, С. Амирқулов, Б. Раҳимӣ ва дигарон саҳм гузоштаанд [**2-М** ].

4. Шинохти замони зиндагӣ, шарҳи ҳолу осор, муҳити адабӣ ва алақамандии шоир бо он аз таҳқиқоти устод Айнӣ ва баррасии иҷтимоию сиёсии ӯ, ки зери таъсири сиёсати адабии давр шакл гирифтааст оғоз ёфта, муҳимтарин равиши бедилшиносии тоҷик-муайян намудани таъсири омилҳои замонии сиёсиву иҷтимоиро дар ташаккул ва таҳаввули ҳаёт ва эҷодиёти Бедил ифода мекунад. Таҳқиқоти баъдии дар ин замина анҷомгирифта, бо шарҳу тавҷеҳи рӯзгор, шарҳи ҳол ва осори шоир, моҳияти замон, воқеиятҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва таъсири онро ба сарнавишт ва эҷодиёти Бедил мушаххас сохтаанд, ки дар арзёбии мавзуи мазбур таҷрибаи муҳим ба назар меоянд [**4-М** ].

5. Агар чеҳраи аслии инсонӣ ва ҳунарии Бедилро дар Бедилшиносии тоҷик устод Айнӣ кашф карда бошад, минбаъд рӯзгор ва осори ӯ маҳаки асосии эътибори аҳли таҳқиқ қарор гирифта, муҳаққиқон ба шинохти ҷомеъи сурат ва сирати инсониву ҳунарии ӯ мусоидат намудаанд. Дар ин равиш донишмандон аз усули таърихият ва дигар равишҳои мушаххаси таҳқиқ, аз ҷумла матншиносӣ ва сарчашмашиносӣ кор гирифта, ҷараёни зиндагӣ ва эҷодиёти Бедилро дақиқ муайян намуданд, ки ифодагари чеҳраи ҷомеъи пуртазоди шоири ҳақшинос, воқеиятгаро, модигаро, сулҳхоҳ, адолатпараст ва тамоюлҳои хоси фикрӣ, ғоявӣ, ҳунарӣ ва фардияти инсониву эҷодии ӯ мебошад [1-М].

6. Таҷрибаи таҳқиқ ва арзёбии мундариҷаи ғоявии осори Бедил дар таҷрибаи бедилшиносони тоҷик аз оғоз то ба имрӯз ду равиши методологиро ба асос гирифтааст. Дар равиши аввали таҳқиқ муҳаққиқон то ҷое пойбанди сиёсати ақидатии давр будаанд ва масъалаи вобастагӣ ва мухторияти ҷаҳонбинии шоирро зери таъсири ҳамин сиёсат арзёбӣ карда, мавзуву мундариҷаи ғоявии осори Бедилро мутобиқи ҳамин хостаҳо баҳогузорӣ намудаанд, ки гоҳо воқеиятҳои сарнавишт ва эҷодиёти шоирро таҳриф кардаанд.

Равиши дигари таҳқиқ аз солҳои ҳаштодуми садаи бист оғоз ёфта, мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии осори шоирро берун аз ҳавзаи ақидатӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додаанд. Таҳқиқотҳои дар ин давра анҷомгирифта моҳияти мавзуву мундариҷа ва чеҳраи инфиродии шоирро воқеъбинона муайян намудаанд, ки дар такя ба сарчашмаҳои боэътимод, номаҳо ва осори назмиву насрии шоир сурат гирифтааст [3-**М** ].

7. Дар таҳқиқ ва баррасии хусусиятҳои мундариҷавию ғоявии осори Бедил хидмати Б. Раҳимӣ бузург буда, ӯ ин корро пас аз омӯзиш ва муаррифии ҳаматарафа ва дақиқи тамоми осори манзум ва мансури шоир ва муқобилаву муқоисаи нусхаҳои онҳо дар китобхонаҳои кишварҳои гуногун анҷом додааст. Дар ин замина муҳаққиқ мазмуну мундариҷа ва моҳияти ғоявии ғазалҳо, рубоиёт, аз ҷумла “рубоиёти қайди воқеъа”, маснавиҳо ва осори мансури шоирро таҳлил карда, ба ин натиҷа мерасад, ки мазмун ва мундариҷаи осори Бедил, пеш аз ҳама, ифодакунандаи “ҷараёни ҳаракати доимӣ ва тағайюру таҳаввули олами имкон, тапиш ва шӯру шари набзи ҳаёт” аст. Муҳаққиқ дар осори Бедил инъикос ёфтани афкор ва андешаҳои тарбиявию ахлоқиро таъкид карда, аз ҷумла омили зарурии фаъолияти инсон донистани кӯшишу ғайрат,

мазамммати кинаву ҳасад ва ғайраро аз мушаххасоти мунадариҷавию ғоявии осори шоир меҳисобад.

Муҳаққиқи дигар, Н. Нуров фалсафаи ваҳдат ва касрат, сулҳи кулл, муколамаи фарҳангҳо, камолоти инсонӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва ирфони ҳиндӣ ва бозтоби масоили ахлоқиро  аз мушаххасоти мундариҷаи ғоявии ғазалҳои шоир дониста, ба он талош кардааст, ки тозакориҳои шоирро дар тарзи ҳунармандонаи ифодаи мазмуну мундариҷа ва ғояи ғазал ба хонанда намояд.

Ба ин тартиб, масъалаи хусусиятҳои мундариҷавию ғоявии осори Бедил аз таълифоти устод Айнӣ сар карда, то имрӯз мавриди таваҷҷуҳи бедилшиносон қарор гирифта,  тавсифи илмии моҳияти мундариҷа ва ғояи осори шоир ва тарзи ҳунармандонаи ифодаи он ҷиҳатҳои муҳимми ҷустуҷӯҳои илмии донишмандони тоҷикро ташкил медиҳад [**1-М** ].

8. Масъалаи вежагиҳои тарзи тасвир, забон ва сабки Бедил низ аз ибтидо мавриди таваҷҷуҳи бедилшиносони тоҷик қарор гирифта, шинохти таҷрибаи ҳунарии шоир, усули тасвиргарӣ ва корбурди зебоишиносонаи аносири сабкӣ аз вежагиҳои шинохти ҳунари шоирии Бедил аз ҷониби донишмандони тоҷик будааст. Таҳқиқи ин мавзуъ бо мақолаи А. Деҳотӣ ва М. Раҳимӣ оғоз шуда, бо рисолаи устод Айнӣ “Мирзо Абдулқодири Бедил” умқ ва вусъати тоза пайдо кард. Айнӣ аввалин бор ба тарзи густурда  забони шеъри шоирро “аз нуқтаи назари луғатҳои ҷудогона” таҳлил карда, омилҳои содагиву образнокӣ ва душворписандии онро нишон додааст.

Шинохт ва баррасии ин мавзуъ минбаъд дар заминаи ҷустуҷӯҳои илмии Б. Раҳимӣ ва Н. Нуров таҳаввул ёфта, дар доираи васеъ тарзи нигориш, вежагиҳои забонӣ ва усули нигориши шоир мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Тадқиқоти дар ин боб анҷомгирифта ҳарчанд нуктаи ниҳоӣ набошад ҳам, дар муайян ва мушаххас кардани ҳунари

тасвиргарӣ, хусусиятҳои забонӣ ва сабки Бедилӣ ҳарфи пурарзиш ва бодалел аст [**3-М** ].

9. Ҳарфи аввал бар боби ҳузури пойдор ва нуфузи маънавию адабии Бедилро дар Мовароуннаҳр Аҳмади Дониш гуфтааст. Аҳмади Дониш, ки аз муътақидони ҷиддитарини осори Абулмаонӣ Бедил ба шумор мерафт, нахустин бор мазмуни асарҳои суфиёнаи ӯро таҳлил карда, ғояҳои пешқадами шоирро таҳлил ва ҳунари нигорандагии ӯро ошкор намудааст ва заминаҳои таваҷҷуҳи мардумро ба осори Бедил баён кардааст.

Устод Айнӣ аз шахсиятҳоест, ки авомили руҳӣ ва заминаҳои завқию бадеии таъсир ва нуфузи Бедилро дар муҳити иҷтимоиву сиёсӣ ва адабии Мовароуннаҳри садаи нуздаҳ ва аввали асри бист ба василаи осори бадеӣ ва илмиаш ба таври дақиқ муайян намудааст. Нахустин иттилоъро дар ин боб устод дар мактуби ба Олимҷон Идрисии тотор - шарикдарси мадрасагиаш навишта ироъа карда, баъдан дар тазкираи "Намунаи адабиёти тоҷик" пайванди маънавӣ ва пойдории нуфузи ҳунарии Бедилро дар муҳити адабии он рӯзгор ва арзёбии масъалаи таъсирпазирии баъзе шоирони доираи адабии Бухорою Самарқанд ва Хуҷанду Фарғона, аз ҷумла Асирии Хуҷандӣ, Исомахдуми Муфтии Бухорой, Касрати Фарғонӣ ва дигаронро баён кардааст. Минбаъд ин масъаларо дар рисолаи "Мирзо Абдулқодири Бедил" таҳқиқ карда, омилҳои дар байни мардуми Осиёи Миёна, хусусан дар байни тоҷикон ва ӯзбекон нуфуз доштани шахсияти ҳунарии ӯро муфассал баррасӣ намудааст. Айнӣ дар "Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам" ва "Ёддоштҳо" низ ба воситаи баъзе лавҳаҳо, аз ҷумла муколамаи Яҳёхоҷа ва Хоҷаи Тин, бардошти худаш аз шеъри Бедил дар марги падару модараш ва монанди инҳо таъсир ва нуфузи шеъри шоирро дар зиндагӣ ва андешаи мардуми Бухоро ва атрофи он нишон додааст. Ин масъала дар Бедилшиносии тоҷик аз тарафи Р. Ҳодизода, С. Амирқулов, Б. Раҳимӣ,

Н. Нуров ва дигарон низ таҳқиқ шуда, сабаби дилбастагии мардум ва таъсирпазирии шоирони Мовароуннаҳр аз шеъри Бедил, қабл аз ҳама шигифтангезии шеъри ӯ ва ранги иқлимии он դониста шудааст, ки ба муассирии ҳунари шоирии соҳиби шеър бармегардад [5-**М** ].

10. Сабки Бедил ва равишҳои таъсирпазирии шоирони Мовароуннаҳр аз ӯ дар бедилшиносии тоҷик ба таври алоҳида баррасӣ нашуда бошад ҳам, дар ин замина баъзе мулоҳизаҳои бунёдӣ баён шудаанд. Нахустин бор устод Айнӣ сабки Бедилро қазоват карда, ду таҷрибаи нигоришро дар тарзи баёни шоир мушаххас сохта, якеро сода, дигареро душвор унвон карда буд. Ин хулосаи Айнӣ дар асоси забон ва тарзи нигориши Бедил ба миён омада, чеҳраи аслии ҳунарии шоирро муаррифӣ мекард. Айнӣ сабаби душвории сабк ва тарзи баёни Бедилро ҳам мазмуну муҳтавои тоза ва ҳам навҷӯиву навпардозиҳои шоир донистааст. Баъдтар Холида Айнӣ душвории услуби Бедилро ба пинҳон доштани ақоиди даҳриёна алоқаманд медонад.

Дар бедилшиносии тоҷик масъалаи сабки нигориши Бедил ва равишҳои пайравӣ ба он аз ҷониби Б. Раҳимӣ ва Н. Нурзод муфассал таҳқиқ ва арзёбӣ шуда, омилҳои таъсиргузори он мушаххас гардидааст. Аз ҷумла Б. Раҳимӣ дар такя ба баъзе мулоҳизаҳои Айнӣ ва донишманди афғон Халилуллоҳи Халилӣ сабаби душвории сабки Бедилро  мазмун ва маънии шеъри ӯ ва дастрасӣ надоштани хонанда ба моҳияти он таъбир кардааст. Ин донишманд сабаби дигари душвории сабки Бедилро ба кӯшиши шоир барои ба умқи маъниаш нарасидани хонанда вобаста медонад. Б. Раҳимӣ печидагии маъно ва душворфаҳмии мазмунро аз мушаххасоти сабки ҳиндӣ дониста, тобеъияти шоир ба ин сабкрро омили аслии душвории дарки маъниҳои Бедилӣ ва шинохти ҳунари тасвиргарии ӯ медонад.

Масъалаи хусусиятҳои сабки Бедил ва таъсирпазирии шоирони пайрави ӯ аз ҷониби  Н. Нуров низ таҳқиқ шуда, ин муҳаққиқ душворнии тарзи нигориши шоирро ҳамчун ибтикорот ва баҳрагирии эҷодкорона аз поэтикаи қадимаи ҳиндӣ маънидод кардааст, ки дар таъкиди асолати ҳунарии шоир ва нуфузи андешаву ҳунари тасвиргарии ӯ дар муҳити адабии Мовароуннаҳр мебошад [1-**М** ].

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Аз баррасиҳои дар диссертатсия анҷомгирифта маълум мешавад, ки оид ба нақши бедилшиносии тоҷик дар таҳқиқи аҳвол ва осори Бедил то имрӯз таҳқиқоти диссертатсионӣ ба вуҷуд наомадааст. Доираи баҳси ин мавзуъ васеъ буда, паҳлуҳои гуногуни он метавонад минбаъд мавриди омӯзиш ва арзёбии мутахассисони соҳа қарор гирад. Алҳол дар ин таҳқиқот мо саъй кардем, ки нақши бедилшиносии тоҷикро дар таҳқиқ ва арзёбии рӯзгору осори Бедил муайян ва мушахас намоем. Дар баробари ин, барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур тавсияҳои зеринро пешниҳод менамоем:

1. Тавсия дода мешавад, ки диссертатсия аз ҷониби унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ ва муҳаққиқони баъдӣ дар омӯзиш ва таҳқиқи вижагиҳои ҳаёт ва эҷодиёти шоирони дигар ва муайян намудани ҷанбаҳои мундариҷавию ҳунарии осори онон мавриди истифода қарор гирад.

2. Дар диссертатсияи алоҳида мавриди омӯзиш қарор додани ҳаёт ва осори баъзе намояндагони доираи адабии Ҳинди асри Бедил ва баъди ӯ муҳим шуморида мешавад.

3. Зарурати таҳқиқи хусусиятҳои эҷодиёти намояндагон ва пайравони сабки Бедилии ҳавзаҳои гуногуни адабиёти форсии тоҷикӣ дар муқоиса бо намояндагони адабиёти ҳавзаи Ҳинд дар миён буда, таваҷҷуҳи муҳаққиқон бояд ба омӯзиши ин масъала ҷалб карда шавад.

4. Мувофиқи мақсад мебуд, агар таҷрибаи таҳқиқии дар ин мавзуъ анҷомгирифта барои омӯзиши масъалаҳои робитаҳои адабӣ ва моҳияти ҷараёни таъсирпазирии шоирон аз ҳамдигар истифода бурда шавад.

5. Тавсия дода мешавад, ки оид ба масъалаи пайравӣ ва татаббуъи шоирони алоҳида аз шеъри Бедил ва пайравони ин сабк барои муайян

намудани фардияти эҷодии онҳо таҳқиқоти диссертатсионии алоҳида анҷом дода шавад.

6. Зарурати он ба пеш омадааст, ки таҳқиқи муқоисавии пайравони сабки Бедилӣ, аз ҷумла Туғрал, Ҷавҳарӣ, Тамҳид ва дигарон дар шакли диссертатсияи мустақил барои муайян намудани моҳияти ин ҷараёни адабӣ анҷом дода шавад.

7. Маводи дар диссертатсия гирдомада барои омӯзиш ва таълими таърихи адабиёти класикии форсии тоҷикӣ, нақди адабӣ, назарияи адабиёт, сабкшиносӣ ва сувари хаёл, балоғати тасвир, курс ва семинарҳои ихтисосии факултетҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирад.

8. Мероси ғании Бедил ва шоирони дигари доираи адабии Ҳинд фарогири бунмояҳои маънавӣ ва ахлоқии суннатии гузаштагони халқи тоҷик буда, дар шакли корбасти ривоятҳо, ишораҳои талмеҳӣ, зарбулмасалу мақол, панду ҳикмат зуҳур намудаанд. Ба ин далел, тавсия дода мешавад, ки ин бахши эҷодиёти Бедил ва пайравони ӯ дар ҷараёни таълими адабиёт, бахусус адабиёти шифоҳӣ ва соатҳои тарбиявӣ дар мактабҳо ва муассисаҳои олии касбии кишвар фаровон истифода бурда шавад.

Дар маҷмуъ, таҷрибаи шеърии Бедил ва таҳқиқоте, ки дар ин замина дар бедилшиносии тоҷик анҷом гирифтааст, баёнгари маҳсули қалам ва зодаи тафаккури адабию бадеии шоирони фосизабони доираи адабии Ҳинд ва муҳаққиқони тоҷик буда, диссертатсияи мазкур ҳамчун оғози пажӯҳиши илмӣ дар ин самт бояд таваҷҷуҳи донишмандони соҳаро ба худ ҷалб намояд. Таҳқиқи масъалаҳои ба ин мавзуъ алоқаманд аз ҷумлаи мушкилоти мубрами адабиётшиносӣ буда, дурнамои мавзуи диссертатсияро таъйид менамояд.

# РЎЙХАТИ АДАБИЁТ

## I.Сарчашмаҳои адабӣ ва таърихӣ:

1. Айнӣ, Садриддин. Куллиёт. Ҷилди 1 [Матн]. / Садриддин Айнӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. – 346 с.

2. Айнӣ, Садриддин. Куллиёт. Ҷилди 6 [Матн]. / Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1962. – 414 с.

3. Айнӣ, Садриддин. Ёддоштҳо. Чаҳор қисм. Иборат аз як китоб [Матн]. / Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2009. – 680 с.

4. Асирӣ, Тошхоҷа. Ашъори мунтахаб. Мураттиб ва муаллифи сарсухану тавзеҳот Саъдулло Асадуллоев [Матн]. / Тошхоҷа Асирӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – 192 с.

5. Аҳрорӣ, Нақибхон Туғрал. Мунтахаботи ашъор [бо иловаи хотираҳо дар бораи Туғрал] [Матн]. / Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 318 с.

6. Аҳрорӣ, Нақибхон Туғрал. Гиёҳи меҳр [Матн]. / Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 352 с.

7. Аҳрорӣ, Нақибхон Туғрал. Саду як ғазал. Мураттибон Б. Раҳимӣ, А. Мӯсоев [Матн]. / Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 104 с.

8. Аҳрорӣ, Нақибхон Туғрал. Девони ашъор. Тасҳеҳ ва таҳияи Мирзо Шукурзода [Матн]. / Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ. – Душанбе, 2011. – 445 с.

9. Аҳрорӣ, Нақибхон Туғрал. Навои кибриё. Куллиёти ашъор. Таҳияи Асрори Раҳмонфар ва Мирзо Шукурзода [Матн]. / Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2014. – 440 с.

10. Бедил, Абдулқодир. Осор. Ҷилди 1. Ғазалиёт. Таҳияи Саҳобиддин Сиддиқов [Матн]. / Абдулқодири Бедил. – Душанбе: Адиб, 1990. – 704 с.

11. Бедил, Абдулқодир. Осор. Ҷилди 2. Ғазалиёт. Таҳияи Саҳобиддин Сиддиқов / Абдулқодир Бедил. – Душанбе: Адиб, 1991. – 352 с.

12. Бедил Абдулқодир. Осор. Ҷилди 3. Таҳияи Саҳобиддин Сиддиқов [Матн]. / Абдулқодири Бедил. – Душанбе: Адиб, 1991. – 432 с.

13. Бедил, Абдулқодир. Осор. Ҷилди 4. Ғазалиёт. Таҳияи Саҳобиддин Сиддиқов [Матн]. / Абдулқодири Бедил. – Душанбе: Адиб, 2004. – 438 с.

14. Бедил, Мирзо Абдулқодир. Осор. Ҷилди 5. Маснавиҳо. Бо саъю кӯшиш ва муқаддимаву тавзеҳоти Бобобек Раҳимӣ [Матн]. / - Душанбе: Адиб, 1993. – 672 с.

15. Бедил, Мирзо Абдулқодир. Осор. Ҷилди 6. Бо саъю кӯшиш ва муқаддимаву тавзеҳоти Бобобек Раҳимӣ [Матн]. / Мирзо Абдулқодири Бедил. – Душанбе: Адиб, 2005. – 1052 с.

16. Бедил Мирзо Абдулқодир. Осор. Ҷилди 7. Девони рубоиёт. Бо саъю кӯшиш ва муқаддимаву тавзеҳотӣ Бобобек Раҳимӣ [Матн]. / Мирзо Абдулқодири Бедил. – Душанбе: Адиб, 2007. – 848 с.

17. Бедил, Мирзо Абдулқодир. Осор. Ҷилди 8. Таҳияи матн бо шарҳи луғот ва тавзеҳот аз Бобобек Раҳимӣ [Матн]. / Мирзо Абдулқодири Бедил. – Душанбе : Адиб,2016. – 480 с.

18. Бухорой, Шавкат. Нури аср. Бо эҳтимоми Амрияздон Алимардонов, Ҷобулқо Додалишоев, Асғар Ҷонфидо [Матн]. / Шавкати Бухорой. – Душанбе : Дониш, 1968. – 149 с.

19. Бухорой, Возеҳ. Девон. Пешгуфтор, матн ва таълиқоту луғатнома бо эҳтимоми Турсунбой Неъматзода [Матн]. / Возеҳи Бухорой. – Душанбе, 2006. – 166 с.

20. Гулшани адаб. Намунаи назми тоҷик дар асрҳои 18 ва ибтидои асри 20. Ҷилди 5 [Матн]. / - Душанбе: Ирфон, 1980. – 464 с.

21. Деҳлавӣ, Амир Хусрав. Ғазалиёт. Силсилаи ахтарони адаб [Матн]. / Амир Хусрави Деҳлавӣ. – Душанбе: Адиб, 2014. – 360 с.

22. Дониш, Аҳмад. Наводир-ул-вақоеъ. Китоби 2 [Матн]. / Аҳмади Дониш. – Душанбе: Дониш, 1989. – 344 с.
23. Накҳат. Гули худрӯ. Ашъори мунтахаб [Барои бачагони синни калони мактабӣ]. Таҳияи Саибумар Султон [Матн]. / Накҳат. – Душанбе: Маориф,1985. – 222 с.
24. Насафӣ, Сайидо. Асарҳои мунтахаб [Матн]. / Сайидои Насафӣ. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 704 с.
25. Орзу, Сироҷуддин Алихон. Чароғи ҳидоят [Матн]. / Сироҷуддин Алихони Орзу. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 288 с.
26. Хушгӯ, Биндробан Дос. Сафинаи Хушгӯ. Дафтари солис. Таҳиягар ва муаллифи пешгуфтор, тавзеҳот ва луғатнома: доктори илмҳои филологӣ, професср Замира Ғаффорова [Матн]. / Биндробан Доси Хушгӯ. – Хуҷанд: Ношир,2018. – 564 с.
27. Ҳисорӣ, Парӣ. Ашъори мунтахаб. Мураттиб ва муаллифи сарсухан Саидмурод Эшзода [Матн]. / Парии Ҳисорӣ. – Душанбе:Адиб, 2008. – 176 с.
28. Ҷавҳарӣ, Зуфархон. Девони Ҷавҳарӣ [Матн]. / Зуфархон Ҷавҳарӣ. – Душанбе: Ирфон,1986. – 272 с.
29. Шоҳин, Шамсиддин. Ашъори мунтахаб [Матн]. / Шамсиддин Шоҳин. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1960. – 336 с.
30. Шоҳин, Шамсиддин. Куллиёт [Матн]. / Шамсиддин Шоҳин. – Душанбе: Адиб, 2006. – 640 с.
31. Шоҳин, Шамсиддин. Девон [Матн]. / Шамсиддин Шоҳин. – Душанбе: Дониш, 2018. – 287 с.

## II. Асару мақолаҳои илмӣ:


32. Айнӣ, Садриддин. Мулоҳизаҳои муаллифи китоби “Мирзо Абдулқодири Бедил” дар бораи ретсензияе, ки ба ҳамин китоб аз ҷониби рафиқ Муллоҷонов дода шудааст [Матн]. / Садриддин Айнӣ // Садои Шарқ. – 2004. – 10-12. – С. 85-91.

33. Айнӣ, Садриддин. Мирзо Абдулқодири Бедил [Матн]. / Садриддин Айнӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1954. 340 с.

34. Айнӣ, Садриддин. Мирзо Абдулқодири Бедил [Матн]. / Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2020. – 336 с.

35. Айнӣ, Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик. Ба кӯшиши доктор Алии Равоқӣ ва пешгуфтори Муҳаммадҷон Шакурӣ, Камол Айнӣ ва Алиасғари Шеърдӯст [Матн]. / Садриддин Айнӣ. – Теҳрон: Порсиён,1385. – 372 с.

36. Айнӣ, Холида. Бедил и его поэма “Ирфон” [Матн]. / Холида Айнӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1956. – 127 с.

37. Амирқулов, Субҳон. Айнӣ ва Бедил [Матн]. / Субҳон Амирқулов // Садои Шарқ. – 1968. – 7. – С. 142 -148.

38. Бақозода, Ҷӯрахон, Шукуров, Муҳаммадҷон. Аввалин фикру мулоҳизаҳои устод Айнӣ дар бораи Бедил [Матн]. / Ҷӯрахон Бақозода. Нависанда ва идеали замон. – Душанбе: Адиб, 1987. – С. 224-232.

39. Бертелс, Евгений Эдуардович. Муқаддима [Матн]. / Эвгений Эдуардович Бертелс // С. Айнӣ. Мирзо Абдулқодири Бедил. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2020. – С. 3-8.

40. Бухорой, Олим. Мируре дар гулгашти як байти Бедил [Матн]. / Олими Бухорой // Адаб. – 2011. – 2 [17]. – С. 51-61.

41. Ваҳҳобниё, Рустам. Мирзо Бедил ва Аҳмади Дониш [Матн]. / Рустами Ваҳҳобниё // Фарҳанг. – 1992. – 1. – С. 28-35.

42. Гусев, Владимир. Память и стиль. Современная советская литература и классическая традиция [Матн]. / Владимир Гусев. – Москва: Советский писатель, 1981. – 351 с.

43. Ғаффорова, Замира. Тазкираи Сархуш ва Хушгӯ ҳамчун сарчашмаи нақду сухансанҷӣ [Матн]. / Замира Ғаффорова. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2001. – 278 с.

44. Ғаффорова, Замира. Ташаккул ва инкишофи адабиёти форсизабони Кашмир дар асрҳои 16-17 [Матн]. / Замира Ғаффорова. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2001. – 574 с.

45. Ғаффорова, Замира. Ҷамолии Деҳлавӣ ва маснавии “Меҳру моҳ” [Матн]. / Замира Ғаффорова. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2018. – 424 с.

46. Дарёгашт, Муҳаммад Расул. Соиб ва сабки ҳиндӣ дар густураи таҳқиқоти адабӣ [Матн]. / Муҳаммад Расули Дарёгашт. – Теҳрон: Бунёди мавқуфоти Муҳаммад Афшор, 1393. – 704 с.

47. Деҳотӣ, Абдусалом, Раҳимӣ, Муҳаммадҷон. Мирзо Абдулқодири Бедил [Матн]. / Абдусалом Деҳотӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ // Намунаҳои адабиёти тоҷик. – Душанбе, 1940. – С. 186-191.

48. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Аз дафтари айём [Матн]. / Абдулҳусайни Зарринкӯб. – Теҳрон: Илмӣ, 1374. 391.

49. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Нақди адабӣ [Матн]. / Абдулҳусайни Зарринкӯб. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 712 с.

50. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Аз чизҳое дигар. Маҷмӯаи накд, ёддошт, баррасӣ ва намоишномаҳо [Матн]. / Абдулҳусайни Зарринкӯб. – Теҳрон: Асотир,1371. – 370 с.

51. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон [Матн]. / Абдулҳусайни Зарринкӯб. – Теҳрон: Амири Кабир, 1393. – 446 с.

52. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Бо корвони андеша (маҷмӯаи мақолаҳои адабӣ ва фалсафӣ) [Матн]. / Абдулҳусайни Зарринкӯб. – Теҳрон: Амири Кабир,1369. – 426 с.

53. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Сайре дар шеъри форсӣ [Матн]. / Абдулҳусайни Зарринкӯб. – Теҳрон: Интишороти илмӣ,1371. – 600 с.
54. Зеҳнӣ, Турақул. Хотираҳои ман дар бораи Нақибхони Туғрал [Матн]. / Турақул Зеҳнӣ. Чанд сухани судманд: маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Ирфон, 1984. – С. 128-135.
55. Зеҳнӣ, Турақул. Санъати сухан [Матн]. / Турақул Зеҳнӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 400 с.
56. Исмоил, Ислом. Шарҳи Бедил. Дастор ҷӯшонад [Матн]. / Ислом Исмоил // Ҷумҳурият. – 1992. – 16-уми май.
57. Исмоил, Ислом. Шарҳи Бедил. Сари мӯе гар ин ҷо хам шавӣ, бишкан кулоҳ он ҷо [Матн]. / Ислом Исмоил // Ҷумҳурият. – 1992. – 22-уми июл.
58. Исмоил, Ислом. Шарҳи Бедил. Дидаи мо як қадам пеш аст аз мижгони мо / Ислом Исмоил // Ҷумҳурият. – 1992. – 11-уми август.
59. Исмоиил, Ислом. Мо хато гуфтем ё шумо? Ҷавоб ба мақолаи Р. Ҳодизода ва А. Афсаҳ “Ё сухан санҷида гӯй...” [Матн]. / Ислом Исмоил // Ҷумҳурият. – 1992. – 25-уми сентябр.
60. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Ҳофизу Бедил дар муҳити адабии Мовароуннаҳр дар қарни нуздаҳум [Матн]. / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ // Омӯзгор. – 1990. – 10-уми апрел.
61. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Шоири оинаҳо (баррасии сабки ҳиндӣ дар шеъри Бедил) [Матн]. / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Огоҳ,1366. – 338 с.
62. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Мусиқии шеър [Матн]. / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Огоҳ, 1389. – 732 с.
63. Кадканӣ, Муҳаммадризо Кадканӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ [Матн]. / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Интишороти вазорати иттилоот ва култури Ҷумҳурии Исломии Эрон, 1368. – 576 с.

64. Кадканӣ, Шафей. Забони шеър дар насри сӯфиёна. Даромаде ба сабкшиносии нигоҳи ирфонӣ [Матн]. / Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Сухан,1392. – 660 с.

65. Каримов, Усмонов. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри 18 ва аввали асри 19. Қисми якум [Матн]. / Усмон Каримов. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 188 с.

66. Каримпур, Ҳайдар. Бедили Деҳлавӣ [Матн]. / Ҳайдари Каримпур. – Теҳрон: Тиргон, 1375. – 112 с.

67. Козимӣ, Муҳаммадкозим. Калиди дари боз (Раҳёфтҳое дар шеъри Бедил) [Матн]. / Муҳаммадкозим Козимӣ. – Теҳрон: Сураи меҳр,1387. - 352 с.

68. Қанди порсӣ. Фаслномаи фарҳанг ва забону адабиёти форсӣ. Вежаномаи Мирзо Абдулқодири Бедили Деҳлавӣ. Шумораҳои 39-40 [Матн]. / - Деҳлии нав, зимистони соли 1386- баҳори 1387. – 500 с.

69. Лоҳурӣ, Муҳаммад Иқбол. Ҳақиқат ва ҳайрат [Матн]. / Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ. – Теҳрон: Парниёни хаёл, 1395. – 120 с.

70. Маъсумӣ, Носирҷон. Осори Туғрал [Матн]. / Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ. Мунтахаботи ашъор [бо иловаи хотираҳо дар бораи Туғрал]. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 318 с.

71. Махдумзода, Ҳамидулло. Биографии Абудмаонӣ Бедил [Матн]. / Ҳамдулло Махдумзода. – Лимож: Анҷумани дӯстдорони Бедил Адаб, 2013. – 266 с.

72. Мирзоев, Абдулғанӣ. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик [Матн]. / Абдулғанӣ Мирзоев. – Сталинобод: Нашрдав тоҷ, 1947. – 265 с.

73. Мирзоев, Абдулғанӣ. Сездаҳ мақола (Аз таърихи адабиёти асрҳои 10-15-и форсу тоҷик) [Матн]. / Абдулғанӣ Мирзоев. –Душанбе: Ирфон, 1877. – 287 с.

74. Мирзоев, Абдулғанӣ. Мулҳами Бухорой [Матн]. / Абдулғанӣ Мирзоев. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1948. – 121 с.

75. Муллоҷонов, С. Ш. Ритсензия ба “Мирзо Абдулқодири Бедил” ном асари устод Садриддин Айнӣ, Муҳаррирон А. Деҳотӣ ва А. Мирзоев. Аз тарафи сармуҳаррири нашриёти давлатии Тоҷикистон рафиқ Аҳрорӣ 29-уми июни соли 1952 ба чопаш иҷозат дода шудааст [Матн]. / С. Ш. Муллоҷонов // Садои Шарқ. – 2004. – 4. – С. 80-84.

76. Муминов, И. Мирзо Бедилнинг фалсафий қарашлари [Матн]. / И. Муминов. – Тошкент: Ўзбекистон, 1957. – 240 с.

77. Мухторов, Аҳрор. Дурдонаҳои маданияти Тоҷикистон дар ганҷинаҳои маданияти Ҳиндустон [Матн]. / Аҳрор Мухторов. – Душанбе: Адиб, 1984. – 360 с.

78. Мухторов, Аҳрор. Дар сари турбати Бедил [Матн]. / Аҳрор Мухторов // Адабиёт ва санъат. – 2007. – 22- юми феврал.

79. Муҷаддадӣ, Мулломуҳсин. Бедилшиносӣ [Матн]. / Мулломуҳсин Муҷаддадӣ. – Кобул: Пуҳантун, 1350. – 408 с.

80. Муҷаддадӣ, Ғуломҳасан. Муштамил бар адвори ҳаёт, мушаххасоти афкор, хусусиёти ашъор ва мунтахаби осори Абулмаонӣ Мирзо Абдулқодири Бедил. Бо кӯшиши Халилуллоҳи Афзалӣ [Матн]. / Ғуломҳасани Муҷаддадӣ. – Кобул: Амирӣ, 1392. – 464 с.

81. Насриддинов, Абдуманнон. Ашъори Бедил ва завқи бадеии аҳли Хуҷанд [Матн]. / Абдуманнон Насриддинов // Ҳақиқати Ленинобод. – 1989. – 9-уми сентябр.

82. Насриддинов, Абдуманнон. Маърифат ва шарҳи адабиёт [Матн]. / Абдуманнон Насриддинов, - Душанбе: Ирфон, 1991. – 212 с.

83. Насриддинов, Абдуманнон. Нависанда ва шореҳи осори адабӣ [Матн]. / Абдуманнон Насриддинов. – Хуҷанд, 1992. – 195 с.

84. Насриддинов, Абдуманнон. Чиҳил мақола [Матн]. / Абдуманнон Насриддинов. – Хуҷанд: МИИ “Ганҷинаи сухан”, 2007. – 578 с.

85. Неъматсаро, Комрон Замонӣ. Оинадори ҳайрат. Шарҳи Ғазалиёти Бедил. Дафтари аввал [Матн]. / Комрон Замонии Неъматсаро. – Теҳрон: Баёни дониш, 1393. – 445 с.

86. Низомуддинов , И. Мирзо Абдулқодири Бедил [Матн]. / И. Низомуддинов. – Тошкент, 1970. – 160 с.

87. Николаев, П. А., Курилов, А. С. История русского литературоведения [Матн]. / П. А. Николаев, А. С. Курилов, А. Л. Гришунин; под редаксии П. А. Николаев. – Москва: Висшая школа, 1080. – 349 с.

88. Нурзод, Нуралӣ. Фурӯғи фитрати маънӣ (Нашри дувум, бо таҳриру иловаҳо) [Матн]. / Нуралӣ Нурзод. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2008. – 224 с.

89. Нурзод, Нуралӣ. Султони авранги сухан. Нақду баррасии ашъори нақибхон Туғрали Аҳрорӣ-шоире аз мактаби пайравони Бедил дар Фароруд [Матн]. / Нуралӣ Нурзод. – Хуҷанд: Ношир, 2015. – 296 с.

90. Нурзод, Нуралӣ. Шеър ва лузуми шоирӣ аз нигоҳи Бедили Деҳлавӣ [Матн]. / Нуралӣ Нурзод // Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. Бахши илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2016. – 2 (47). – С. 67-76.

91. Нурзод, Нуралӣ. Бобоҷон Ғафуров ва таҳаввули мактаби бедилшиносӣ дар Тоҷикистон [Матн]. / Нуралӣ Нурзод // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии “Академик Бобоҷон Ғафуров-мутафаккири бузурги Шарқ”, бахшида ба 110 солагии зодрӯзи Қаҳрамони Тоҷикистон, аллома Бобоҷон Ғафуров. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. – С. 147-150.

92. Нуров, Нуралӣ. Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил [Матн]. / Нуралӣ Нуров. –Хуҷанд: Ношир, 2020. – 448 с.

93. Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-Аҷам. Ҷилди савум, чаҳорум ва панҷум. Таҳияи Абдухолиқ Набавӣ [Матн]. / Шиблии Нуъмонӣ. Душанбе: ДДОТ, 2015. – 576 с.
94. Олимов, Кароматулло. Баррасиҳо дар тасаввуф [Матн]. / Кароматулло Олимов. Душанбе: Шарқи озод, 1999 – 140 с.
95. Одина, М. Кафи хоке, ки барбодаш тавон дод: андешаҳо перомуни як байти Бедил [Матн]. / М. Одина // Омӯзгор. – 2012. – 19-уми октябр.
96. Олимҷонов, М. Корбурди вежаи бархе аз пасвандҳои исмсоз дар шеъри Бедил [Матн]. / М. Олимҷонов // Номаи садоқат ( маҷмӯаи маҷолаҳо ба ифтихори 60-солагии доктори илмҳои таърих, профессор В. Набиев). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2012. – С. 353-360.
97. Олимҷонов, М. Калимаҳои умумиистеъмолӣ дар ашъори Бедил [Матн]. / М. Олимҷонов // Шукуфаи ирфон [маҷмӯаи мақолаҳо ба ифтихори 60-солагии доктори илмҳои филология, профессор Н. Файзулоев] [Матн]. / - Хуҷанд: Нури маърифат, 2012. – С. 246-254.
98. Олимҷонов, М. Назаре ба ихтирооти Бедил дар калимасозӣ [Матн]. / М. Олимҷонов // Ахбори ДДҲБСТ. – 2012. – 4. – С. 223-230.
99. Олимҷонов, М. Чун иборат нозук афтад, ранг мазмун мешавад [Матн]. / М. Олимҷонов // Паёми Суғд. – 2013. – 5.- С. 93-100.
100. Орзу, Абдулғафур. Дар хонаи офтоб. Сайре дар аҳвол ва осори Бедил [Матн]. / Абдулғафури Орзу. – Теҳрон: Сураи меҳр, 1387. – 248 с.
101. Орзу, Абдулғафур. Бутиқои Бедил [Матн]. / Абдулғафури Орзу. – Машҳад: Тарона, 1378. – 205 с.
102. Орзу, Абдулғафур. Муқоисаи инсони комил аз дидгоҳи Бедил ва Ҳофиз [Матн]. / Абдулғафури Орзу. – Теҳрон: Сураи меҳр, 1388. – 595 с.
103. Орзу, Абдулғафур. Тарсадои Бедил [Матн]. / Абдулғафури Орзу. – Кобул: Майванд, 1389. – 184 с.

104. Пуролоштӣ, Ҳусайн Ҳасан. Тарзи тоза. Сабкшиносии ғазали сабки ҳиндӣ [Матн]. / Ҳусайн Ҳасани Пуролоштӣ. – Теҳрон: Сухан, 1374. – 269 с.

105. Раҳимӣ, Бобобек. Шарҳи шаст Ғазали Бедил [Матн]. / Бобобек Раҳимӣ. – Душанбе: Деваштич, 2001. – 290 с.

106. Раҳимӣ, Бобобек. Аз таърихи нашри осори Бедил [Матн]. / Бобобек Раҳимӣ // Садои Шарқ. – 2008. – 11. – С. 122-143.

107. Раҳимӣ, Бобобек. Ошноӣ бо Бедил [Матн]. / Бобобек раҳимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 568 с.

108. Раҳимӣ, Бобобек. Зиндагиномаи Бедил [Матн]. / Бобобек Раҳимӣ. – Душанбе: ЭР- Граф, 2017. – 496 с.

109. Раҳимӣ, Бобобек. Тавсифи осори Бедил [Матн]. / Бобобек Раҳимӣ. – Душанбе: ЭР- Граф, 2018. – 208 с.

110. Раҳимӣ, Бобобек. Аз таърихи шарҳи осори Бедил [Матн]. / Бобобек Раҳимӣ. Ошноӣ бо Бедил. – Душанбе: Ирфон, 2009. – С. 412-441

111. Раҳимӣ, Бобобек. Шарҳи як байти Бедил [Матн]. / Бобобек Раҳимӣ. Ошноӣ бо Бедил. – Душанбе: Ирфон, 2009. – С. 442-450.

112. Раҳимӣ, Бобобек. Бедилшиносӣ чӣ маънӣ дорад? [Матн]. / Бобобек Раҳимӣ. Ошноӣ бо Бедил. – Душанбе: Ирфон, 2009. – С. 451-458.

113. Раҳмонов, Абдуҷаббор. Шамсиддин Шоҳин ва анъанаи ғазалсароӣ дар адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри 19 ва аввали асри бист [Матн]. / Абдуҷаббор Раҳмонов. – Душанбе, 2006. – 216 с.

114. Риҷо, Абдулғафур. Назаре ба ирфони Бедил [Матн]. / Абдулғафури Риҷо. –Лондон: Арас, 1374. - 227 с.

115. Садикова, Н. Философия Мирзо Абдулкадира Бедиля [Матн]. / Н. Садикова. – Душанбе: Дониш, 2007. – 248 с.

116. Сайфуллоев, Атохон. Зуфархон Ҷавҳарӣ [Матн]. / Атохон Сайфуллоев.- Душанбе: 2002. – 290 с.

117. Саидолим, К. Нақши устод Айнӣ дар таҳқиқи рӯзгор ва осори Мирзо Бедил [Матн]. / К. Саидолим // Адаб. – 2020. – 2. – С. 5-9.
118. Салимов, Юсуф. Хусусиятҳои ғоявии осори Мирзо Бедил [Матн]. / Юсуф Салимов. Ёдгори умр. Ҷилди 2. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – С. 251-258.
119. Салимов, Юсуф. Инкишофи эҷодиёти Бедил ё тавсифи асарҳои Бедил [Матн]. / Юсуф Салимов. Ёдгор умр. Ҷилди 2. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – С. 241-262.
120. Саъдиев, Садрӣ. Маркази адабии Самарқанд дар шоҳроҳи таърих [Матн]. / Садрӣ Саъдиев. – Тошкент: Ўзбекистон миллий энсиклопедиясӣ, 2012. – 400 с.
121. Сатторов, Абдунабӣ. Нуктаи пайванд. Баъзе масъалаҳои инкишофи шеър ва нақди адабӣ [Матн]. / Абдунабӣ Сатторзода. – Душпнбе: Ирфон, 1982. – 238 с.
122. Сатторов, Абдунабӣ. Таърихчаи назариёти адабии форсу тоҷик [Матн]. / Абдунабӣ Сатторов. – Душанбе: Адиб, 2001. – 144 с.
123. Сатторзода, Абдунабӣ. Бедилшиносӣ дар Тоҷикистон [Матн]. / Абдунабӣ Сатторзода // Адабиёт ва санъат. – 2017. – 1-уми июн.
124. Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷилди 5 (1) [Матн]. / Забеҳуллои Сафо. – Теҳрон: Фирдавс, 1386. – 635 с.
125. Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷилди 5 (2) [Матн]. / Забеҳулло Сафо. – Теҳрон: Фирдавс, 1386. – С. 635-1420.
126. Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷилди 5 [3] [Матн]. / Забеҳулло. – Теҳрон: Фирдавс, 1386. – С. 1421-2012.
127. Саҷҷодӣ, Саидҷаъфар. Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ [Матн]. / Сидҷаъфар Саҷҷодӣ. – Теҳрон: Таҳурӣ, 1370. – 824 с.
128. Сӣ мақола дар бораи Бедил. Гирдоваранда Муҳаммад Сарвари Покфар [Матн]. / - Кобул: Мизон, 1365. – 401 с.

129. Сиддиқӣ, С. Садри Зиё ва тазкираи ӯ [Матн]. /  С. Сиддиқӣ. – Душанбе: шаҳривари 1389-и ҳиҷрии шамсӣ-1-уми сентябри 2010.
130. Суханварони сайқали рӯи замин. Тартибдиҳандагон: Турақул Зеҳнӣ ва Садрӣ Саъдиев [Матн]. /  - Душанбе: нашриёти Ирфон, 1973. – 241 с.
131. Табаров, Соҳиб. Тазоди ду ақида: мутолиа, омӯзиш ва таҳқиқи осори А. Бедил дар эҷодиёти С. Айнӣ [Матн]. /  Соҳиб Табаров [Матн]. / [Матн]. /  Садои Шарқ. – 2004. – 10-12. – С. 73-79.
132. Тағоймурод, Р. Равзанаи фаҳм ба баъзе хусусиятҳои ашъори Бедил [Матн]. /  Р. Тағоймурод //  Адаб. – 1996. – 1-6. – С. 26-35.
133. Улуғзода, Сотим. Аҳмади Дониш [Матн]. /  Сотим Улуғзода. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ,1945. – 88 с.
134. Футуҳӣ, Маҳмуд. Балоғати тасвир [Матн]. /  Маҳмуд Футуҳӣ. – Теҳрон: Сухан, 1375. – 461 с.
135. Футуҳӣ, Маҳмуд. Нақди адабӣ дар сабки ҳиндӣ [Матн]. /  Маҳмуд Футуҳӣ. – Теҳрон: Сухан, 1375. – 430 с.
136. Футушӣ , Маҳмуд. Нақди хаёл [Матн]. /  Маҳмуд Футуҳӣ. – Теҳрон: Рӯзгор, 1379. – 527 с.
137. Халилӣ, Халилуллоҳ. Файзи қудс: аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодир Бедили Деҳлавӣ. Бо эҳтимоми доктор Иффат Мусташорниё [Матн]. /  Халилуллоҳ Халилӣ, - Теҳрон: Ирфон, 1386. – 222 с.
138. Халилӣ, Халилуллоҳ. Файзи қудс ( Шарҳи аҳволу рӯзгор ва таҳлили ашъори Бедил). Бо кӯшишу таҳия: Ҷаъфари Ранҷбар [Матн]. / Халилуллоҳ Халилӣ, - Душанбе: ҶДММ “Ганҷи хирад”, 2020. – 151 с.
139. Хислатӣ, Ҳамид. Оинадори олами ранг [Матн]. / Ҳамид Хислатӣ, - Теҳрон: Парниёни хаёл, 1395. – 154 с.
140. Хоксор, Абдулҳаким. Талмеҳ дар ашъори Бедил [Матн]. / Абдулҳаким Хоксор. Кобул: Саид, 1382. – 226 с.

141. Холшевников, В. Е. Стиховедение и поэзия [Матн]. / В. Э. Холшевников. – Ленинград: Издателства ленинградского Университета, 1991. – 256 с.
142. Ҳабиб, Асадуллоҳ. Вожаномаи шеъри Бедил. Ба эҳтимоми доктор Сайид Маҳдии Таботабоӣ [Матн]. / Асадуллоҳи Ҳабиб. – Теҳрон: Сураи меҳр, 1393. – 344 с.
143. Ҳамдам, Бахтиёр. Савмааи маърифат [Андешаҳо перомуни ашъори Мирзо Бедил ва пайравони ӯ [Матн]. / Бахтиёри Ҳамдам. – Ғончӣ, 1999. – 170 с.
144. Ҳодӣ, Набӣ. Абдулқодири Бедил [зиндагӣ, нақд ва баррасӣ ва гузидаи осор].Тарҷумаи доктор Тавфиқ Субҳонӣ [Матн]. / Набии Ҳодӣ. – Теҳрон: Қатра, 1376. – 208 с.
145. Ҳодизода, Расул. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри 19 [Матн]. / Расул Ҳодизода. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 294 с.
146. Ҳодизода, Расул. Аҳмади Дониш [Матн]. / Расул Ҳодизода. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 294 с.
147. Ҳодизода, Расул, Каримов, Усмон, Саъдиев, Садрӣ. Адабиёти тоҷик. Асрҳои 16-19 ва ибтидои асри бист [Матн]. / Расул Ҳодизода...- Душанбе: Маориф, 1988. – 416 с.
148. Ҳодизода, Расул, Афсаҳ, Ансор. Муддаӣ, даргузар аз даъвии тарзи Бедил... [Матн]. / Расул Ҳодизода, Ансор Афсаҳ [Матн]. / [Матн]. / Ҷумҳурият. - !992. – 24-уми октябр.
149. Ҳусайнӣ, Ҳасан. Бедил, Сипеҳрӣ ва сабки ҳиндӣ [Матн]. / Ҳасани Ҳусайнӣ. – Теҳрон: Суруш, 1378. – 150 с.
150. Ҳусайнӣ, Сайид. Ҷаҳони Бедил [Матн]. / Сайид Ҳусайнӣ.- Теҳрон: Ирфон, 1393. – 510 с.
151. Шамисо, Сирус. Сайри ғазал дар шеъри форсӣ [Матн]. / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Фирдавс, 1369. – 312 с.

152. Шакурӣ, Муҳаммадҷон. Садри Бухоро. Чопи дувум. Бо тасҳеҳ, такмил ва иловаҳо [Матн]. / Муҳаммадҷони Шакурӣ. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 330 с.

153. Шарифов, Б. Муаммои "Парӣ"-и Мирзо Бедил [Ғалате, ки бояд ислоҳ шавад] [Матн]. / Боймурод Шарифов // Омӯзгор. -2012. – 9-уми март.

154. Шарифов, М. Куллиёти бо дасти худи Бедил навишташуда кай вориди Бухоро шуд: Роҷеъ ба Куллиёти Бедил [Матн]. / М. Шарифов // Рӯзгор. – 2014. – 29-уми январ.

155. Шарифов, Худоӣ. Балоғат ва суханварӣ [Матн]. / Худоӣ Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 278 с.

156. Шарифов, Худоӣ. Каломи бадеъ [Матн]. / Худоӣ Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 160 с.

157. Шукуров, Шавкат. Муҳаққиқи забардасти Бедил [Матн]. / Шавкат Шукуров // Ҳақиқати Ӯзбекистон. – 1978. – 16-уми март.

158. Шукуров, Шавкат. Сабки ғазалиёти Бедил [Матн]. / Шавкат Шукуров // Масъалаҳои филология ва робитаҳои адабӣ. – Самарқанд: Зарафшон, 1977. – С. 286-292 с.

159. Шукуров, Шавкат. Мероси манзуми Бедил [Матн]. / Шавкат Шукуров. – Тошкент, 1980. – 134 с.

160. Шукуров, Шавкат. Нигоҳи Аҳмади Дониш ба Мирзо Бедил ва пайравони ӯ [Матн]. / Шавкат Шукуров // Садои Шарқ. – 2006. – 10. – С. 147-150.

161. Шуур, Асадуллоҳ. Бедилгароӣ ва мируре бар заминаҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва иҷтимоии он дар Афғонистон [Матн]. / Асадуллоҳ Шуур. – Кобул: Адаб, 1387. – 120 с.

# ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

**I.Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

**[1-М].** Муродов Б.С. Андешаҳо перомуни сабк ва услуби Бедил / Б. С. Муродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №3 (129). – Душанбе: Сино, 2021 – С.190-196.

**[2-М].** Муродов Б.С. Ҷустуҷӯҳо дар шинохти замони зиндагии Бедил / Б. С. Муродов // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. №6 (95). – Душанбе, 2021. – С.178-181.

**[3-М].** Муродов Б.С. Баҳсҳо дар бораи вежагиҳои тарзи тасвир, забон ва сабки Бедил / Б. С. Муродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. №7. – С.206-212.

**[4-М].** Муродов Б.С. Зистномаи Бедил ва бозсозии он дар Бедилшиносии тоҷик / Б. С. Муродов // Паёми Донишкадаи забонҳо. – Душанбе, 2021. №4 (44). С.113-116.

**[5-М].** Восиева Р.Қ., Муродов Б.С. Таъсир ва хидмати Аҳмади Дониш дар шинохти воқеии чеҳраи аслии Бедил / Р. Восиева, Б.С. Муродов // Суханшиносӣ. Маҷаллаи илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рудакии академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. №1. – С.83-95.

II.**Мақолаҳо дар маҷмуаву маҷаллаҳои дигари илмӣ:**

**[6-М].** Муродов Б.С. Холиқ Мирзозода - андар пажӯҳиши ҷараёни тасаввуф /Маводи конференсияи байналмиллалии илмӣ-назаривӣ дар мавзӯи “Холиқ Мирзозода ва адабиётшиносии тоҷик дар асри XX” ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, 2021. с 414-420.

**[7-М].** Муродов Б.С. Зиндагиномаи Бедил ва бозсозии он дар Бедилшиносии тоҷик “Муҳаққиқ”№3[48], 2020-Маҷаллаи илмӣ-омӯзишии муҳаққиқони ҷавон. ДДОТ ба номи С. Айнӣ. с 51-54.

**[8-М].** Муродов Б. Авомили руҳӣ ва заминаҳои завқиву адабии нуфузи Бедил дар ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр. Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 90- солагии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ [24-25 декабри соли 2021] с. 198-204.

**[9-М].** Муродзода Б. Нуфузи забони тоҷикӣ дар қораи Ҳинд. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ дар мавзӯи "Рушди забони тоҷикӣ дар замони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт [3 –юми октябри соли 2024 ] . с 31-34